**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 61(575.3) (09)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАҲМАДОВ ИБРОҲИМ МИРЗОШАРИФОВИЧ**

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ (СОЛҲОИ 1924 – 1991)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**
**(таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих**
**Абдураҳмонов З.В.**

**ДУШАНБЕ - 2022**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА........................................................................................3-16**

**БОБИ 1. ТАЪСИСЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-60-УМИ АСРИ ХХ..................................17-66**

1.1. Барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 20-30 асри ХХ)..........17-32

1.2. Фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ..........................................................................32- 45

1.3. Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 асри ХХ...............................................................................................45-66

**БОБИ 2. СИЁСАТИ ДАВЛАТИ ШӮРАВӢ ДАР ТАЪМИНИ СОҲАИ ТИБ БО МУТАХАССИСОНИ МАҲАЛЛӢ ВА ИНКИШОФИ МИНБАЪДАИ СОҲАИ ТИБ ДАР СОЛҲОИ 1970-1991...................67-142**

2.1. Сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1950-1990)...................................................67-82

2.2. Мубориза и кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон (солҳои 1970 - 1991.......................................................................82-107

2.3. Рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1980-1991).............................................107-124

2.4. Саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................................................125 -142

**ХУЛОСА.........................................................................................143 - 152**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ ...............................................................153 - 168**

**ЗАМИМАҲО...................................................................................169 - 180**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Таҷрибаи илмӣ нишон медиҳад, ки илми таърих на танҳо сиёсати давлатҳо, балки инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро, ки омилҳои асосии пешрафти ин ва ё он самти инкишофи давлатро муайян мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Соҳаи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа буда, дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, вазъи саломатии ҷомеа ва сабабҳои афзоиш ва камшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Рисолаи мазкур қисми муҳимми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз, таҳқиқи ин мавзуъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯйи кор оварда шудаанд. Кори илмӣ ба соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шуда, хронологияи рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаро дар солҳои 1924 –1991 дар бар мегирад. Аз тарафи мо, таърихи тибби тоинқилобии мардумии тоҷик сарфи назар нашудааст, баръакс, он заминаи тибби замонавӣ буда, ба ҷаҳониён олимони бузург, аз қабили Закариёи Розӣ (865-925), Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ва дигар шахсиятҳои барҷастаи соҳаи тибро муаррифӣ намудааст. Таҳқиқоти мазкур хусусияти байнифаннӣ дошта, барои таърихи тибби Тоҷикистон муҳим аст.

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат чунин қайд намуданд: «... дар натиҷаи паҳн шудани бемории сироятии коронавирус ва вобаста ба он босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ вазъияти сайёра боз ҳам муташанниҷ гардида, ба бӯҳрони шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад. Паёомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодааст». Бо арзёбии вазъи муташанниҷи

ҷаҳон, дар соли 2020, Пешвои миллат дар Паёми худ таъкид намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат тамоми неруву қудрати худро баҳри ҳифзу ҳимояи мардум аз бухрони ҷаҳонии бавуҷудомада равона кардааст». Ба соҳаи тандурустӣ барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ, бунёди беморхонаҳои муваққатӣ ва дастгирии кормандони тиб аз буҷети давлат 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона карда шуданд[1].

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот** иборат аст, аз:

- мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтани рушди соҳаи тиб дар мисоли яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, саҳифаҳои таърихи он оид ба рушди тибби муосир дар солҳои 20-уми асри ХХ, хусусан, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ, ки мушкилии фоҷиабор барои мардум маҳсуб меёфт;

- пешкаши ҷанбаҳои таърихии инкишофи соҳаи тиб мавриди омӯзиш қарор гирифта, алоқамандии он аз системаи сиёсӣ, сохтори идорӣ ва алоқамандӣ бо илм;

- таҳлили давраҳои инкишофи соҳаи тандурустӣ зина ба зина, рушди тиб, мушкилоти соҳа, ҳодисаҳои сиёсии бавуҷудомада ва таъсири он дар мисоли минтақаи Кӯлоб аз нуқтаи назари илмӣ-муқоисавӣ;

- саҳмгузорӣ дар омӯзиши таърихи замони муосири халқи тоҷик тавассути методҳои нави дар таҳқиқоти проблемаи мазкур пешниҳодшуда;

- таҳлили маводи бойгонӣ, далелҳои таърихӣ, хотираҳои собиқадорони соҳа, ҳодисаҳои давраи солҳои 1924-1991 аз нуқтаи назари илми таърих; баровардани хулосаҳои илмӣ дар асоси муайян кардани ҷанбаҳои асосии инкишофи соҳаи тиб; истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаи таърихи тиб ҳамчун сарчашмаи илмӣ баҳри ривоҷу равнақи соҳа.

Таҳқиқоти мазкур таърихи тибби замони Шуравиро таҳлил намуда, таҷрибаи бойи онро ҳамчун роҳнамо барои табибони имрӯз ва

---

[1] Паёми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. - соли 2021. -С.12.

фардои Тоҷикистон пешниҳод менамояд, то ки муҳаққиқони ҷавон тавонанд аз таҷриба, корнамоӣ, фидокорӣ ва садоқат ба кор, дар фаъолияташон истифода намоянд.

**Сатҳи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот.** Мавзуи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб борҳо дар асарҳои олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ таъкид шудааст. Аммо омӯзишу таҳқиқи ҳаматарафаи мавзуъ нишон медиҳад, ки он бештар дар шакли мақолаҳову гузоришҳо баён ёфта, дар ин самт то кунун таҳқиқоти ҷудогонае сурат нагирифтааст. Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ ба ташаккул ва рушди тибби минтақа бахшида шуда, фарогири маводҳои таҳқиқи соҳавӣ мебошад. Дар таълифи дисертатсия аз маводҳои бойгонии шаҳру ноҳияҳо, беморхонаҳои марказӣ, бойгонии шахсии собиқадорони соҳа, маҷалла ва нашрияҳои воситаҳои ахбори омма, таҳқиқотҳои саҳроӣ, аз ҷумла, маводҳои бойгонии Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб[3], Бойгонии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон[4], Муассисаи бойгонии давлатии шаҳри Кӯлоб[5], хотираҳои кормандони собиқадори соҳаи тиб, собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар соҳаи тибби ҳарбӣ хизмат намуданд, маълумоти омории беморхонаҳои марказӣ ва таҳқиқоту сарчашмаҳои соҳавӣ, маълумоти ҳисоботии муассисаҳои тиббӣ ва маълумоти бойгонии шахсии Бегматов М.Б.[6], Ҳақназаров А.[7], Раҷамадов С.[8], Маҳмуродов М.[9], Муродов С.[10] истифода гардиданд.

---

[2] СБҲҶТ- фонди 279., описи 21.
[3] БДВХК- фонди 86., фонди-3., описи 7.
[4] БВТҲҶТ-фонди 279., описи 21.
[5] МБДШК фонди 86., фонди-8.
[6] Бегматов, М.Б. Маълумоти бойгонии Котиби аввали Ҳизби коммунистӣ ва раиси собиқадорони ҷангу меҳнат дар минтақаи Кӯлоб. 17.03.2015 ва солҳои 2017., 2018.
[7] Ҳақназаров, А. (собиқ сардори рёсати тандурустии минтақаи Кӯлоб). 16.05.2016., 17.08.2017.
[8] Раҷамадов, С. (мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб). 25.10.2015.
[9] Маҳмуродов, М. (мудири шуъбаи методиву ташкилии раёсати тандурустии минтақаи Кӯлоб). 17.05.2016.

Нуқтаҳои алоҳидаи инкишофи сохти иҷтимоӣ ва сиёсии давлат ва таъсири он ба инкишофи илм, аз ҷумла соҳаи тиб, дар китобҳои Р.А. Абулҳаев оварда шудаанд. Дар асарҳои Р.А. Абулҳаев сар задани бемориҳо ва алоқамандии онҳо бо заминҳои нав ва муҳоҷирати аҳолӣ нишон дода шудааст[11]. Чунин алоқамандии иқлим ва муҳоҷират, дар ҳақиқат, солҳои 30-40-уми асри XX яке аз омилҳои асосии паҳншавии бемориҳои сироятӣ гардида буд. А.Ғафуров низ давраи гузариш аз сохти аморат ба низоми нави идоракунӣ - Шуравиро таҳлил карда, таъсиси аввалин сохторҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла, фаъолияти комиссариатҳо доир ба тандурустиро низ зикр мекунад.[12] Маълумоти муфассал оид ба инкишофи соҳаи тибби анъанавӣ ва муосир дар китобҳои Ғ. Ғоибов[13], Б. Искандаров[14], Н.А. Кисляков[15], А. Мухторов, Ш. Юсупов, А. Раҳматуллоев, Х. Сатторов, Н. Тоҷов ва дигарон оварда шудаанд[16].

Таърихнигории тибби тоҷик вобаста ба давраҳои инкишофи соҳа, қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳқиқоти олимон доир ба тибби анъанавӣ-классикӣ;

---

10. Муродов, С. сардухтури беморхонаи минтақавии касалиҳои пӯст ва зуҳуравӣ дар шаҳри Кӯлоб. 8.04.2017.

11 Абулхаев, Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана- Душанбе, 1972; Р.А. Абулхаев Исторический опыт ирригационных строительств и освоения земель в Таджикистане (1961-1987 гг.). – Душанбе, 1991; Абулҳаев Р.А. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2000).-Душанбе, 2009.

12 Гафуров, А. Ревкомы Таджикистана (1917-1924).-Душанбе, 2008.

13 Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз (История Хатлона от истоков до современности). -Душанбе.-2011.

14 Искандаров, Б.И. Из истории проникновения капиталистических отношений в экономику дореволюционного Таджикистана (второй половине XIX в.) - Душанбе, 1966.

15 Кисляков, Н.А. Патриархально-феодальные отношения среди оседлого сельского населения Бухарского ханства в конце XIX-начале XX вв. –М.Л., 1962.

16 Мухторов, А., Юсупов Ш. Шӯриши Восеъ (бахшида ба 100-солагии шӯриши Восеъ) (Восстание Восе (в честь 100-летия восстания Восе). –Душанбе, 1998; Мухторов, А. Раҳматуллоев, А. Таърихи халқи тоҷик (История таджикского народа). Ҷ.1.- Душанбе, 2002; Раҳматуллоев, А., Сатторов, Х., Тоҷов, Н. Таърихи халқи тоҷик (История таджикского народа). Ҷ.1-2. – Душанбе, 2008, 2009. Лисицын, Ю. П. История медицины. М,: 2008; Нуралиев, Ю.Н. Эпоха рождения гениев. //Таджикистан, 1999, -№9. – С.48-58; Гулямов, М.Г. Здравоохранение Таджикистана, 1980. -№2. - с. 6-11.

- инъикоси ташаккулёбии тибби типи нав дар давраи барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ то солҳои 30-юми асри XX;

- таърихнигории тибби минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

- таърихи инкишофи тибби минтақаи мазкур дар солҳои 50-60-уми асри XX;

- инъикоси давраи рушди соҳа дар солҳои 70-80-уми асри XX.

Дар ин аснод тақсимбандии марҳилаҳои таърихии инкишофи тиб дар Осиёи Миёна, ки аз тарафи олимон пешниҳод гардидааст, боиси таваҷҷуҳ буда, давраҳои зеринро дарбар мегирад:

- давраи аввал, солҳои 1921-1924 аввалин экспидитсияҳои тропикӣ;

- давраи дуюм, солҳои 1924-1932, яъне давраи мубориза бо бемории ришта ба ҳисоб меравад. Дар ин давра олимони рус Л.Ф. Бурова ва И.А. Кассирский номгӯйи пурраи бемориҳои сироятии минтақаи Осиёи Миёнаро тартиб медиҳанд;

- давраи сеюм, солҳои 1932-1937 бемории нағзак (оспа) пурра аз байн бурда шуд;

- давраи чаҳорум, солҳои 1937-1941 мубориза бо бемориҳои минтақавӣ;

- давраи панҷум, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи тиб ҳамчун соҳаи ёрирасон барои фронт хизмат кард, аммо ин давра аз соли 1941 то 1945 давраи идомаи мубориза бо бемориҳои сироятӣ диниста шуд;

- давраи шашум, солҳои 1945-1957 мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва аз байн бурдани бемориҳои карантинӣ[17].

Ба ақидаи мо, чунин даврабандии таърихи тибби замони Шуравӣ, солҳои минбаъдаи инкишофи соҳаро ба назар намегирад. Аз ин лиҳоз, бар он назарем, ки солҳои 60 – 80-уми асри XX ҳамчун давраи алоҳидаи инкишофи тиб, дорои хусусиятҳои хоси илмӣ ва технологӣ буда, давраи

---

[17] Махсумов, М.Д. История развития медицинской науки в Узбекистане /Молодой учёный//. - 2016, №6.-С.642-645.-URLhttps://moluch.ru/archive/110/27201/дата обращения: 20-01-2020 года.

охирони инкишофи тибби Шуравиро ташкил медиҳад. Масоили таърихи тиб, инчунин, дар асарҳои олимони соҳаи таърихи тоҷик низ оварда шуда, дар доираи таърихи ватанӣ ва инкишофи илми тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст[18].

Инчунин, масъалаи инкишофи соҳаи тиб дар асарҳои муаррихони зерин З.Ш. Раҷабов, Р.Н. Набиева, Ф.Б. Зикриёев, М.Ф. Зикриёева, Ҳ. Пирумшоев, М. Эркаев мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст[19].

Соҳаи тибби даврони Шуравӣ дар асари бисёрҷилдаи "История таджикского народа (Таърихи халқи тоҷик)" низ оварда шудааст[20].

Соли 1967 аз тарафи олимони тоҷик зери роҳбарии Я.Т. Тоҷиев китоби «Тараққиёти илми тиб дар Тоҷикистон» аз чоп баромад, ки дар

---

[18] Ғафуров, Б.Г. Тоҷикон (Таджики).-Душанбе, 1998; Антоненко, Б.А. История таджикского народа.- М., 1964; Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик (История таджикского народа). - Душанбе, 2007; Ҳотамов, Н.Б. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъди ҷангӣ (1941 – 1950) (Таджикистан в годы Великой отечественной войны и послевоенном восстановлении). - Душанбе, 2010; Иркаев, М.И. История гражданской войны в Таджикистане. -Душанбе: Ирфон, 1970; Иркаев, М., Николаев, Ю., Шарофов, Я. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ (Очерки по истории советского Таджикистана), Сталинабад, 1960. – С.192-194; Шарифзода, Б. Барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ дар гурӯҳи районҳои минтақаи Кӯлоб (Установление советской власти в группе районов Кулябского региона). Душанбе, 1962; Дости Шариф. Таърихи Хатлон (История Хатлона). - Куляб 1985; Набиева, Р., Зикриёев, Ф.Б. История Таджикистана в XX и начале XX1 вв. - Душанбе, 1999; Набиева, Р.Н. Занони Тоҷикистон (Женщины Таджикисттана). – Душанбе, 1991; Набиева, Р.А., Зикриёев, Ф.Б. Таърихи халқи тоҷик (История таджикского народа). – Душанбе, 2001; Набиева, Р.А., Зикриёев, Ф.Б. Зикриёева, М.Ф. Таърихи халқи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри XXI (История таджикского народа в XX начале-XXI вв.). – Душанбе, 2009; Пирумшоев, Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ (История изучения восстания Восе). – Душанбе, 1992; Раҷабов, З.Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ – сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX (Из истории общественно-политической мысли таджикского народа в второй половине XIX начале XX вв.). - Сталинабад, 1959; Эркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон (Установление и упрочнение Советской власти в Таджикистане).- Душанбе, 1966.

[19] Набиева, Р.Н. Занони Тоҷикистон. – Душанбе, 1991; Набиева, Р.А., Зикриёев, Ф.Б. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2001; Набиева, Р.А., Зикриёев, Ф.Б. Зикриёева, М.Ф. Таърихи халқи точик дар асри XX ва ибтидои асри XXI. – Душанбе, 2009; Пирумшоев, Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ. –Душанбе, 1992; Раҷабов, З.Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. - Сталинобод, 1959; Эркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон.- Душанбе, 1966.

[20] История таджикского народа. Т.VI. (Новейшая история) – Душанбе: Империал-Групп, 2011. – С.94.

он бори аввал таърихи тибби ҶШС Тоҷикистон муаррифӣ гардид[21]. Соли 1980 бахшида ба 50-солагии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино китоби «Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон - 50 сол» аз чоп баромад, ки дар он таърихи муассисаи илмӣ-таълимӣ инъикос гардид ва ин китоб низ қисмати асосии таърихи соҳаи тибро ташкил намуд, зеро самти омода кардани мутахассисони ин соҳаро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода буд[22]. Соли 1993 бо кӯшиши коллективи устодони Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон китоби дарсӣ бо номи "Таърихи мухтасари тибби тоҷик" аз чоп баромад, ки дар он таърихи тибби тоҷик аз давраи охири асри XIX то охири асри XX ҷамъоварӣ гардид[23]. Нашри ин китобҳо барои омӯзиши таърихи тибби тоҷик аҳамияти калон доштанд, зеро дар онҳо маълумоти илмӣ оид ба таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар Тоҷикистон нигошта шуда буд. Аммо ин китобҳо шакли таърихи мухтасар доштанд, аз ин лиҳоз, омӯзиши соҳаи тандурустӣ тадқиқоти навро талаб мекард. Дар ин масир аҳамияти рисолаи илмии М.А. Марченко бештар қобили таваҷҷуҳ аст, зеро таърихи тибби тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро мавриди таҳқиқ қарор дода буд[24]. Таҳқиқот қаҳрамонии табибони тоҷик ва дигар халқҳои Шуравиро дар солҳои душвори ҷанг нишон додааст, аммо он танҳо панҷ соли таърихи тибби Тоҷикистонро (1941-1945) дар бар гирифт ва бо сабаби маҳдудиятҳои хронологӣ пурра таърихи тибби тоҷикро инъикос карда натавонист. Маҳз аз ҳамин сабаб, таҳқиқоти соҳаи тиб аз самти таърих берун монда, танҳо тавассути китобҳои алоҳида ва мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ дастраси умум гардид[25].

[21] Тараққиёти илми тиб дар Тоҷикистон (Развитие медицинской науки в Таджикистане), под редакцией К.Т. Таджиева. – Душанбе 1967. - С.10.
[22] Таджикский Государственный мединститут имени Абуали ибн Сино.- Душанбе 1980.- С.7.
[23] Исхаки, Ю.Б., Таджиев, Я.Т. Таърихи мухтасари тиббии тоҷик (Краткая история таджикской медицины).- Душанбе, 1993.-С.11.
[24] Марченко, М.А. Вклад здравоохранение Таджикистана в победу в Великой отечественной войне 1941-1945 гг. - диссер. 14.00.33.- Душанбе, 2004.
[25] Шарифов, Д., Зокиров, С. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб (Из истории образования, культуры и медицинских

Корнамоии кормандони соҳаи тиб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асарҳои Н. Ҳотамов[26], Л.П. Сечкина[27] низ инъикос ёфтаанд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, нуқтаҳои асосии Стратегияи давлатии рушди соҳаи илм ва инноватсия барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар самти инкишофи соҳаи тибро дар доираи илми таърих дар мисоли минтақаи Кӯлоб мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи рисола, таҳлили инкишофи соҳаи тибби собиқ вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1991 мебошад. Барои расидан ба ҳадаф дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштаем:

- таҳлили вазъияти санитарии минтақаи Кӯлоб ва ҳолатҳои фоҷиабор вобаста ба беморихои сироятӣ дар давраи то соли 1920;

---

учреждений Кулябской области)., - Куляб, 1991; Раҳматзода, И., Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб (История медицины и известных врачей Кулябского региона). - Душанбе, 2010; Маҳмадов, И. Аз таърихи таъсисёбии беморхонаҳои пӯст ва зухуравӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (Из истории формирования кожных больниц в Кулябском регионе Хатлонской области) /И.Маҳмадов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017.- №3/4 – С.78-80.; Маҳмадов, И. Барқарор ва рушди соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (Восстановление и развитие медицины в Кулябском регионе Хатлонской области) (1920-1990), /И.Маҳмадов// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017. -№3/5. – С. 136-140.; Маҳмадов, И. Аз таърихи пайдоиш ва рушди соҳаи тандурустии ноҳияи Фархор (Из истории возникновения и развития здравоохранения Фархарского района) /И.Маҳмадов// Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Насущные задачи образования и науки в период глобализации).-Куляб, 2020. – С. 49-51.

[26] Ҳотамов, Н.Б. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (Таджикистан в период ВОВ и в после военном восстановлении) (1941 – 1950). - Душанбе, 2010.

[27] Сечкина, Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны, Душанбе,1960. - С.57; Она же. Коммунистическая партия Таджикистана в годы Великой Отечественной войны.- Душанбе, 1970. – С. 297; Она же. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (1941 – 1945). – Душанбе, 1989.

- таҳқиқи пурраи давраи аввали таъсисёбии тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб ва манзур додани бартарии он нисбат ба тибби анъанавӣ;

- инъикоси корнамоиҳои кормандони тибби Шуравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ, саҳми онҳо дар мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ;

- мавриди таҳқиқ қарор додани саҳми кормандони тиб дар маҳвкунии бемориҳои сироятӣ ва амалишавии барномаҳои зидди бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб;

- баррасии сиёсати давлатии Шуравӣ дар таъмини минтақаи Кӯлоб бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб ва ташаккулёбии соҳаи тандурустии минтақаи мазкур аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ;

- таҳлили пурраи афзоиши фавти кӯдакон дар ҳамаи давраҳо ва муайян кардани сабабҳои он; ҷалби диққати кормандони соҳа ба проблемаи ҳифзи саломатии модару кӯдак ҳамчун омили асосии афзоиши фавт миёни кӯдакон;

- такяи бештар ба мавод аз бойгониҳои ҷумҳурӣ ва тавассути он таҳлил намудани давраҳои инкишофи соҳаи мазкур, ки меҳвари асосии таҳқиқоти мавриди назарро ташкил медиҳад;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти мазкурро таърихи соҳаи тибби собиқ вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро таҳлили илмии давраҳои ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтакаи Кӯлоб дар давраи солҳои 1924-1991 ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқоти мазкур методологияи материализми диалектикии таҳқиқот бо истифода аз категорияҳои фалсафӣ васеъ истифода шуд.

Истифодаи методи диалектикӣ имкон дод, ки омӯзиши мавзуъ ба тартиби муайян пеш бурда шавад. Аз он ҷумла, таҳлилҳои муқоисавии давраҳои гуногун гузаронида шуда, фарқияту хусусиятҳои онҳо таҳлил

гардиданд. Дар рафти таҳқиқот моҳияти ҳодисаҳо давра ба давра бо тартиби хронологӣ, бо методи таърихӣ (историзм) пурра таҳлил гардид. Инчунин, методҳои таҳлили структуравӣ ва синтез ҳамчун методи хулосабарорӣ ва методи таҳлили математикӣ барои тартиб ва муқоиса кардани факту рақамҳо истифода гардид. Барои расидан ба ҳадафамон, категорияҳои илмии таҳлил, муқоиса, мантиқ, таҳлили оморӣ, омӯзиши бойгонӣ, хулосабарорӣ ва дигар усулҳои таҳқиқот истифода гардиданд.

**Пойгоҳи сарчашмаҳои таҳқиқот**. Зимни таълифи диссертатсия сарчашмаҳои зерин истифода гардиданд:

- маводи Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд СБҲҶТ);

- мавод аз Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб (минбаъд БДВХК);

- маводи Бойгонии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд БВТҲҶТ);

- маводи Муассисаи бойгонии давлатии шаҳри Кӯлоб (МБДШК);

- мавод ва хотираҳои кормандони собиқадори соҳаи тиб, собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар соҳаи тибби ҳарбӣ хизмат намуданд;

- маълумоти омории беморхонаҳои марказӣ ва таҳқиқоту сарчашмаҳои соҳавӣ.

Дар баробари ин, ҳамчун сарчашмаи таърихи ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърихӣ маҷалла ва рӯзномаҳои солҳои гуногун, аз қабили рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ истифода гардиданд, ки бевосита ахбори давраи гузаштаро дар худ таҷассум мекунанд.

Барои пурраву мукаммал намудани маълумоти таърихии дастрасшуда оид ба соҳаи тандурустӣ лозим дониста шуд, ки маълумоти ҳисоботии муассисаҳои тиббӣ, хабарҳои гуногун аз саҳифаҳои рӯзномаҳо ба сифати сарчашмаи таҳқиқот истифода шаванд.

Дар рисола, инчунин, маълумоти бойгонии М.Б. Бегматов (Котиби аввали Ҳизби коммунистӣ дар минтақаи Кӯлоб, солҳои 60-70-ум; Раиси

собиқадорони ҷангу меҳнат дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1980-2021), А. Ҳақназаров (собиқ сардори рёсати тандурустии минтақаи Кӯлоб) С. Раҷамадов (мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб), М. Маҳмуродов (мудири шуъбаи методиву ташкилии раёсати тандурустии минтақаи Кӯлоб), С. Муродов низ истифода гардиданд.

**Навгониҳои илмӣ**. Дар доираи рисола бори аввал таърихи тибби минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти таҳқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омӯхта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари таърихӣ ва сиёсӣ баҳогузорӣ гардидааст. Дар таҳқиқот бори аввал далелҳои фавти одамон аз бемориҳои сироятӣ дар мисоли минтақаи Кӯлоб рӯйи кор оварда шуд ва марҳилаҳои таърихии мубоизаи табибон бо ин бемориҳо таҳқиқ гардид. Дар рафти таҳқиқот факту рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Кӯлоб, хотираҳои собиқадорони соҳаи тиб, маълумоти оморӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода шуданд, ки барои илми таърих, алалхусус, таърихи тиб, ҳамчун далели нав мавқеи худро ишғол намуданд.

Нововарии таҳқиқот аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ мебошад, ки таърихи рушди соҳаи тибро дар собиқ вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1991 меомӯзад;

- дар рисола бори аввал маълумоти таърихӣ дар бораи таъсисёбии муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, вазъияти тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ин давра мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

- дар таҳқиқот бори аввал фаъолияти табибони солҳои 20-30-юми асри XX дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ, инчунин, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- таҳлили рушди соҳаи тиб дар замони Шуравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисони соҳавӣ иҷро мекарданд, аз ҳамин лиҳоз, дар рисола бори аввал системаи омодасозии кадрҳои соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси сохторҳои тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб муайян карда мешавад;

- саҳми табибони дигар халқу миллатҳо низ дар инкишофи соҳаи тибби Тоҷикистон, аз ҷумла, минтақаи Кӯлоб оварда мешавад;

- бори нахуст далелҳои муқоисавӣ бобати хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Кӯлоб ва дигар вилоятҳои ҶШС Тоҷикистон оварда шуданд;

- бори аввал таърихнигории таърихи соҳаи тиб таҳлил гардида, асарҳои илмии олимони соҳаи таърих, соҳаи тиб ва сарчашмаҳои таърихиву бойгонӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мешаванд**:

1.Таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб бевосита бо барпошавии ҳокимияти Шуравӣ алоқаманд аз солҳои 20-уми асри XX вазифаи аввалиндараҷаи сохторҳои тиббии он давра, мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва таҳдиди ҷиддии он ба минтақа;

2. Фаъолияти табибони вилояти Кӯлоб дар солҳои 40-уми асри XX новобаста аз душвориҳои бо Ҷанги Бузурги Ватанӣ алоқаманд ва истифодаи таҷриба ва дониши табибони дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, ки бо беморхонаҳои сайёри (эвакогоспиталҳои) муҳоҷиршуда ба Тоҷикистон омада буданд;

3.Хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва нарасидани кадрҳои маҳаллӣ дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX, ҷалби мутахассисони соҳаи тиб ба вилояти Кӯлоб ва мубориза бо паҳншавии бемориҳо;

4.Сиёсати ИҶШС дар давраи солҳои 1970-1991 дар самти таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳаи миёна дар омӯзишгоҳҳои тиббии Тоҷикистон, таълифи асарҳои

илмӣ дар соҳаи тиб, инкишоф ва нуфузи илми тиб, шухрати илми олимони ҷавон дар соҳаи тиб, саҳми кормандони тиб дар маҳви бемориҳои сироятӣ дар минтақа;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро** маълумоти таърихӣ доир ба тибби Тоҷикистон, ки то ҳанӯз таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида, дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ ба тасвиб расонида шуданд ва тамоми ҷанбаҳои ин мавзуъ дар асоси далелҳои исботшуда муайян гардиданд. Инчунин, рисолаи мазкур барои таҳқиқоти минбаъда дар самти таърихи соҳаи тиб аҳамияти методологӣ дорад, зеро дар он роҳ ва усулҳои таҳқиқу таҳлил пурра инъикос ёфтаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар истифодаи он ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои муҳақиқони соҳаи таърих ва тибби ватанӣ зоҳир меёбад. Инчунин, рисолаи мазкур метавонад, ҳамчун маводи дарсии омӯзиши таърихи тиб баҳри рушди дурнамои соҳа истифода шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин, инъикос ва тарзи нигоҳдошти маводи бойгонӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ дар ҷараёни таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботи ташкилоти давлатӣ ва дигар маводи муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Кӯлобро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар рафти таҳқиқ таҳқиқоти саҳроӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷа факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфтшуда дар рисола дарҷ гардиданд.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи №2, аз 28 сентябри соли 2020), дар ҷаласаи Шурои олимони факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи № 7, аз 30 марти соли 2022) ва дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 5, аз 23 майи соли 2022) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Шумора ва тавсифи интишорот**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 10 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо, адабиёти истифодашуда (бо 211 номгӯй) ва замимаҳо таркиб ёфта, дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ 1. ТАЪСИСЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-60 АСРИ XX

## 1.1.Барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30 асри XX

Таърихи тибби минтақаи Кӯлоб ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи ҶШС Тоҷикистон ҳисоби меёбад, зеро барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ тамоми соҳаҳои ҳаёт ва минҷумла соҳаи тибро низ дар бар мегирифт. Аз ин лиҳоз, мо зарур шуморидем, ки омӯзиши таърихи тибро аз солҳои 20-уми асри XX - аз замони таъсисёбии ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб оғоз намоем.

Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба мисли ҳудудҳои кишвари Туркистон, аз он ҷумла ноҳияҳои имрӯзаи шимоли Тоҷикистон ва Кӯҳистони Бадахшон дар натиҷаи амалиёти ҷангии аскарони сурх, ё ба тарзи осоишта барпо карда мешуд. Аввал, дар Русияи Марказӣ, кумитаҳои инқилобӣ, яъне ревкомҳо ташкил карда, ҳокимиятро ба ихтиёри онҳо месупориданд. Ин кумитаҳо мувофиқи талаби замон функсияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва судиро ба худ доштанд. Баробари дар ин ё он ноҳия ба муқобили тартиботи нав хавфи зиёдро эҳсос намекарданд, кумитаи инқилобии маҳаллиро ба Шуроҳои маҳаллӣ табдил дода, ҳокимиятро ба ухдаи кумитаҳои иҷроияи онҳо мегузоштанд. Ё худ баръакс, ҳангоми зиёд пай бурдани хавфи ҳаракати зиддишӯравӣ дар ин нуқтаҳо ҳамоно ба ҷойи шуроҳо боз кумитаҳои инқилобиро аз нав барқарор мекарданд. Зеро шуроҳо ҳамчун органи интихобӣ буда, барои роҳбарони ҳамонвақта ба онҳо дохил намудани шахсони зарурӣ чандон кори осон набуд.

Аъзоёни кумитаҳои инқилобиро худи онҳо таъин менамуданд. Танҳо дар баъзе ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ хеле қафомонда, ба

монанди Кӯҳистони Бадахшон ҳайати кумитаҳои инқилобӣ низ интихобӣ буданд. Дар ин ҷо мақсади асосӣ, бо ҳамин роҳ ба сӯйи тартиботи нав ҷалб намудани мардум ба ҳисоб мерафт. Кумитаҳои инқилобии маҳалҳо, яъне деҳагӣ (қишлоқӣ), волостӣ, уездӣ ба воситаи кумитаҳои инқилобӣ ё худ кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ба кумитаҳои инқилобӣ ё худ кумитаҳои Иҷроияи Марказии (КИМ) ҷумҳуриявӣ итоат мекарданд.[28]

Барпошавии ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб аз 15-уми марти соли 1921 оғоз шуд. Дар ин рӯз полкҳои 6 ва 52 артиши сурх ба шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро ба зери тасарруфи худ даровароданд ва сохторҳои ҳокимияти маҳаллиро дар шаҳру ноҳияҳои атрофи он созмон доданд. Онҳо минтақаи Кӯлобро расман вилоят номиданд ва ҳамчун туман ба ҳайати Ҷумҳурии халқии Шуравии Бухоро дохил карданд. Соли 1923 аввалин интихоботи мақомоти халқии маҳаллии вилояти Кӯлоб гузаронда шуда, дар интихобот Кумитаи Иҷроияи мақомоти ҳукумати вилоят интихоб карда шуд. Дар ҳайати кумита шуъбаи тандурустии вилоятӣ низ таъсис дода шуд. Дар ин давра дар минтақаи Кӯлоб духтурони касбӣ ва муассисаҳои тиббӣ набуданд. Табибони касбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб асосан солҳои бистуми асри гузашта, дар ҳайати артиши сурх омадаанд.[29]

Таҳқиқи вазъи саломатии мардум ва ҳолати паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб бо омадани аввалин гарнизони ҳарбии артиши сурх оғоз гардид, ки дар сафи пеши ин мубориза табибони ҳарбӣ меистоданд. Аз ин рӯ, дар тадқиқоти мазкур муборизаи аскарони артиши сурх бо душманони инқилоб ва ёрии тиббии онҳо ба аҳолии маҳаллӣ як раванди муштарак ҳисобида мешавад. Гарнизонҳои ҳарбӣ, ки дар сарҳад бо Афғонистон дар минтакаи Фархор ҷойгир буданд, дар

[28]. Ҳотамов, Н. Довуди, Д. Муллоҷонов, С. Исоматов, М. Таърихи халқи тоҷик – Душанбе, 2011.- С.287

[29]. Маҳмадов, И. Аз таърихи пайдоиши аввалин муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-40 асри XX /И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. –Душанбе, октябр-декабри 2017. -№4 (36). -С.151-158

ҳайати худ бунгоҳҳои тиббӣ низ доштанд ва дар ин бунгоҳҳо табибони касбии маълумотдор кор мекарданд. Маҳз ҳамин табибони ҳарбӣ дар мавридҳои зарурӣ ба мардуми маҳаллӣ мадади тиббӣ мерасониданд.[30] Баъди ташкил ёфтани Ҷумҳурии худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1924 ба ҳайати он минтақаи Кӯлоб ҳамчун вилоят дохил гардид.[31]

Пас аз мустаҳкаму устувор шудани ҳокимияти Шуравӣ, бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон барҳам дода шуданд. Ба ивази ин бекигариҳо Кумитаи Инқилобии Вилоятӣ таъсис дода шуд. Кумитаи Инқилобии Вилоятӣ, ки ба ҳайати он шахсони ҳарбӣ дохил буданд, тамоми масъалаҳои хоҷагии халқро баррасӣ мекарданд. Кумитаи мазкур дар роҳи тараққиёти ҷабҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла дар соҳаи тандурустӣ қарор қабул карда, омада амалӣ менамуданд.[32]

Соли 1922 як қисми артиши сурх деҳаи Саричашмаро, ки то ин давра дар ихтиёри қувваҳои босмачиён карор дошт, ба зери итоати худ даровадра, дар Баҳорак дидбонгоҳи худро низ созмон доданд. Бо мурури замон биноҳои похсагини аз артиши Империяи Русия мондаро аз нав сохта, дар он ҷо муқимӣ шуданд. Соли 1924 дар назди гарнизони ҳарбии сарҳадӣ барои пешгирӣ, бақайдгирӣ ва муолиҷаи беморони вараҷа стансияи тропикӣ сохта ба истифода дода шуд.[33]

Соли 1924 қисме аз афсарону сарбозони артиши Шуравӣ, ки дар Кӯлоб ҷойгир буданд, ба бемориҳои сироятӣ, бахусус касалии вараҷа гирифтор шуданд. Бо қарори Комиссариати Ҳарбии Туркистон, дар худи ҳамон сол ба вилояти Кӯлоб гурӯҳи табибони касбӣ барои табобати беморон ва пешгирии бемориҳои сирояткунанда фиристода

---

[30] Раҳматзода, И. Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. - Душанбе, 2010, - С.125.

[31] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- С.89

[32] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 9 –С.21

[33] Маҳмадов, И. Аз таърихи таъсисёбии беморхонаҳои пӯст ва зуҳуравӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон /И. Маҳмадов// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №3/4 –С.78-80.

шуданд.[34] Онҳо дар баробари табобату эмгузаронии афсарону сарбозони Артиши Сурх, мардуми таҳҷоиро низ муолиҷа карда, зидди бемориҳои сироятӣ эмкуниро ҷорӣ карданд. Пас аз паст шудани авҷи паҳншавии (эпидемияи) бемориҳои сироятӣ, табибони ба вилояти Кӯлоб омадаро ба бунгоҳҳои тиббии амалкунанда ва навташкилшуда тақсим карданд.[35]

Бо мақсади ба роҳ мондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб, соли 1924 Комиссариати халқӣ оид ба ҳифзи саломатӣ таъсис ёфт. [36] Таъсиси идораи махсуси тиббӣ барои мардуми маҳаллӣ як сохтори нав буд, зеро то ин дам онҳо чунин вазифаро танҳо кори табибони хусусӣ медонистанд, ки дар маҳалҳо мардумро бо ҳар гуна алафу гиёҳҳо табобат мекарданд ва таъсисёбии идораҳои давлатии соҳаи тиб сабаб гардид, ки фаъолияти давлати Шуравӣ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ суръати тоза гирад.

Дар давраи солҳои 1925-1926 бори аввал дар байни аҳолии Кӯлоб маъракаи эмкунӣ бар зидди бемориҳои сироятӣ гузаронида шуд. Тамоми ин чораҳо имкон доданд, ки сатҳи гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ 50% поён фароварда шавад. Соли 1926 дар Кӯлоб аввалин беморхона бо 10 кат ва бунгоҳи тиббӣ сохта шуд ва мубориза бар зидди бемории вараҷа оғоз гардид, ки аввалин муборизон духтурони армияи сурх буданд. Дар худи ҳамин сол дар Кӯлоб пойгоҳи табобат ва пешгирии вараҷа ташкил ёфт ва барои ташкили кори он ба ин минтақа экспедитсияи Институти тропикии Комиссариати халқии нигоҳдории тандурустии ИҶШС бо сафари корӣ ташриф оварданд.[37]

Дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод Институти тропикӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои Қурғонтеппа, Вахш, Фархор, Ғарм ва дигар

---

[34] Маҳмадов, И. Таъсиси аввалин муассисаҳои тибӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-уми асри XX /И.Маҳмадов// Маҷалаи илмӣ-назариявии «Муаррих» Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №3. –С.54-61.

[35] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8 –С.11

[36] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 9 –С.34

[37] Маҳмадов, И. Таъсиси аввалин муассисаҳои тибӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-уми асри XX /И.Маҳмадов// Маҷалаи илмӣ-назариявии «Муаррих» Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №3. –С.54-61.

ҷойҳо пойгоҳҳо ташкил дода шуданд. Дар соли 1932 шумораи чунин марказҳо ба 20-адад расида, фаъолияти онҳо тамоми ноҳияҳои ҷумҳуриро фаро гирифт.[38]

То соли 1925 Комиссарони Артиши Сурх афсарону сарбозони беморро барои муолиҷа ба беморхонаи ҳарбии шаҳри Душанбе мефиристоданд. Шурои инқилобӣ ва Комиссарони полки 78 қароре қабул карданд, ки дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин (собиқ Шӯрообод) биное барои беморхонаи ҳарбӣ сохта ба истифода диҳанд, ки дорои 15 кат бошад.[39] Дар ин беморхона табибони рус кор мекарданд ва дар баробари ҳарбиён сокинони махаллиро низ табобат менамуданд.

Бо Қарори Совети Халқии Комиссариати Тоҷикистон (АССР) дар шаҳри Душанбе диспансери бемориҳои пӯсту зуҳуравӣ ташкил карда шуд, ки аз моҳи октябри соли 1928 ба фаъолият оғоз кард. Баъдтар ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ табдил дода шуд. Бо ёрии ин Марказ солҳои 30 дар минтақаҳои Кӯлоб, Қурғонтеппа, Панҷакент ва Ҳисор муассисаҳои дермато-венерологӣ ташкил карда шуд.[40]

Соли 1927 бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқии ноҳияи Шурообод ва дастгирии Шурои депутатҳои халқии вилояти Кӯлоб сохтмони бинои беморхонаи ноҳиявӣ дар Шурообод сар шуд. Ин беморхонаро аз масолеҳи маҳаллӣ сохта, соли 1929 ба истифода доданд. Дар беморхонаи навбунёд табибони гарнизони артиши сурх ва табибони аз Русия омада кор мекарданд.

Соли 1929 Тоҷикистон аз Ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон ба Ҷумхурии Иттиҳодӣ табдил дода шуд. Худи ҳамин сол вилояти Кӯлоб барҳам дода шуд ва муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба зери итоати Вазорати

---

[38] БДВХК-.- фонди 86. Рӯйхати 1.парвандаи 8 –С.16

[39] Маҳмадов, И. Таъсиси аввалин муассисаҳои тибӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-уми асри XX /И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2019. - №3. – С.54-61.

[40]Аз суҳбат бо сардухтури беморхона вилоятии шаҳри Кӯлоб Муродов А.Р., мудири шуъба Нуриддинов А.С.,(аз бойгонии шахсӣ) 8.04.2017.

тандурустии Тоҷикистон гузаштанд.

Дар тӯли солҳои сиюми асри гузашта бо қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон дар тамоми ноҳияҳо нуқтаҳои тандурустии ноҳиявӣ таъсис дода шуданд. Бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо ва Вазорати тандурустӣ дар ноҳияҳои Колхозобод (Восеъ), Москва (ҳоло Ҳамадонӣ), Фархор ва Муъминобод беморхонаҳои ноҳиявиро васеъ карда, катҳои замонавӣ гузошта шуданд. Дар ин муддат дар минтақаи Кӯлоб 9 беморхонаи қитъавӣ, 11 нуқтаи клиникӣ, чор бунгоҳи тиббӣ ва 16 пункти тиббӣ сохта ба истифода дода шуданд. Табибони зиёде бо таҳсилоти миёна ба роҳхат аз Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Шуравӣ ба муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб фиристода шуданд.[41]

Дар баробари дигар бемориҳо дар минтақаи Кӯлоб бемориҳои пӯст ба саломатии мардум зарари калон мерасониданд ва бо характери эпидемиологии худ зуд паҳн мешуданд. Ин бемориҳоро пеш аз Инқилоб олими рус М.А. Варигин тасвир карда буд. Дар ин бора М.А. Варигин дар маҷаллаи даврии «Известия императорского географического общества» соли 1916 дар бораи иқлими тоқатфарсо ва зисту зиндагонии мардуми ин диёр чунин навиштааст: «Табиат умуман, носолим аст. Ҳолати зидди санитарии халқи маҳаллӣ, сохтмонҳои бо ҳам пайваст ва ҳавливу аспхонаҳоро агар илова намоем, заминаи ниҳоят хуби инкишофи микробҳо ва бемориҳои гуногун мебошад. Дар байни мардуми маҳаллӣ бемориҳои пӯст - варақаи сар ниҳоят паҳншуда мебошад, ки баъзан ҷароҳати фасоди тамоми сарро ба хотир меорад». [42] Ба фикри мо паҳншавии бемориҳои сироятӣ хатари ҷиддие буд, ки ба тамоми минтақа таҳдид мекард ва маҳз барои ҳамин ҳукумати Шуравӣ мубориза бо ин бемориҳоро дар мадди аввал гузошт. Вобаста ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ гуфта ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки

[41] БДВХК-.- фонди 86. Рӯйхати 1.парвандаи 8 –С.16
[42] Варигин, М.А. Таҷрибаи бекигарии Кӯлоб (Опыт описания Кулябского бекства), Петроград.,Типографияи, М.М. Стасnолевич. 1916.- С.780

мардуми маҳаллӣ каму беш аз фарҳанги тозагиву ҳифзи саломатӣ бархурдор буд, аммо шароити зиндагӣ, қашшоқӣ, набудани оби тоза, иқлими гарми минтақа ва дигар омилҳо ба афзоиши ин бемориҳо сабаб мешуданд.

Аз ин рӯ, дар соли 1930 баъди омӯхтани вазъияти санитарӣ-эпидемиологии минтақа аз тарафи экспедитсияи венерологии Комиссариати халқии тибби Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб муассисаи дермато-венерологӣ ташкил карда шуд.[43]

Соли 1930 дар шаҳри Кӯлоб ҳуҷраи дермато-венорологӣ дар назди бунгоҳи тиббии шаҳрӣ кушода шуд. Ин якумин нуқтаи дермато-венерологӣ дар минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб рафта, бо хишти хом сохта шуда буд, ки ҳоло дар ҷояш диспансери вилоятии бемориҳои рӯҳии шаҳри Кӯлоб қарор дорад. Дар кушода шудани нуқтаи зикршуда мутахассисони ин соҳа Г.Н. Пишугин ва И.П. Шугал саҳмгузор буда, аз аввалин духтурони дермато-венеролог маҳсуб меёфтанд. Бо қарори Комиссари тандурустии Тоҷикистон ва дастгирии диспансери ҷумҳуриявии бемориҳои пӯст солҳои 1929 - 1930 ба минтақаи Кӯлоб барои табобат ва пешгирии бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ гурӯҳи духтурон ва ҳамшираҳои тиб фиристода шуданд.[44]

Азбаски дар минтақаи Кӯлоб бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ афзоиш доштанд, ҳукумати Шуравӣ ва Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон лозим донистанд, ки дар ин ҷо диспансери бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ таъсис дода шавад. Соли 1934 ин диспансер бо фармони Вазорати тандурустии Тоҷикистон кушода шуд, ки сарварии ин муассисаро духтури ботаҷриба ва ташаббускори фаъол Эмиляр Загидович Бердияров ба ухда дошт. Бо фармони Комиссариати халқии тандурустии ҶШС Тоҷикистон аз 22-юми октябри соли 1929 дар ноҳияи Фархор ба

[43]Аз суҳбат бо сардухтури беморхона вилоятии шаҳри Кӯлоб Муродов А.Р., мудири шуъба Нуриддинов А.С. 8.04.2017.

[44] Раҳматзода, И., Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. Душанбе, 2010. - С.90.

ҷамоати деҳоти Деҳқон - Ариқ аввалин духтури бемориҳои пӯсту зуҳуравӣ барои хизматрасонии махсуси тиббӣ равона шуда буд.[45]

Дар тӯли солҳои 30-уми асри гузашта дар ҳамаи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб нуқтаҳои муолиҷавӣ ва пешгирии бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ кушода шуда бошанд ҳам, лекин ин намуди бемориҳо кам нашуданд. Соли 1929 дар Кӯлоб аллакай 12 муассисаи табобатӣ амал мекард, ки дар онҳо шуъбаи ҷарроҳӣ барои кӯдакон, шуъбаи табобати чашм, гӯш, бинӣ, ташкил намудани табобатхонаҳои бемории пӯст, бемориҳои сироятӣ, сохтани табобатхонаҳои бемориҳои дилу гурда ташкил гардид. Ин имкон дод, ки бисёр бемориҳо дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои атрофи он пешгирӣ гардида, барои беҳдошти саломатии мардум хизмат расонанд. Аммо ин танҳо оғози кор буд ва барои идома додани он барои ҷумҳурӣ кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб лозим буданд, зеро дар ин давра 100% табибон аз Россия оварда мешуданд. [46]

Солҳои 1929 - 1930 дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб 2 беморхона бо 50 кат амал мекард ва сол аз сол шумораи бунгоҳҳои табобатӣ афзоиш меёфт. Январи соли 1929 дар Кӯлоб нахустин дармонгоҳи дандон кушода шуд. Соли 1930 дар ин минтақа истгоҳи бемориҳои тропикӣ таъсис дода шуд. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо сарварии ин истгоҳи тропикиро Миралӣ Набиев ба уҳда дошт.

Дар давоми солҳои 30-уми асри XX дар Кӯлоб марказҳои тандурустӣ, мубориза и зидди вараҷаву чашмдард ва ёрии таъҷилӣ, табобатгоҳи кӯдакон, маслиҳатгоҳ барои занон, дар шуроҳои деҳоти Даҳана, Зиракӣ ва Зарбдор бунгоҳҳои тандурустӣ кушода шуданд. Соли 1932 беморхонаи касалиҳои сил, пӯст ва чашм ба кор сар карданд (ҳар кадом 10-15 кат дошт). [47]

Низоми тибби замонавӣ, ки дар охири солҳои 30-ум пурра ба

---

[45] БДВХК.- фонди 3, рӯйхати-7, д.т. 12. С.16.

[46] Маҳмадов, И. Таъсиси аввалин муассисаҳои тибӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-уми асри XX /И.Маҳмадов// Маҷалаи илмӣ-назариявии «Муаррих» Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №3. –С.54-61.

[47] БДВХК.- фонди 3, рӯйхати-7, д.т. 12. С.19.

фаъолият оғоз намуд, аз зинаҳои зерин иборат буд:

1. Беморхонаҳои минтақавӣ бо бунгоҳи тиббӣ, НФА (нуқтаи ёрии тиббӣ), нуқтаҳои тиббии колхоз ва совхоз, дорухонаҳо ва корхонаҳои шир.

2. Беморхонаи марказии ноҳия, ёрии таъҷилӣ, дармонгоҳ ва диспансер.

3. Беморхонаи вилоятӣ ва диспансери вилоятӣ.[48]

Дар асоси қарори Кумитаи иҷроияи маҳаллии Шурои депутатҳои халқии вилояти Кӯлоб соли 1936 ноҳияи Колхозобод таъсис дода шуд. Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқии ноҳияи навбунёди Колхозобод (ҳозира ) ва дастгирии Кумитаи иҷроияи Шурои намояндагони халқии вилояти Кӯлоб тамоми одамони қобили меҳнатро барои кандани заҳбурҳои обкаш ва тоза кардани ҷӯйҳои дохили деҳаҳо сафарбар карданд. Дар натиҷаи чунин чорабиниҳо обҳои зеризаминӣ паст шуданд ва ботолоқзорҳо бо мурури замон хушк гардиданд. Дар ҷои ботлоқҳои хушкшуда, вобаста ба талаботи замон, биноҳои маъмурӣ, хоҷагӣ ва истиқоматӣ қомат рост карданд. Биноҳои он замон аз ҷӯб, най ва гил сохта мешуданд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 1936 дар маркази ноҳияи Колхозобод бунгоҳи тиббӣ ва маркази зидди бемориҳои тропикӣ амал мекард. Дар тӯли ин сол шуъбаи ноҳиявии нигаҳдории тандурустӣ таъсис дода шуд. Сохтмони беморхонаи марказии ноҳия низ ба нақша гирифта шуд.

Соли 1939 вилояти Кӯлоб аз нав барқарор карда шуд ва шуъбаҳои тандурустии тамоми ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб боз ба ихтиёри шуъбаи тандурустии вилоятӣ гузашт. Пурзур шудани назорат аз болои муассисаҳои тиббӣ натиҷаи хуб медод. Масъалаи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии вилоят ҳам беҳтар шуд. Дар аксарияти муассисаҳои тиббӣ аз 1 то 6 нафар табибон бо тахассуси миёна ба мардум хидмати тиббӣ мерасонданд. Мувофиқи маълумоти мудири шуъбаи нигоҳдории

---

[48] Гаджиев, Р.С. Табиби минтақавии деҳот (Сельский врачебный участок).-М.., 1988.-С. 12.

тандурустии вилояти Кӯлоб Г.Н. Читахова, соли 1940 дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб беморхонаҳои ноҳиявӣ фаъолият доштанд. Дар натиҷаи ба тадриҷ афзудани аҳолии ноҳия ва дар ин радиф сохтану ба истифода додани бунгоҳу нуқтаҳои тиббӣ, зарурияти сохтани бинои Беморхонаи марказии ноҳияро ба миён овард.

Мувофиқи маълумотҳое, ки аз бойгонии минтақаи Кӯлоб дастрас шуд, дар давоми солҳои 1930-1940 дар тамоми ноҳияҳои вилояти мазкур табобатхонаҳо, дармонгоҳҳо, таваллудхонаҳо, бунгоҳҳои кӯдакона ва маслиҳатгоҳҳо барои занон сохта ба истифода дода шуданд. [49] Мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Г.Н. Читахова дар яке аз баромадҳояш соли 1940 қайд кардааст, ки табибон дарси таҳсилоти олӣ ба 37 нафар, катҳои беморхонаҳо ба 325, катҳои таваллудхонаҳо ба 50 адад расонда шудаанд. Дар ин муддат дар ноҳияҳои вилоят ҳафт бунгоҳи тиббии нав кушода шуда, бо табибони дорои таҳсилоти олӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.[50]

Соли 1940 бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятӣ, ба монанди вараҷа ва сил, аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя зиёда аз 70 нафар табибони тахассусҳои гуногун ба вилояти Кӯлоб ба кор омаданд. Аз ҷумла 16 нафар табиб дорои таҳсилоти олӣ бо ихтисосҳои гуногун, 20 нафар ёрдамчии табиб, 4 нафар момодояи дарси таҳсилоти олӣ, 1 нафар даҳонпизишк ва 42 нафар ходимони миёнаи тиб буданд.[51] Онҳоро ба беморхонаҳои шаҳриву ноҳиявӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, диспансерҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ ба кор таъин карданд. Баъди ба фаъолият оғоз кардани онҳо, андаке бошад ҳам, дар бахши беҳдошти саломатии мардуми минтақа саҳми назаррас гузошта тавонистанд.

Соли 1940 дар вилояти Кӯлоб 13 бунгоҳи тиббӣ амал мекард. Онҳо натиҷаи кории хуб доштанд. Дар давоми сол онҳо 126 344 беморро қабул

---

[49] Шарифов, Д. Зокиров, С. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб. - Кӯлоб, 1991. - 68с.
[50] БДВХК.- фонди 279, рӯйхати- 6, д.т. 51. С.26.
[51] Шарифов, Д. Зокиров, С. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб. - Кӯлоб, 1991. - 68с.

карданд, ки ба ҳар як рӯз 32 бемор рост меояд. Дар худи ҳамин сол (1940) якчанд табиби даҳонпизишк ва созандаҳои дандонҳои сунъӣ низ ба минтақаи Кӯлоб ва ноҳияҳои наздики шаҳр ба кор таъин шуданд.[52]

Соли 1940 муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб 18 автомошин дар ихтиёр доштанд. Инчунин Шуъбаи тандурустии вилоят барои кормандони тиб 31 асп ҷудо карда буд. Дар ин давра дар вилоят 111 нафар духтур, аз ҷумла 7 нафар дандонпизишк, 372 нафар коркуни тиббӣ бо ихтисосҳои ёрдамчии табиб (38 нафар), момодоя (36 нафар), ҳамшираи тиббӣ (169 нафар), лаборант (15 нафар), духтурони санитарӣ (11 нафар), табибоне, ки ваксина мегузаронданд (8 нафар), ҳамшираҳои тиббие, ки доруи «хина» тақсим мекарданд (12 нафар) ва дигарон дар ҷодаи ҳифзи тандурустии мардуми минтақаи Кӯлоб хидмат мекарданд. Кормандони дорои таҳсилоти миёнаи тиббӣ дар Кӯлоб 27 нафар ва дар ноҳияҳои вилоят 194 нафар буданд. Инчунин, дар Кӯлоб 5 нафар ва дар ноҳияҳои вилоят 9 нафар духтури дорусоз кор мекарданд. Соли 1940 ба вилоят 16 нафар духтур, як даҳонпизишк, 20 нафар ёрдамчии табиб, 4 нафар момодоя ва 42 нафар ҳамшираи тиббӣ-ҳамагӣ 70 нафар мутахассиси соҳаи тиб ба кор омаданд.[53]

Санадҳои марбута нишон дод, ки дар натиҷаи роҳандози намудани ҳифзи саломатии аҳолӣ дар вилоят таваллуди кӯдакон сол аз сол зиёд шудааст. Чунончи:

- дар соли 1939 ин рақам 5593, афзоиши аҳолӣ-3840 нафар ва дар соли 1940 таваллуд 1571 кӯдак буда, афзоиши аҳолӣ 4337 нафарро ташкил дод.[54]

---

Бахусус фавти кӯдакони навзод хеле зиёд ба мушоҳида мерасид. Чунончи, дар соли 1939 31% ва дар соли 1940 43,2% фавтидагонро кӯдакон ташкил доданд. Фавти кӯдакон, бахусус дар ноҳияҳои Кӯлоб, Даштиҷум, Фархор, Ховалинг ва Қизил Мазор дар сатҳи ташвишовар

[52] МБДК фонди 3, рӯйхати -7, парвандаи 12. -С.16.
[53] Энсиклопедия Кӯлоб соли 2006 саҳ 59-62
[54] МБДК фонди 3, рӯйхати -7, парвандаи 12. -С.16.

қарор дошт. Дар самти эмкунии аҳолӣ корҳои зиёд анҷом дода шуда, шуд, чунончи дар ин давра дар вилояти Кӯлоб сатҳи эмкунии аҳолӣ дар чунин ҳолат қарор дошт: соли 1939 39408 нафар ва дар соли 1940 31441 нафар эмгузаронӣ шуданд.[55]

Ба фикри мо, ин миқдори эмкунӣ барои як минтақаи калон ба мисли Кӯлоб, хеле ночиз буд, зеро дар ин давра аҳолии вилоят 216.8 ҳазор нафарро ташкил медод ва аз ин миқдор танҳо 17 фоизи аҳолӣ ба эмкунӣ фаро гирифта шуд. Аз ҳамин лиҳоз, вазъи паҳншавии бемориҳои сироятӣ пурра бартараф нагардид.

Соли 1939 бо қарори Шӯрои Комисарони Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Сталинобод Донишгоҳи тиббӣ кушода шуд, ки ин барои пешрафти соҳаи тиб ва омода кардани мутахассисони соҳа аҳамияти калон дошт. Аввалин ректори ин донишгоҳ яке аз таъсискунандагони он А.А. Краусу таъин гардид.[56]

Дар ин давра инчунин техникумҳои тиббии Душанбе, Хуҷанд, Конибодом ва Панҷакент ба омода кардани мутахассисони сатҳи миёнаи соҳаи тиб шуруъ карданд.[57] Мутобиқи фармони Комиссариати маорифи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 14 уми июли соли 1940 тамоми системаи маориф ва тартиби коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ мебоист аз хатти лотинӣ ба хатти кириллӣ гузарад. Гузаштан ба алифбои кириллӣ имкониятҳои нав барои пайвастан ба илм ва фарҳанги дигар халқҳои Шуравиро фароҳам овард.[58]

Бояд гуфт, ки тадқиқоти олимони рус дар минтақаҳои тропикии Тоҷикистон дар солҳои 30-40-уми асри XX хеле пеш рафт. Дар бунёдгузории соҳаи тиб дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон, сохтмони стансияҳо ва таҳқиқи бемориҳои сироятӣ саҳми доктор Л.Ф. Парадоксов ва академик Е.Н. Павловский хеле калон буд. Академик Павловский

---

[55]МБДК фонди 3, рӯйхати -7, парвандаи 12. -С.16.
[56] Тараққиёти илми тиб дар Тоҷикистон.- зери таҳрири Тоҷиев К.Т. – Душанбе 1967.- С. 30
[57]БДВХК .- фонди 86. рӯйхати1. парвандаи .8.- С.18
[58] Дости Шариф.- Таърихи Хатлон.- Кӯлоб 1989.- С.399.

Е.Н., ки сардори якчанд экспедидсияҳои паразтологӣ буд, барномаи махсусеро тартиб дода, роҳҳои асосии мубориза бар зидди бемории вараҷа ва дигар бемориҳои сироятро муайян намуд. Дар соли 1926 табиби машҳури рус Соловъев И.А. кори табибони Германияро дар роҳи табобати бемории сил таҳлил намуда, чунин навишта буд: «Акнун маълум гардид, ки ҳама гуна кӯшишҳо дар роҳи табобати сил беҳуда сарф мегарданд, агар дар баробари ҳамин ҳолати ҷомеа, тарзи ҳаёт, шароити меҳнат ва вазъи гирду атроф ба назар гирифта нашаванд. Дар чунин шароит шахси бемор дар табобатхона сиҳат мешавад ва баъди баргаштан ба ҷои зисти доимӣ боз ба гирдоби ҳамон шароите, ки сабаби беморӣ шуд, гирифтор мешавад».[59] Барои ҳамин табибони рус роҳҳои дигар кардани шароити зисти маҳалро асос мешумориданд. Бо ҳамин мақсад барои нест намудани ин беморӣ бо тавсияи Павловский Е.Н. ва Парадоксов Л.Ф. кӯлҳо ва ботлоқҳо, ки дар онҳо магасҳо ва дигар ҳашароти паҳнкунандаи бемории вараҷа мезистанд, хушк карда шуданд ва дар ин заминҳо пахта кошта шуд, ки ин чораҳо пеши роҳи паҳншавии бемориҳоро гирифтанд. Дар боқимондаи кӯлҳо моҳичаҳои «гамбузия» парвариш гардиданд, ки онҳо пашшаву магасҳоро мехӯрданд ва барои кам шудани шумораи онҳоро мусоидат намуданд. Илова бар ин, тавассути тайёраҳо ба ин заминҳо заҳрҳои химиявӣ пошида шуданд.

Дар хулосаи таҳлили мавзуи мазкур ва таъсиси аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 20-30 асри ХХ ҳаминро бояд қайд кард, ки маҳз барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ба таъсиси тибби замонавӣ дар минтақаи мавриди назар ва дар тамоми Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии сохтмони соҳаи тиб гардид.

Сохтмони соҳаи тиб дар шароити хеле душвор оғоз гардид. Таъсис додани системаи тибби замонавӣ ба давраи ҷанги шаҳрвандӣ рост омад ва ин кори табибонро боз ҳам душвор гардонд. Чунонки В.И. Ленин қайд кардааст, дар ин солҳои душвор «қабл аз фаҳмондан бояд ташкили

[59] Фрейдлин, С.Я. Диспансеризация городского населения.- Л, 1964.- С.17.

амалии корро тавонист, зеро гап дар бораи тақдири даҳҳо ва даҳҳо миллион одамон меравад».[60] Дар ин солҳо бисёр олимони машҳур, ба монанди Павлов В., Сеченов А., Пирогов И., Павловский Ф. ва дигарон давлатро тарк накарда, баръакс дар пешрафти соҳаи тиб саҳми босазои худро гузоштанд ва ҳатто ба ихтироъҳои сатҳи ҷаҳонӣ ноил шуданд, ки дастоварди онҳо аз тарафи умум эътироф гардиданд.[61] Барои аниқ муайян кардани сабабҳои ҳодисаҳо мебоист қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва боздошткунандаи онҳоро дарк намуд. Аз ин лиҳоз, агар мо ин қонуни тадқиқотро нисбати омӯзиши тибби минтақаи Кӯлоб истифода кунем, мебинем, ки барномаҳоии ҳокимияти Шӯравӣ барои равнақ додани ин соҳа як такони бузурге буд, ки он тавонист кореро анҷом диҳад, ки барои давлатҳои ҳамсоя панҷоҳ соли дигар манфиат орад. Ин хизматҳоро мо ба як халқу миллат нисбат надода, онро бо сохти сотсиалистӣ муносиб медонем, зеро сиёсати ҳукумати Шӯравӣ ба инкишофи баробари тамоми халқҳои ин давлат равона гардид.

Таҳлилҳои рушди тиб дар ин давра нишон медиҳанд, ки идоракунии он шакли муташаккилона дошт ва бо тамоми қоидаҳои маъмурӣ ба роҳ монда шуд. Илова бар ин, соҳаи тиб ба як системаи бузурги умумидавлатӣ мубадал гардид ва аз як марказ – аз Комитети Иҷроияи Марказии давлати Шӯравӣ (ЦИК СССР) роҳбарӣ карда мешуд. Сababи мутамарказии идоракунии тиб дар он буд, ки мутахассисонро ба минтақаи Осиёи Миёна бо роҳхати Вазорати тандурустии давлати Шӯравӣ мефиристонданд. Маҳз бо дастгирии органҳои марказӣ, мутахассисони рус ва дигар халқҳои бародар дар аввали солҳои 30 системаи мукаммали соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоб бунгоҳҳо ва дармонгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи тибби он давра ба кор шуруъ карданд.

Муваффақиятҳои соҳаи тибби солҳои аввали давраи Шӯравиро

[60]Бурчинский, Г.И. Научная организация учебного процесса в медицинском вузе.- Киев 1969.- С. 5.
[61] Крепс, Е.М. Павлов, В. Воспоминания современников.- Л., 1964.- С.34.

таҳлил карда, муҳимтарин дастоварҳои онро ба тарзи фишурда чунин арзёбӣ кардан мумкин аст:

1. Тибби замонавӣ ҷорӣ карда шуд ва ҳама намуди хурофотпарастӣ ва табобатҳои анъанавӣ аз байн бурда шуданд. Бо таъсири ниҳодҳои давлатӣ ҳамаи шаклҳои фаъолияти табибони мардумӣ ва диндорон дар ин соҳа мамнуъ гардиданд;

2. Баробари таъсиси сохторҳои давлатӣ дар тамоми ноҳияҳо нуқтаҳои тандурустӣ таъсис дода шуданд, ки дар онҳо хизматрасонии тиббӣ барои сокинони шаҳру деҳот пешбинӣ шуда буд;

3. Ҳамкории олимон бо кормандони соҳаи тиб ба роҳ монда шуд. Дар солҳои 30 экспедитсияи венерологии Комиссариати халқии тиббии Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб як қатор корҳои тадқиқотӣ гузаронида, муассисаи дермато-венерологиро таъсис намуд;

4. Аввалин беморхонаи бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ таъсис дода шуд ва он бевосита бо олимони Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон барои пешрафти соҳаи тиб ва омода кардани мутахассисони соҳа ҳамкорӣ мекард.

Таҳлили мавзуи барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30 асри XX нишон дод, ки фаъолияти муассисаҳои тиббӣ бо таъсисёбии Ҳокимият Шуравӣ шакли сохторӣ пайдо карда, ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати давлати Шуравӣ пешрафт намуд. Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар баробари дигар сохторҳои ҳукуматӣ, инчунин кумитаҳои ҳифзи тандурустӣ таъсис гардиданд ва ин сохторҳо дар ҳайати Шуроҳои деҳагӣ (қишлоқӣ), волостӣ, уездӣ ба фаъолияти тиббӣ шуруъ намуданд ва соҳаи тиб шакли муташаккили идоракуниро соҳиб гардид.

Таҳқиқи зербоби аввал муайян намуд, ки дар ин давра ҳаракати зиддидавлатии босмачиён, сатҳи дониши аҳолӣ, нобоварӣ нисбати кормандони тиб ва дигар омилҳои манфӣ барои кори соҳаи тиб монеа эҷод мекарданд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таъсисёбии тибби

Шуравӣ дар минтақаи Кӯлоб барои равнақ додани таҷрибаи нави донишҳои тиббӣ ва сохтмони системаи илмҳои тиббӣ дар Тоҷикистон асос гузошт ва барои инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб шароити мусоидро фароҳам овард.

## 1.2. Фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз душвортарин давраҳои таърихи давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор меравад, зеро дар ин давра қисми зиёди ҳудуди ин давлатро ҷанг фаро гирифт ва шумораи зиёди аҳолии мамлакат барои иштирок дар ин ҷанг сафарбар гардиданд. Яке аз ходимони намоёни илми таърих, академик Б.Искандаров ин рӯзҳоро чунин тасвир мекунад: “Ҳамаи мо аз тақдири Ватанамон мушавваш будем ва барои мағлуб шудани артиши Шуравӣ дар соли 1941 ниҳоят ғамгин гаштем. Дар хотирам то кунун нақш бастааст, ки мо бо чи гуна ҳаяҷон ва таваҷҷуҳи зиёд баромади И.В. Сталинро дар таърихи 3 июл ба воситаи радио гӯш мекардем, он моро то андозае рӯҳбаланд кард. Аммо бо вуҷуди ин вазъият беш аз пеш ташвишовар мешуд”. [62]

Вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вобаста ба саршавии ҷанг комилан тағйир ёфт. Шумораи зиёди ҷавонон ва мутахассисони соҳаи тиб ба сафи Армияи Сурх даъват шуданд. Мувофиқи ахбори мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Василевич дар арафаи ҷанг дар ҳайати вилояти Кӯлоб 12 ноҳия бо аҳолии умумии 216,8 ҳазор нафар дохил мешуданд.[63] Дар ин давра соҳаи тандурустии вилоят аз муассисаҳои зерин иборат буд:

- беморхонаи шаҳрии Кӯлоб дорои 35 кати шуъбаи ҷарроҳӣ, 30 кати шуъбаи таваллуд, 30 кат барои бемориҳои дарунӣ. Ҳамагӣ 95 кат. Ба

---

[62] Искандаров Баҳодур Искандарович, Роҳи душвори дониш,- Мусаҳҳеҳон: У. Мамадшерзодшоев, Ш. Азорабекова.-Душанбек, 2015.-С.8

[63] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маърузаи шуъбаи тандурустии Комитети вилоятии Кӯлоб аз соли 1941-1942 .-С.87

ғайр аз ин, дар шаҳри Кӯлоб дармонгоҳи дорои шуъбаҳои зерин амал мекард:

- терапевтӣ
- ҷарроҳӣ
- кӯдакона
- шуъбаи бемориҳои чашм
- шуъбаи бемориҳои дандон

Инчунин, дар шаҳри Кӯлоб утоқи физиотерапевтӣ, рентгенӣ, нуқтаи онкологӣ, микрологӣ, иллат, стансияи вилоятии табларза (малария) ва диспансери бемориҳои шуш ва сироятӣ амал мекард. Дар назди шуъбаи тандурустии вилоят, инчунин боғчаи бачагонаи махсус бо 80 кат, хонаи кӯдакон барои 40 моҳ, табиби мактабӣ, ошхонаи ширхора, Маркази маданияти санитарӣ ва китобхонаи вилоятии санитарӣ фаъолият мекарданд. Дар шаҳр, ҳамчунин нуқтаи саломатии коргарон, нуқтаи тиббӣ ва стансияи ёрии таъҷилӣ фаъолият мекарданд. Дар ҳудуди вилоят инчунин 15 бунгоҳҳои тиббӣ амал мекарданд. Дар ҳар ноҳия яктоӣ бунгоҳҳи тиббӣ таъсис шуда, танҳо ноҳияҳои Даштиҷум, Шӯрообод ва Фархор ду бунгоҳи тиббӣ доштанд. Илова бар ин, ба ғайр аз ноҳияи Кӯлоб дар ҳамаи ноҳияҳо беморхонаҳои ноҳиявӣ дорои 251 кат амал мекарданд. Дар соли аввали ҷанг дар ҳудуди вилоят инчунин кушодани 26 нуқтаи тиббӣ ба нақша гирифта шуд. Нишондодҳои ин давра аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардум ҳанӯз хеле кам аз табобатхонаҳои давлатӣ истифода мекард. Чунончи аз шумораи умумии 337 кат дар давоми соли 1940 дар шаҳри Кӯлоб як кат ба ҷои 300 рӯзи истифода, танҳо 225 рӯз истифода гардид. Дар деҳот як кат дар як сол аз рӯйи меъёри 300 рӯз танҳо 86 рӯз истифода шудааст.[64]

Дар соли 1940 Шӯрои тандурустии вилояти Кӯлоб нарасидани кадрҳоро ба назар гирифта, нақшаи таъмини беморхонаҳоро бо табибон тартиб дод. Аз рӯйи ин нақша дар соли 1941 дар вилоят бояд шумораи

[64] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маърӯзаи шуъбаи тандурустии Комитети вилоятии Кӯлоб аз соли 1940-1945 .-С.7

умумии табибон ба 372 нафар ва шумораи ҳамшираҳо бошад ба 111 нафар мерасид. Аммо маълумоти моҳи декабри соли 1940 нишон дод, ки дар вилоят танҳо 38 нафар табибони дорои маълумоти олӣ кор мекарданд. Аз онҳо 30 нафарашонро занон ташкил медоданд. Аз рӯйи меъёр бояд 7 духтури дандон фаъолият менамуд, ки дар вилоят ҳамагӣ 1 духтур кор мекард. Теъдоди кормандони соҳаи миёна бояд 372 нафарро ташкил медод, вале дар вилоят 151 нафар кор мекарду бас. Пурра таъмин нагардидани соҳа бо кормандони баландихтисос бо рафтани кадрҳо аз вилоят алоқамандӣ дошт. Чунончи, дар соли 1940 ба вилоят 16 духтур омад ва мутаносиб 16 нафар вилоятро тарк намуданд.[65]

Нарасидани духтурон дар баъзе мавридҳо кормандони миёнаи тиббӣ (ҳамшираҳои тиббӣ) - ро маҷбур мекард, ки кори духтуронро иҷро намоянд. Аммо дар баъзе минтақаҳои дурдасти вилоят ба монанди минтақаи Чубек (ноҳияи Фархор), минтақаи Саричашма (ноҳияи Шӯрообод) ва минтақаи Ёли ноҳияи Даштиҷум тамоман хизматрасонии тиббӣ вуҷуд надоштанд.

Масъалаи дигаре, ки ба кори соҳаи тиб монеа мешуд, нарасидани нақлиёт буд. Дар соли 1940 нақлиёти соҳаи тибро 1 мошин ва 31 асп ташкил медод.[66] Дар ҳоле, ки баъзе деҳаҳо аз марказҳои тиббӣ дар масоҳати беш аз 100 км дур ҷойгир буданд ва расонидани ёрии тиббӣ дар чунин шароит ғайриимкон буд. Дар баробари ҳамин дар ҳудуди вилоят лабораторияҳои химиявӣ ва утоқи рентгенӣ вуҷуд надошт ва ин табибонро маҷбур мекард, ки беморонро барои ташхиси лабораторӣ ба маркази ҷумҳурӣ - шаҳри Сталинобод фиристанд.

Шароити ҷангӣ духтуронро ба табобати ҳар чи бештари даъватшудагон ҷалб мекард. Соли 1940 76 фоизи беморон аз ҷумлаи даъватшудагон аллакай табобат гирифта, ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ворид гардиданд.

---

[65] Маҳмадов, И. Фаъолияти тибби минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватан 1941-1945 /И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. №2 (46), (04-06) 2020. саҳ 127-132.

[66]БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маъруза аз соли 1941-1942 .-С.34

Дар соли 1941 ба ғайр аз сохторҳои шуъбаи тандурустӣ дар вилояти Кӯлоб, инчунин ҳашт отряди экспидитсияи венерологии Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият мекард, ки ба сифати кумак барои бартараф кардани афзоиши бемориҳои сироятӣ даъват шуда буданд.[67]

Аммо бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ вазъият тағйир ёфт, зеро қисми зиёди табибони беморхонаҳо барои табобати беморону маҷруҳони Артиши Сурх ба госпиталҳои ҳарбӣ фиристода шуданд.

Моҳи сентябри соли 1941 бо ташаббуси КМ Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқӣ ва Комитети Давлатии Мудофиа қарор «Дар бораи худомӯзии ҳатмии кори ҳарбӣ» қабул гардид, ки дар асоси он садҳо духтарони ҷавон давраи кӯтоҳмуддати ҳамширагиро гузашта, ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун ҳамшираи тиббӣ ворид гардиданд. Аз он ҷумла, фиристодагони тоҷик С. Ниёзова, А. Исоева, Я. Карамишева, С. Сангинова, Р. Фозилова, З.Костенко, К.Легкодимова, Р.Ёкубова дар хатти фронт ҳамчун ҳамшираи тиббӣ хидмат мекарданд. [68]

Илова бар ин, ба ҳукумати Шуравиро лозим омад, ки тамоми дастаҳои ҳарбии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз он ҷумла, ҳарбиёни вилояти Кӯлобро низ ба хатти фронт фиристонад ва соли 1941 Гарнизони ҳарбии дар ноҳияи Колхозобод (ҳозира Восеъ) муқимбударо ба ҷанг фиристоданд ва бинои холишударо ба ихтиёри Шуъбаи тандурустии ноҳия доданд, ки он дар кӯчаи Кирови шаҳрак ҷойгир буд. Пас аз таъмиру мутобиққунонии бинои номбурда Беморхонаи марказии ноҳия ба ин ҷо кӯчонида шуд.

Бо сабаби нарасидани табибон, дар тобистони соли 1941 хуруҷи бемориҳо дар вилояти Кӯлоб авҷ гирифт. Аз он ҷумла, бемории вараҷа (дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб), бемории сухтанӣ (дар Кангурт),

---

[67]БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1 Парвандаи №9 Маърӯзаи шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб аз 1940-1941.- С.34.

[68] История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011. – С.94

бемории брутселлёз (дар Данғара) ноҳияҳои мухталифи вилоятро фаро гирифт.

Мувофиқи маълумоти мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Г.Н. Читахова то соли 1941 дар ноҳияи Шӯрообод 1 беморхона, 1 стансияи тропикӣ ва 3 бунгоҳи тиббӣ ба мардуми ноҳия ёрии тиббӣ мерасонданд, аммо бо саршавии эпидемия онҳо аз уҳдаи кор намебаромаданд. Моҳи сентябри соли 1941 дар назди беморхонаи шаҳрии Кӯлоб нахустин шуъбаи ҷарроҳӣ бо 25 кат ва соли 1942 дар назди ҳамин беморхона озмоишгоҳ кушода шуд.[69] Худи ҳамин сол Ҳукумати Тоҷикистони Шурави гурӯҳи олимон ва табибони ботаҷрибаи соҳаи сироятшиносиро барои омӯхтани ҳолати санитариву эпидемиологии минтақа ва муолиҷаи беморон ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳайати ин гурӯҳ табибони байторӣ низ буданд. Нишондодҳо ва маълумотҳои ҳисоботии ин гурӯҳро Ҳукумати Тоҷикистон ба инобат гирифта, миқдори муайяни табибони атфол ва сироятшиносро барои кор ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳамин сол дар шаҳри Кӯлоб нуқтаи бемории байторӣ кушода шуд. Ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, аз Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ духтурони зиёде ба вилояти Кӯлоб омаданд. Сироятшиносон корро аз эмгузаронии саросари мардум шуруъ карданд. Дар муддати як сол зиёда аз ду ҳазор одам бар зидди бемориҳои сироятӣ эм кунонда шуданд.[70]

Ба вуқуъ омадани эпидемияи вараҷа ва хуруҷи дигар бемориҳои сироятӣ, ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Кӯлобро ниҳоят вазнин ва мақомоти маҳаллии ҳукумати вилоят ва сарварони шуъбаи тандурустии вилоятро ба қабул кардани чораҳои таъхирнопазир водор намуд. Дар ибтидо аз тарафи кормандони тиб чораҳои зидди эпидемӣ ва зидди бемории вараҷа амалӣ шуданд ва ин корҳоро дар тамоми

[69] История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011. – С.95

[70] Фонд 86, опись 1, дело 8.- Доклад от 1941-1942 годов.- С.35

қаламрави вилоят ташкил намуданд. Дар шаҳру ноҳияҳо илова ба муассисаҳои вуҷуддошта боз 11 стансияи тропикӣ, 11 нуқтаи санитарӣ таъсис дода шуданд. Дар ин радиф аз маблағгузории маҳаллӣ дар ноҳияҳои вилоят боз 10 гурӯҳи зидди бемории вараҷа ва пешгирии он ташкил карда шуд. Дар натиҷаи омӯзиш ва санҷиши доимии вазъи санитарию-эпидемиологии ноҳияҳои вилоят лозим дониста шуд, ки боз 30 кати иловагӣ дар ноҳияҳои гирифтори эпидемия кушода шавад.[71]

Дар шаҳри Кӯлоб ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои гузаранда аз тарафи стансияи санитарӣ-эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи тиббӣ гузаронида шуданд. Эмкунии саросари мардуми шаҳру ноҳияҳои вилоят бетаваққуф гузаронида мешуд. Бар зидди бемориҳои гузаранда дар мудати кӯтоҳ 55 ҳазор нафар эм кунонида шуд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии ноҳияҳо тамоми одамони қобили меҳнатро барои нест кардани ботлоқзорҳо ва тоза кардани заҳбуру ҷӯйборҳо сафарбар карданд.

Махсусан, душвориҳои зиёд барои кори духтурон дар соли 1942 ба миён омад. Дар ин сол дар якчанд ноҳияҳои вилоят эпидемияи оммавии бемории табларза (табларза) ва сил сар зад. Маҳз бо ҳамин сабаб дар соли 1942 микдори таваллуд 935 нафар ва шумораи фавт 1343 нафарро ташкил дод. Дар миёни бемориҳои дигар аъзоёни комиссия паҳншавии бемории тиф ва табларзаро махсусан, хатарнок ҳисобиданд, ки ҳолати ба қайдгирии ин бемориҳо дар ноҳияи Даштиҷум (52 ҳодиса) ва шаҳри Кӯлоб (27 ҳодиса) ба қайд гирифта шуданд. Дар ин давра махсусан паҳншавии табларза дар шаҳри Кӯлоб хеле ташвишовар буд, зеро дар квартали 1 соли 1942 1323 нафар гирифторони ҳамин беморӣ ба қайд гирифта шуданд.[72]

Дар вилояти Кӯлоб соли 1942 бригадаи махсуси кормандони тиб

---

[71] Маҳмадов, И. Фаъолияти тибби минтакаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945 / И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. –Душанбе, 2020. - №2 (46), (04-06). –С.127-132.

[72] БДВХК - фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8. - Маърузаи шуъбаи тандурустии Комитети вилоятии Кӯлоб аз соли 1941-1942 .-С.67

тафтишот гузаронида, натиҷаҳои онро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Бригадаи махсуси ҳукуматӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда, гурӯҳи аввал бо роҳбарии корманди НКВД Понамарев ва духтур Читахов Г.Н. ба ноҳияҳои Муъминобод, Колхозобод, Шӯрообод ва гурӯҳи дувум бо сардории духтур Попов П.А. ва корманди НКВД Ганин В. ба шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои он сафар намуданд. Тафтиш аз 23 май то 8 июни соли 1942 давом кард. Теъдоди зиёди фавти кӯдакон ба он овард, ки 7 июни соли 1942 ба ҳалли ин масъала органҳои НКВД низ масъул шуданд. Онҳо вазифадор гардиданд, ки кори табобати кӯдакон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ташвиқоти эмгузарониро таҳти назорати қатъӣ гиранд.[73]

Ҳукумати он вақтаи Тоҷикистон таъмини беморхонаҳоро бо лавозимот ва хӯроку пӯшок вазифаи аввалиндараҷа меҳисобид. Дар назди беморхонаҳо хоҷагиҳои ёрирасон фаъолият мекарданд, ки беморхонаро бо маҳсулоти ширӣ, тухм ва меваю сабзавот таъмин мекарданд. Аммо бо чунин шароити хуби беморхонаҳо ва таъминоти пурраи онҳо нигоҳ накарда, бозам таваллуди кӯдакон ба таври анъанавӣ дар хона гузаронида мешуд. Аз он ҷумла, дар солҳои 1941-42 танҳо 7-9% кӯдакон дар беморхонаҳои вилоят таваллуд шуданд ва боқимондаи таваллуди кӯдакон бе ёрии табибон дар хонаҳо гузашт. [74]

Сабаби чунин муносибат ба таваллудхонаҳо номаълум буд ва дар маводи бойгонӣ дар ин хусус маълумот дода нашудааст. Аммо ин муносибат, ба фикри мо, бо пойдор будани анъанаҳо ва хурофоти динӣ алоқамандӣ дорад, зеро бештари мардон намехостанд, ки таваллуди кӯдакро духтурони соҳавӣ назорат кунанд. Дар баробари ин, таваллуди кӯдакро на ҳамчун беморӣ, балки бахшидани ҳаёт мешумориданд ва муроҷиат ба табибонро зарурат намедонистанд.

---

[73] Маҳмадов, И. Фаъолияти тибби минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватан 1941-1945 / И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. Душанбе, 2020. №2 (46), (04-06). –С. саҳ 127-132.

[74] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маърузаи шуъбаи тандурустии Комитети вилоятии Кӯлоб аз соли 1941-1942 .-С.77

Бояд гуфт, ки дар ин давра системаи коргузории тамоми идораҳо ва корхонаҳои давлатӣ ба режими ҳарбӣ гузаронида шуд. Илова бар ин, интизоми меҳнат қатъиян аз тарафи органҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳти назорат гирифта шуд. Ҳамвора таъмини вилоят бо табибон дар ин давра ба танқисӣ дучор омад, зеро бо даъват шудани табибон ба фронт шумораи онҳо хеле кам гардид. Акнун табибон наметавонистанд ба ноҳияҳои дурдаст сафари хизматӣ дошта бошанд. Нарасидани табибон, махсусан, дар микёси минтақаи кӯҳистон бештар ба назар мерасид ва сабаби ин ҳолат, аввалан дар нарасидани нақлиёт ва дувум дар набудани роҳ дида мешуд. Илова бар ин, табибонро барои вилоят аз ҳисоби аҳолӣ тақсим мекарданд ва дар минтақаи кӯҳсор ин тарзи ҷудо кардани табибон баробар намеомад. Зеро деҳаҳо аз ҳамдигар хеле дур ҷойгир буданд ва агар аҳолӣ кам бошад ҳам, масоҳати байни деҳаҳо 50-60 км роҳро дар бар мегирифт. Аз ҳамин лиҳоз, на ҳама вақт ба ёрии беморон табиб ҳозир мешуд.

23 июни соли 1942 дар иҷлосияи Шӯрои вилоятии Кӯлоб масъалаи фаъолияти беморхонаҳо ба муҳокима гузошта шуд.[75] Дар ин маҷлис камбудиҳои аз тарафи комиссияи ҳукуматӣ ошкоршуда, ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои вилоятӣ расонида шуданд ва вазифаҳои мушаххас барои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда гузошта шуданд. Бо ҳамин мақсад вазифа гузошта шуд, ки дар байни аҳолӣ аз сари нав эмкунии оммавӣ гузаронида шавад. Соли 1942 142 500 беморро эмкунии нав фаро гирифт ва бо ҳамин роҳ пеши роҳи паҳншавии минбаъдаи ин бемориҳо гирифта шуд. [76]

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, дар вилоят табибони касбии дорои маълумоти олӣ намерасиданд. Дар тамоми қаламрави вилоят ба 7,5 ҳазор аҳолӣ 1 табиби дорои маълумоти олӣ рост меомад. Муассисаҳои тиббӣ дар интизори табибони нав буданд. Мувофиқи талаботи шуъбаи тандурустии вилоят барои беҳтар

[75]БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маъруза аз соли 1941-1942 .-С.67
[76] Кувшинская, Д.Р. История советской медицины.- М.., 1968.-С. 300.

кардани сатҳи хизматрасонии тиббии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳо моҳи июни соли 1942 аз ҷумҳурии федеративии шуравии сотсиалистии Русия (минбаъд ҶФШСР) ба вилояти Кӯлоб як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуда, дар мудати кӯтоҳ дар табобатхонаҳои маркази ноҳияҳо ба фаъолият шурӯъ намуданд.[77]

Барои беҳтару хубтар ба халқ, хизматрасонии тиббӣ намудан дар ибтидои соли 1942 дар назди беморхонаи вилоятӣ ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр ташкил карда шуд. Дар он табибони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Дар ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва бад шудани вазъи беҳдошти саломатии мардум, ташхисгоҳи сайёр ба ноҳияҳои вилоят фиристода мешуд.

Соли 1942 маркази саломати вилоятии дар шаҳри Кӯлоб буда бо табибони соҳибтахассуси зарурӣ пурра таъмин карда шуд ва ҳуҷраҳои нави табобатӣ низ кушода шуданд. Инчунин дар назди Стансияи санитарии эпидемиологии вилоятӣ барои ташхиси бемориҳои сироятӣ ташхисгоҳ кушода шуд. Дар ин мудат лозим омад, ки нуқтаи безараркунии тиббӣ, мутобиқи талаботашон васеъ карда шавад. Барои дар вақтҳои зарурӣ расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ дар назди корхонаи пахтатозакунии вилоятӣ бунгоҳи тиббӣ кушода шуд.

Дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ мубориза бо бемориҳои сироятӣ қувваи зиёди духтуронро талаб мекард. Соли 1942 қарор дар бораи «Пешгирии бемориҳои сирояткунанда дар сафи Армияи Сурх ва дар миёни аҳолӣ» қабул гардид. Моҳи январи соли 1943 дар идомаи ин корҳо қарори Шӯрои Комиссарони Халқии Иттиҳоди Шуравӣ (минбаъд ШКХ ИШ) «Дар бораи мубориза бо бемориии сил» қабул шуда, мавриди амали сохторҳои тиббии Шуравӣ қарор гирифт. [78]

Дар соли 1943 тартиби даъвати духтурон ба сафи Армияи Сурх каме ба эътидол оварда шуд. Ба зарурати фронт ва норасоии сарбозон нигоҳ

---

[77] БДВХК- фонди 86, рӯйхати 1, парвандаи 8.- Маърузаи шуъбаи тандурустии Комитети вилоятии Кӯлоб аз соли 1941-1942 .-С.67
[78] Митерев, Г.А. В дни мира и войны.- М.., 1975.- С. 169.

накарда, ҳукумати он давра мавқеи ақибгоҳро низ дар таъмини ғалаба бар фашизм муҳим мешуморид ва аз ин лиҳоз, чораҳои зарурӣ барои таъмин намудани фаъолияти ақибгоҳ ва аз он ҷумла, ҳифзи саломатии аҳолӣ меандешид.

Роҳбари Комитети давлатии мудофиа Иосиф Виссарионович Сталин борҳо кормандон ва масъулини комитетҳои ҳарбиро таъкид намуд, ки одамонро танҳо барои таъмини шумораи сарбозон ба сафи Армияи Сурх даъват накунанд. Ӯ борҳо мисол меоварданд, ки армияҳои пурзуре, ки фақат аз паси шумора мешуданд ва фикри ҷамъияти ақибгоҳро намекарданд, ҳатман ба нокомӣ дучор шуданд.[79]

Моҳи майи соли 1944 қарори махсуси ШКХ ИШ «Дар бораи мубориза бар зидди вараҷа (табларза) баромад. Чораҳои пешгирифтаи давлат имкон додаанд, ки нисбати солҳои 1941, 1942 ва соли 1943 дар соли 1944 сатҳи бемории вараҷа паст гардад, аммо соли 1945 ин беморӣ боз рӯ ба афзоиш ниҳод.[80]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти Донишкадаи тиббии Тоҷикистон қатъ нагардид, балки васеъ, устувору бонуфуз шуд. Вай ҳамчун донишкадаи ақибгоҳи ҷанг зери назорати махсуси Ҳукумати Шуравӣ қарор гирифт. Аз шаҳрҳои марказии Москва ва Ленинград олимону устодони бомаърифату соҳибистеъдод барои тайёр кардани духтурони ихтисосҳои гуногун ба донишкада фиристода мешуданд. Аксарияти толибилмони курсҳои болоии Донишкадаи тиббии Тоҷикистон барои расонидани ёрии тиббӣ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ фиристода шуданд. Соли 1943 125 нафар хатмкунандагони аввалини ин донишгоҳ ба сафи Артиши Иттиҳоди Шуравӣ сафарбар гардиданд.[81]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Кӯлоб ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои гузаранда аз тарафи стансияи санитарӣ-эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи

---

[79] Штеменко, С.М. Штаби генералӣ дар солҳои ҷанг.- Душанбе 1978.-С.565.
[80] Митерев Г.А. В дни мира и войны.- М.., 1975.- С. 167.
[81] Таджикский Государственный медицинский институт.- Душанбе 1989.-С. 7

тиббӣ гузаронида шуданд. Эмкунии саросари мардуми шаҳру ноҳияҳои вилоят бетаваққуф гузаронида мешуд. Бар зидди бемориҳои гузаранда дар муддати кутоҳ 55 ҳазор нафар эм кунонида шуд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии ноҳияҳо тамоми одамони қобили меҳнатро барои нест кардани ботлоқзорҳо ва тоза кардани заҳбуру ҷӯйборҳо сафарбар карданд.[82]

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ дар вилоят табибони касбии таҳсилоти олидор намерасиданд. Дар тамоми қаламрави вилоят ба 7,5 ҳазор аҳолӣ 1 табиби таҳсилоти олидор рост меомад. Муассисаҳои тиббӣ дар интизори табибони нав буданд. Мувофиқи талаботи шуъбаи тандурустии вилоят барои беҳтар кардани сатҳи хизматрасонии тиббии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақа моҳи июни соли 1942 аз ҶФШСР ба вилояти Кӯлоб як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуда, дар муддати кӯтоҳ ба табобатхонаҳои марказии ноҳияҳо ба кор таъмин карда шуданд.[83]

Ба чунин ҳолати ногувори иқтисодиву иҷтимоӣ нигоҳ накарда, ҳукумати Шуравӣ ба мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дастур дод, ки дар муддати кӯтоҳ муассисаҳои тиббиро барқарор намуда, кори муътадили онҳоро ба роҳ монанд.[84] Табибоне, ки аз муассисаҳои тиббӣ ба сафи Артиши Сурх даъват шуда буданд, баъди ҷанг боз ба ҷойҳои кории аввалаашон баргардонида шуданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ кори табибони Тоҷикистон натиҷаҳои хуб ба бор овард. Дар ин даврон бемории таби сурх (скарлатина) ду баробар, бемории сурхча се баробар ва бемориҳои шикаму руда 9 баробар кам гардиданд.[85] Бо ҳамин тарз муассисаҳои

---

[82] Маҳмадов, И. Фаъолияти тиббӣ минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945/И. Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. №2 (46), (04-06) 2020. саҳ 127-132.
[83] Энсиклопедияи Кӯлоб, соли 2006.
[84] Коммунист Таджикистана 1950, 27 март
[85] История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011. – С.94

тандурустии вилояти Кӯлоб оҳиста-оҳиста ба маҷрои кории пеш аз ҷангӣ бармегаштанд.

Бояд қайд кунем, ки душвориҳои муваққатии солҳои ҷанг ба системаи тиббии минтақаи Кӯлоб зарари калон расонид, зеро дар ин солҳо бо сабаби нарасидани доруворӣ ва мутахассисони ботаҷриба, хуруҷи баъзе аз бемориҳои сироятӣ аз сари нав мушоҳида гардид ва ин боиси аз нав ташкил кардани кори стансияҳои тропикӣ гардид, ки дар солҳои 50 ба ин кор равона гардиданд.

Дар маҷмуъ, фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ чунин нуқтаҳои асосии таҳлилиро муайян кард:

1. Дар ин солҳои душвор фаъолияти муассисахои тиббӣ на танҳо боздошт нашуд, балки дар ҳамаи ноҳияҳо беморхонаҳои ноҳиявӣ амал мекарданд. Аммо тез иваз шудани мутахассисон ва нарасидани духтурон ва ҳамшираҳои тиббӣ барои пешрафти кори ин беморхонаҳо монеа мегардид;

2. Бо баромадани қарор «Дар бораи худомӯзии ҳатмии кори ҳарбӣ» садҳо духтарони ҷавон дарсҳои кӯтоҳмуддати ҳамширагиро гузашта, ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун ҳамшираи тиббӣ ворид гардиданд. Ин омил яке аз далелҳои қаҳрамонии фарзандони тоҷик мебошад, зеро далерона дар хатти фронт ҳамчун ҳамшираи тиббӣ хидмат мекарданд.

3. Диққати махсуси кормандони тиб ба сатҳи баланди фавти кӯдакон дар мадди аввал меистод ва онҳо вазифадор гардиданд, ки кори табобати кӯдакон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ташвиқоти истифодаи эмкуниро таҳти назорати қатъӣ гиранд.

4. Ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр ташкил карда шуд, ки дар он табибони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббӣ кор мекарданд ва дар ҳолатҳои муайян шудани хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва бад шудани вазъи беҳдошти саломатии мардум, ташхисгоҳи сайёр ба сохторҳои тандурустии вилоят ахборот медод.

Солҳои 1941 – 1945 давраи душвортарин таърихи Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор меравад ва ин мушкилот тамоми халқҳоро боз ҳам муттаҳид гардонд. Ҳисси ватандӯстии халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ характери объективӣ дошт, зеро ин давлат бо дастовардҳо ва муваффақиятҳои худ дар муддати кӯтоҳи таърихӣ зиндагии халқҳои тамоми гӯшаву канорҳои Иттиҳоди Шуравиро ба куллӣ тағйир дод. Ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан омилҳои асосие буданд, ки ғалабаи мамлакати Шуравиро дар ин ҷанг таъмин карданд. Боварӣ ба ғалаба дар ҷанг ба одамони ақибгоҳ қувват бахшид ва онҳо низ дар фронти меҳнатӣ қаҳрамонии бузург нишон доданд. [86]

«Ҳар қадаре, ки таърих моро аз он солҳо дуртар мебарад, бароямон шаҳомати корномаи беназири халқ ҳамон қадар равшантар мегардад ва сабақи таърих бароямон аҳамияти бештар пайдо мекунад».[87]

Гарчанде ки ҷанг давраи мудҳиштарини ҳаёт аст, аммо дар баробари ин имтиҳоне буд барои давлати Шуравӣ ва ин давлат аз ин марҳила бо ғалаба баромад ва аз ҳисоби маблағҳои репаратсионӣ сохтмони иншоотҳои нав дар сар то сари мамлакат оғоз гардид ва дар соҳаи тибби давраҳои минбаъда ҷаҳиши бузурги технологӣ ва инсониро ба вуҷуд овард. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ табибони беморхонаҳои муҳоҷиршуда, ки дар шаҳрҳои калони Тоҷикистон ҷойгир шуданд, дар баробари ёрии тиббӣ ба аскарони сурх, инчунин ба мардумони таҳҷоӣ низ ҳаматарафа дар муроҷиатҳои онҳо кумаки тиббиро сари вақт мерасониданд. Халқи тоҷик хотираи неки ин табибонро дар қалбҳо абадӣ пос медорад.

Таҳлили фаъолияти табибон ва кормандони соҳаи тибби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон медиҳад, ки дар ин солҳо новобаста аз кам гардидани захираи молиявии давлат, соҳаи тиб дар самти хизматрасонӣ ба аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расониданд ва тавонистанд пеши роҳи сар задании

---

[86] Саидасанов, Ю. ВМКБ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.- Душанбе 2011.- С.89.
[87] Раҳмон, Э., Истиқлолияти Тоҷикистон…, ь 3, Душанбе, 2002, с.56.

эпидемияҳои наврo гиранд. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ саҳми босазои худро гузоранд.

## 1.3. Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 асри XX

Бо тамомшавии ҷанг рушди давлати Шуравӣ равнақи тоза гирифт ва аз сари нав маблағгузории соҳаи тиб ҷоннок гардид. Ба давраи баъдиҷангӣ тибби Шуравӣ бо таҷрибаи нав, ки аз фронтҳои ҷанг ва аз тибби давлатҳои Аврупо ба даст овард, қадам гузошт. Дар солҳои аввали баъди ҷангӣ бо сабаби суст шудани назорати беҳдошти саломатӣ ва сари вақт муолиҷа накардани кӯдакони бемор, дар қаламрави шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб бемориҳои кӯдакона, бахусус бемориҳои сироятӣ ниҳоят афзуда буданд. Сохтани бинои нави беморхона барои кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарраи замон буд, зеро фавти кӯдакони навзод хеле зиёд гардид.

Эмкунии зидди сил, махсусан дар соли 1948 авҷ гирифт, зеро дар ин давра аз тарафи олимони Шуравӣ Лешинская Е., Вакенгут А.М. ваксинаи БСЖ шакли нави ваксини хушк ихтироъ гардид. Ин ваксина бо номи БСЖ маълум буда, он барои кӯдакони навзод ҳатмӣ гардид ва таъсирнокии он муҳлати зиёд дошт.[88] Фарқияти ваксинаи нав ва таъсирнокии он ба организми инсон дар ҷадвали поён оварда шудааст.[89]

Ҷадвали №1

Эмкунии зидди сил дар соли 1948 бо ваксинаи нави БСЖ дар муқоиса бо ваксинаи кухна дар вилояти Кӯлоб

| Ваксина | Кухна | Нав |
|---|---|---|
| БСЖ | Аз рӯзи аввал то 7 сола<br>Аз 11-12 сола | Аз рӯзи аввал то 7 сола<br>Дар 12 солагӣ |

[88] Носов, Д.С. Влияние прививок на организм ребенка. - М.,1968.-С.9.
[89] Носов, Д.С. Влияние прививок на организм ребенка. - М.,1968. -С.174.

| | | |
|---|---|---|
| | 14-15 сола<br>17-18 сола | Дар 17 солагӣ |
| ҳуннок (дифтерия), кузоз (стобняк) | 5-6 моҳа -3 маротиба<br>Баъди 9-12 моҳ<br>Ревакисинасияи 1<br>Баъди 2 сол<br>ревакисинасияи 2 | 5-6 моҳа -3 маротиба<br>6 солагӣ<br>ревакисинасияи 2 |
| кузоз (стобняк) | 16-22 солагӣ | 16-17 солагӣ |
| Нағзак (Оспа) | Аз 9 моҳагӣ<br>4 солагӣ<br>8 солагӣ<br>12 солагӣ<br>18 солагӣ | 10-12 моҳагӣ<br>8 солагӣ<br>15 солагӣ |

Маълумоти дар ҷадвал омада нишон медиҳад, ки ваксина барои аҳолии синни таваллуд то 22 - солагӣ барои бемориҳои сироятӣ (ҳуннок, варача, сил) пешбинӣ гардид ва кӯдакону наврасонро пеш аз ҳама фаро гирифт.

Дар охири солҳои 40 ва аввали солҳои 50 асри XX талабот ба тайёр намудани кадрҳои соҳаи тиб боз ҳам бештар гардид. Аз ҳамин ҷиҳат дар Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон аз соли хониши 1948-1949 таълими 6-сола ҷорӣ карда шуд. Минбаъд дар шумораи соатҳои тахассусӣ оид ба дардҳои дарунӣ, чарроҳӣ ва момодоягӣ зиёд шуда, кафедраҳои нави тахассусӣ кушода шуданд. [90]

Дар ибтидои соли 1950 бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии вилоятӣ ва шаҳрӣ, ки роҳбараш Ю.Ф. Лисак буд сохтмони беморхонаи кӯдакона оғоз ёфт.[91] Дар охири сол мудири шуъбаи тандурустии шаҳр В. П. Матвиец таъин

[90] Таджикский Государственный мединститут имени Абуали ибн Сино.- Душанбе 1980.- С.6
[91] БДВХК- ф.3, рӯйхати 7, д.т.12, -С.17

шуд, ки таҳсилоти миёнаи тиббӣ дошт. Дар он замон вилояти Кӯлоб побарҷо буду тамоми масъалаҳои дарозфосила ва рӯзмарраро шуъбаи тандурустии вилоятӣ ҳаллу фасл мекард. Муассисаҳои шаҳрӣ дар биноҳои пеш аз ҷанг сохташуда фаъолият мекарданд.

Дар суҳбат бо собиқ котиби аввали Ҳизби коммунистии вилояти Кӯлоб маълум гардид, ки солҳои баъдиҷангӣ муассисаҳои тиббӣ ба таври мушаххас ба вилоятиву шаҳрӣ ҷудо карда намешуданд. Тамоми муассисаҳои тиббии вилоят ва шаҳр дар ҳамин биноҳое, ки ҳоло беморхонаҳои бемориҳои сироятӣ, асаб, бемориҳои руҳӣ ва ташхисгоҳи судӣ-тиббӣ воқеанд, ҷойгир буданд. Бинои диспансери бемориҳои чашм (трахоматозний диспансер) ва бунгоҳи бемориҳои пӯст дар рӯ ба рӯи мактаби №5 ҷойгир буданд. Бинои ҳозираи бемориҳои сироятӣ баъди ҷанг, то сохтани бинои нав, шуъбаи таваллудхонаи беморхонаи вилоятӣ буд, ки онро табиби ниҳоят ботаҷриба, ҳалиму мушфиқ Евтеева Нина Федровна сарварӣ мекард. Шуъбаи кӯдакона низ дар ҳайати беморхонаи зикршуда буд. Сарварии ин шуъбаро табиби хоксору мушфиқ Фриндлянд Ким Савелевич ба ухда дошт, ки табиби ниҳоят ботаҷриба ва ташкилотчии моҳир буд».[92]

Бинои беморхонаи кӯдакон дар кӯчаи 1-уми май, ки сохтмонаш давом дошт, соли 1951 ба охир расид ва ба истифода дода шуд.[93] Вазъияти ноҳияҳо низ рӯ ба беҳбудӣ овард. Чунончи, солҳои 50 дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод як беморхонаи дорои 15 кат, нуқтаи бемориҳои тропикӣ ва 4 бунгоҳи тиббӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо табибони аз Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ омада фаъолият доштанд. Табибони ихтисосҳои зарурӣ аз Руссия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба ин минтақа фиристода шуданд. Ҳамаи муассисаҳои аз фаъолиятмонда боз ба кор шуруъ карданд. Беморхонаи

[92] Аз суҳбати муаллиф бо М. Бегматов - шаҳри Кӯлоб - 2018.
[93]БДВХК- ф.3, оп.7, д.т.12,-С.18.

маркazии ноҳия таъмир, васеъ ва ба шуъбаҳо тақсим карда шуд.[94]

Дар ҳудуди ноҳияи Данғара як бунгоҳи тиббӣ фаъолият мекард, ки минбаъд 4 бунгоҳи тиббӣ ба фаъолият шуруъ кард. Аз ҳисоби мардуми бумӣ шумораи духтурон ва кормандони миёнаи тиб афзуд. Ба муассисаҳои профилактикию муолиҷавии ноҳия хатмкунандагони Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба кор фиристода шуданд. Миқдори табибони таҳсилоти олидор ба 12 ва кормандони миёнаи тиб ба 70 нафар расид. Дар ин давра сардухтури Беморхонаи маркazии ноҳия духтурон Мачеранов ва Мнушкин (ному насабашон номаълум) буданд.[95]

Соли 1951 Беморхонаи маркazии ноҳияи Москва (ҳоло МСА Ҳамадонӣ) таъсис гардид, аммо бо сабаби нарасидани мутахассисон дар ин беморхона танҳо шуъбаи умумӣ амал мекард. Ёрии таъҷилӣ ва даъватҳо барои расонидани ёрии тиббӣ ба воситаи аспҳо ва ё пиёда иҷро мешуданд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, бо кумаки табибони он давра бисёр касалиҳои сироятӣ ба монанди нағзак (оспа), вараҷа (табларза), обпартояк (Холерра) аз байн бурда шуданд.

Яке аз хусусиятҳои сиёсати давлати Шуравӣ дар ин давра аз он иборат буд, ки ҳар чи тезтар масъалаи таъмини соҳаи тибро бо мутахассисони маҳаллӣ ба роҳ монад, зеро духтуроне, ки аз марказ ва шаҳрҳои Россия ба минтақаи Кӯлоб меомаданд, дар шароити гарми ин минтақа тоқат намекарданд ва бо ҳамин сабаб тез-тез иваз мешуданд.

Дар соли 1951 дар ноҳияи Москва (ҳоло МСА Ҳамадонӣ) аввалин сардухтури беморхона аз ҳисоби мутахассиони тоҷик Қосимов Мақсуд Сафарович ба кори худ оғоз кард.[96] Аз сабаби нарасидани мутахассисони ботаҷриба дар деҳот табибон берун аз ваколат ва ихтисоси худ кор мекарданд. Дар чунин мавридонҳо чи дар гузоштани

[94] Ғоибов, Ғ. Азизов, М. Ҳасанов, Н. Муъминобод. – Душанбе, 2010. «Маориф ва фарҳанг» (256 с). –С.245-246

[95]БДВХК- ф.3., оп.7., д.т.12.,-С.19.

[96]Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе, «Афсона». 1999.-С. 106.

ташхис ва чи дар муайян кардани намуди беморӣ ба хатоиҳо дучор мешуданд. Чунончи, аз 18 намуди бемории сил ва 10 намуди бемории дарунравӣ ва шикам, табибон танҳо як намуди ин дардро медонистанд ва яксон аз рӯйи ҳамин намуд табобатро пеш мебурданд. Чунин муносибат на ҳама вақт бо манфиати беморон анҷом меёфт.[97]

Бояд гуфт, ки таҷрибаи истифодабарии як табиб дар чандин равияи тиб барои он давра кори одӣ буд ва мардум ба ихтисоси соҳавии табибон диққат надода, аз духтурон муолиҷаи ҳамаи дардҳоро талаб мекарданд. Аз ҳамин сабаб, ҳар як табибро зарур омад, ки на танҳо соҳаи худ, балки дигар самтҳои тибро низ биомӯзад, то ки ба мардум хидмат расонад. Илова бар ин, табибоне низ буданд, ки маълумоти олии тиббӣ надоштанд, аммо кӯшиш ба харҷ медоданд, то ки донишҳои худро зиёд намоянд.

Чунончи, дар ноҳияи Фархор дар беморхонаи ягонаи ноҳиявӣ, ки дорои 17 кат буд, тамоми табибон соҳиби маълумоти миёна буданд. Яке аз чунин табибон Ямонт Флиста Алоизовна буд. Вай соли 1945 бо як гурӯҳ маҷруҳони ҷанг ба госпитали шаҳри Душанбе омад. Баъди шифоёбии онҳо бо хоҳиши ӯ ва бо роҳхати Вазорати тандурустӣ ба ноҳияи Фархор ба колхози «Тоҷикистон» фиристода шуд. Флиста Алоизовна бо мардуми деҳаҳои гирду атроф меҳр пайдо кард. Мардум ба ӯ таваҷҷуҳи зиёде доштанд. Бо эҳтироми хоса ӯро «духтур Ямин» мегуфтанд. Ямонт Ф.А. махсусан дӯсти кӯдакон буд. Солҳои аввал азбаски ҳуҷраи корӣ надошт, беморонро дар хонаи шахсии бобои Эмомалӣ қабул мекард. Бо иқдоми неки ӯ дар колхоз бунгоҳи тиббӣ, баъдтар беморхона бунёд карда шуд. Якчанд нафар табибонро ба кор ҷалб кард. Беморхона соҳиби автомобил гардид, ки ин дар шароити душвори он давра комёбии назарас дониста мешуд, зеро мошин дар

[97]Тақсимбандии омории касалиҳо, латхурӣ ва сабабҳои марг (Статистическая классификация болезней, травм и причин смерти).- зери таҳрири Овчарова В.Н. М.., 1964.-С. 16.

ихтиёри органҳои давлатӣ хеле кам буд.[98]

Дар солҳои 50 асри XX Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ҳар сол 100 нафар мутахассиси соҳаи тибро омода менамуд. Дар соли 1953 шумораи табибони ҷумҳурӣ ба 1426 нафар ва соли 1960 ба 2305 нафар расид. Дар деҳот соли 1953 шумораи табибон 192 нафар ва соли 1960 ба 310.6 нафар расид. Соли 1954 мактабҳои тиббии Тоҷикистон (дусола) ба омӯзишгоҳҳои тиббӣ бо се соли таҳсил гузаронида шуданд. Дар натиҷа, дар соли 1956 дар ҷумхурӣ дастёри табиб – 216, момодоя – 102, ҳамшира – 127, дастёри санитарӣ – 85 нафар омӯзишгоҳҳоро хатм намуда, ба беморхонаҳо фиристонида шуданд.[99]

То охири солҳои 60 беморхонаи ноҳиявӣ аз ҳисоби духтурони аҳолии маҳаллӣ мукаммал шудан гирифт. Дар ин давра омӯзиш дар мактаб ва донишгоҳҳои тиббӣ характери оммавӣ гирифт ва ин чандин сабаб дошт:

- аввалан сатҳи дониши хатмкунандагони мактабҳо мутобиқ ба барномаҳои умумӣ пурра ба роҳ монда шуд ва ин имкон медод, ки ҳар як хатмкунанда ба осонӣ имтиҳоноти дохилшавиро супорад;

- дувум, сатҳи дониши хатмкунандагон дар роҳи омӯзиши забони русӣ баланд гардид ва дар Донишкадаи тиббӣ, ки аксарияти устодон бо забони русӣ дарс мегуфтанд, барои донишҷӯён аз худ намудани донишҳои тахассусӣ осон гардонид;

- сеюм дохилшавии оммавӣ ба Донишгоҳи тиббӣ ба манфиати мақомотҳои маҳаллӣ буд, ки ҳаматарафа довталабонро барои дохилшавӣ ба он дастгирӣ мекарданд.

Духтур Орлова Александра Николаевна дар ҷанг аз пояш маҷруҳ гашта буд. Вай баъди ҷанг ба ноҳияи Фархор омада, ба табобати беморон оғоз кард ва дар беморхонаи марказӣ ба ҳайси мудири шуъбаи

---

[98] Маҳмадов, И.М. Аз таърихи пайдоиши аввалин муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-40 асри XX /И.Маҳмадов// Идоракунии давлатӣ. –Душанбе, октябр-декабри 2017. -№4 (36). –С.151-158

[99] История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011. – С.208

касалиҳои сироятӣ кор кард. Ҳамин тавр, духтурон Захаров Станислав Петрович ҷарроҳ-сардухтури ноҳия, Заходякин Александр Филипович-ҷарроҳ, Талаков Виктор Кузмич-духтур, ҳамшираҳои тиббӣ Просковя Петровна Фёдорова, Екатерина Дмитриевна Мироненко, Сплюхина Тамара, Нина Зубова, Нина Зоркова, Наталя Викторова ва дигарон дар рушди соҳаи тандурустӣ, табобати беморон ва пешгирӣ кардани ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар солҳои 60 саҳмгузор буданд. Бо дастгирии ин мутахассисон дар назди беморхона утоқҳои нав сохта ба истифода дода шуданд.[100] Аз ҷумла: шуъбаҳои касалиҳои сироятӣ, дарунӣ, таваллудхона, касалиҳои сил, дандонпизишк ба биноҳои нав кӯчонида шуданд. Шабакаи санитарӣ-эпидемиологӣ низ ба бинои нав гузашт, ки то ҳанӯз ходимони он фаъолият доранд. Шуъбаи ёрии таъҷилӣ самаранок кор мекард.[101]

Соли 1963 аввалин мутахассиси маҳаллӣ Ғаюров Хайриддин ба ноҳияи Фархор омада фаъолиятро оғоз намуд. Солҳои 1964 бо иқдоми вай курси кутоҳмудати ҳамшираҳои тиббӣ ташкил карда шуд, ки хатмкунандагони он дар шуъбаҳои алоҳида ва пунктҳои тиббӣ бо муваффақият кор мекарданд. Худи ҳамон сол Шамсиддин Сайфуддинов бо ҳамроҳии ҳамсараш Вавилова Тамара Андреевна низ ба кор омаданд. Сайфиддинов то аввали солҳои 70-ум сардухтури ноҳия ва Вавилова бошад, то соли 2004 дар диспансери касалиҳои сил ҳамчун духтур фаъолият намуданд. Соли 1965 аввалин хатмкардаи Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ Юсуф Ватанов бо дипломи духтурӣ ба ноҳияи хеш баргашт. Вай бо масъулияти калон ва дили гарм ба кор оғоз намуд. Ватанов духтурӣ ташхисгоҳ, баъдтар ҷонишини сардухтур, то соли 2004 дар вазифаи мудири шуъбаи касалиҳои сироятӣ кор кард. Инчунин, соли 1965 Назрӣ Асоев ҳамчун духтури касалиҳои

[100] БДВХК-фонди 3, рӯйхати 7, д.т. 12. – С.16.
[101] Энсиклопедияи Фархор. – Душанбе, «Ирфон». 2010. –С. 71-75;

даруни̅ дар беморхона ба кор шуруъ намуд.[102]

То охири солҳои 60-ум беморхонаи ноҳияви̅ аз ҳисоби духтурони маҳалли̅ мукаммал шудан гирифт. Як қатор ҳамшираҳои тибби̅, ки омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳри Душанбе ва Кӯлобро хатм намуда буданд, дар шуъбаҳои гуногуни беморхонаи марказӣ, беморхонаи «Деҳқон - Арик» ва дигар нуқтаҳои тибби̅ ба кор даромаданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самараи хеле хуб дод. Дар байни онҳо Қурбон Раҳимов, Ҳафиз Рашидов, Раҳмон Казаков, Коғазмоҳ Муминова, Файзулло Азизов, Сафар Давлатов, Мумин Идрисов, Шомурод Мухшулов, Зариф Шарифов, Раҳим Идиев, Занҷир Эгамов, Раҳмон Зарифов, Амирхон Олимов, Солеҳ Рауфов, Наташа Манишева ва дигарон барои саломатии мардум фидокрона заҳмат мекашиданд. Дар натиҷа бисёр бемориҳое, ки паҳншуда ҳисоб мешуданд, ба монанди касалиҳои нағзак, сурхча, вабо, хурусак, кабутхафа, фалаҷ ва вараҷа ба воситаи гузаронидани эм пурра аз байн рафтанд.[103.104]

Солҳои 50 асри гузашта бо сабаби дар қаламрави вилояти Кӯлоб зиёд будани бемориҳои сил, бинои кухнаи Беморхонаи марказии ноҳия ба санаторияи вилоятии бемориҳои сил табдил дода шуд. То ин замон бинои нави Беморхонаи марказии ноҳия аз ҳисоби маблағҳои маҳалли̅ ва бо таври ҳашари умуми̅ сохта ба истифода дода шуд. Соли 1952 диспансери шаҳрии зидди бемории сил ба диспансери вилоятии зидди бемории сил табдил дода шуд ва дар бинои ҳозираи диспансери бемориҳо пӯст ва зухрави̅ ҷойгир буд.[105] Соли 1957 бо қарори вазирони қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шурави̅ беморхонаи ҳарбии гарнизони шаҳри Кӯлоб барҳам дода шуд. Дар моҳи декабри соли 1957 диспансери

---

[102]Аз суҳбат бо собиқ сардухтури беморхонаи сироятии ноҳияи Фархор, собиқадор, сироятшинос Юсуф Ватанов 12.06.2014.

[103]Бурҳониддин Усмон «Фархориён». – Душанбе, 2010. -С.90

[104]Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тандурустии ноҳияи Фархор, духтури бунгоҳи тиббии деҳаи 1 Май, Раҳмон Зарифов 15.07.2018.

[105]Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ сардухтури беморхонаҳои нохияи Фархор, раиси иттифоқи касабаи табибони ноҳияи Фархор Талбак Саидов 25.08.2018.

зидди бемории силро ба бинои холишудаи беморхонаи гарнизон гузарониданд, ки ҳоло ҳам дар онҷо ҷойгир аст. Дар он сол катҳои диспансери мазкур ба 100 адад расонида шуд. То соли 1958 сардухтури диспансери зидди бемории сил Хайдар Маликов буд.

Соли 1958 шуъбаи ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои рентгенӣ, муоинагоҳи балғам, санҷиши хуну пешоб ба кор даровварда шуданд. Дар тӯли соли 1958 катҳои беморхона ба 150 адад расонида шуд. То солҳои 80-ум шумораи катҳои беморхона ба 300 адад расонда шуд. Хизматҳои шоистаи Менгниёр Боймуродовро дар соҳаи тандурустӣ ба инобат гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон ӯро ба унвони фахрии «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонданд. [106]

Яке аз хусусиятҳои хоси табиати минтақаи Кӯлоб дар он буд, ки бо таъсири иқлими минтақа ва обҳои он бемориҳои мавсимӣ сар мезаданд. Чунончи, дар фасли баҳори соли 1950 аҳолӣ гирифтори бемории замбурӯғ гардид. Диспансеризатсия ҳамчун методи табобат, махсусан барои бемориҳои иҷтимоӣ зарурат дошт, ки ба онҳо гурӯҳи бемориҳои сирояткунанда, сил, вараҷа ва дигар бемориҳо дохил мешуданд.[107.108] Аз ин рӯ, зарур шуморида шуд, ки аҳолӣ сари вақт аз диспансеризатсия гузаронида, пеши роҳи паҳншавии ин бемориҳо гирифта шавад.

Моҳи январи соли 1952 бо фармоиши раёсати тиббии вилоят сардухтури диспансери бемориҳои пӯст Шегас Ханон Моисеевич таъин гардид. Аз соли 1953 диспансери вилоятии бемориҳои пӯст ва ҷинсӣ дар кӯчаи Томин (ҳозира Х. Назаров) бо масоҳати 58,9 метри мураббаъ ҷойгир шуда буд. Дар бино ҳамагӣ 1 палата ва 5 кат барои беморон мавҷуд буду бас. Ба ин шароити вазнин нигоҳ накарда, ташхисҳои микроскопӣ ва серологӣ гузаронида мешуданд. [109]

---

[106] Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ сардухтури беморхонаҳои ноҳияи Фархор, раиси иттифоқи касабаи табибони ноҳияи Фархор Талбак Саидов 25.08.2018.

[107] Фрейдлин, С.Я. Диспансеризация городского населения – Л., 1964. - С.16.

[108]Аз суҳбат бо собиқадори ҷангу меҳнат дар шаҳри Кӯлоб М. Бегматов соли 2018

[109] БДВХК- ф-3, опис-7, д.т. 12. –С.16.

Соли 1955 сохтмони бинои омӯзишгоҳи тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб оғоз ёфт. Ин, ба фикри мо, муҳимтарин қарори ҳукумати он давра буд, зеро дар шароити ин минтақа кушодани мактаби тиббӣ аҳамияти калон дошт ва ин ба чунин омилҳо вобаста буд:

- аввалан ин омӯзишгоҳ барои баланд бардоштани сатҳи дониши ҳамшираҳои тиббӣ аз ҳисоби ҷавондухтарони маҳаллӣ мусоидат намуд ва ҳарсола шумораи зиёди донишҷӯён баъди хатми ин омӯзишгоҳ ба деҳаҳои дурдаст рафта, дар миёни мардум доир ба риояи қоидаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ суҳбатҳо доир мекарданд, ин омил боиси баланд шудани фарҳанги тиббии мардум мегардид;

- дувум, кушодани мактаби тиббӣ масъалаи таъмин кардани соҳаи тибби минтақаро бо кормандони маълумоти миёна ва ҳамшираҳои тиббӣ ҳал мекард ва бо зиёд шудани ҳамшираҳои тиббӣ имконият барои кушодани бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои дурдасти минтақа имконпазир гардид, зеро қаблан сохтани онҳо бо сабаби нарасидани кадрҳо ба таваққуф гузошта мешуд.

Пас аз чанд моҳ дар назди сохтмони омӯзишгоҳи тиббӣ сохтмони иншооти беморхонаи вилоятиву шаҳрӣ сар шуд. Шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо тобеи Вазорати тандурустии Тоҷикистон шуданд, чунки дар ҳамин сол мақомоти вилояти Кӯлоб барҳам дода шуд. Мувофиқи маълумоти баъзе ҳуҷҷатҳои ноаниқ соли 1956 И.К. Ступак бо таҳсилоти миёнаи тиббӣ мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб таъин карда шуд.[110]

Ба муассисаҳои тандурустии шаҳри Кӯлоб духтурон бо таҳсилоти олӣ, аз ҳисоби аҳолии маҳал, солҳои панҷоҳум ба кор омаданд. Онҳо асосан хатмкардаҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон буданд. Яке аз аввалин мутахассисон аз ҳисоби мардуми таҳҷоии минтақаи Кӯлоб, ки соли 1957 Донишгоҳи тиббиро тамом карда ба шаҳри Кӯлоб омад Менгиёр Боймуродов буд. Дар худи ҳамон сол духтур Бегмурод

---

[110] БДВХК- ф.3., оп.7., д.т.12.-С.19.

Олимов бо таҳсилоти олӣ, бо тахассуси ҷарроҳ бо роҳхат ба беморхонаи шаҳри Кӯлоб ба кор фиристода шуд.[111.112]

Дар солҳои 1955-1960 дар минтақаи Кӯлоб микдори зиёди беморони замбуруғӣ ба қайд гирифта шуда буданд. Бо дарназардошти ин ҳамасола катҳо барои чунин беморон гузошта мешуданд.

Соли 1955 дар ноҳияи Восеъ шуъбаи беморони замбуруғӣ (микроспория) (бемории, ки мавсимиву сироятӣ буда, ҳангоми фаророасии фасли баҳор дар бадан ва ё сари инсон бештар дар кӯдакон, ба шакли хонаи замбӯр дар таги пӯст ва рӯи пӯст пайдо мешавад) кушода шуд, ки дар он духтур Шаталина Т.С. ба беморон хизмат мекард.[113.114]

Соли 1956 дар назди беморхонаи марказии ноҳияи Фархор шуъбаи беморони замбуруғӣ дорои 25 кат ба истифода дода шуд.[115] 23 апрели соли 1959 миқдори катҳо дар диспансери бемориҳои пӯсту ҷинсии шаҳри Кӯлоб 25 кат илова карда шуд.[116]

Хизматҳои шоистаи духтури моҳир ва ташкилотчии боистеъдод Нина Николаевна Сидорова боиси таҳсин буда, дар табобат ва ба қайдгирии беморони пӯст ва зуҳравӣ ҷаҳду талошҳои ӯ хеле зиёд аст. Маҳз кордонӣ ва қобилияти ташкилотчигии ӯро ба назар гирифта, раёсати тандурустии вилоят соли 1955 ба вазифаи сардухтури диспансери бемориҳои пӯсту зуҳравии шаҳри Кӯлоб таъин намуданд. [117]

Дар ин давра аз тарафи Вазорати тандурустӣ, инчунин масъалаи бо табибон таъмин кардани боғчаҳои кӯдакона ба муҳокима гузошта

[111] Раҳматзода, И. Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. - Душанбе. соли 2010.

[112] Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, духтури ҷарроҳ Муродов Иноят Мармарович 12.07.2017.

[113] БДВХК-ф-3, опис-7, д.т. 12. –С.16.

[114] Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ сардухтури беморхонаи сироятии шаҳри Кӯлоб, духтури сироятшинос Зулфи Иноятов 13.07.2017.

[115] Бурҳониддин Усмон «Фархориён». - Душанбе, 2010. -С.90

[116] БДВХК- фонди 3, рӯйхати-7, д.т 12. –С.16.

[117] Аз суҳбат бо сардухтури беморхона вилоятии шаҳри Кӯлоб Муродов А.Р., мудири шуъба Нуриддинов А.С., (аз бойгонии шахсӣ) 8.04.2017.

шуд.[118] Соли 1960 қарори ҳукумати Шуравӣ «Дар бораи беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ» қабул гардид, ки он дар назди шуъбаҳои тандурустӣ вазифаи сохтмони дармонгоҳҳо ва беморхонаҳои типи навро гузошт.[119] Инчунин, ба ҳукуматҳои маҳаллӣ супориш дода шуд, ки тартиби нави сохтмони хонаҳоро дар деҳот ба роҳ монанд. Сабаби чунин қарор дар он буд, ки набудани лоиҳаи муайяни хонасозӣ дар деҳот сабаби сар задании бемориҳо мегардид, зеро хуруҷи чунин бемориҳо ба тарзи сохтмони хонаи истиқоматӣ вобастагӣ дорад, ки он аз қисмҳои зерин иборат аст:

1. Дар деҳаҳо хонаҳо ба ҳам наздик сохта шудаанд ва дар сурати гирифтор шудани як шахс ба бемории сироятӣ, ин беморӣ зуд паҳн мегардад. Илова бар ин, оғилҳо ба хона ҷафс сохта мешуд, ки ин сабаби вайрон гардидани вазъияти санитарӣ мегардид;

2. Нодуруст сохтани хонаҳо ва маҳдуд кардани системаи равшании табиӣ дар хонаҳо ва торик будани даруни хона, ки сабаби таъсири манфӣ ба саломатии одамон мегардид;

3. Кам будани дарахту буттаҳо дар деҳаҳо ва гулзорҳо дар наздикии хонаҳо;

4. Набудани системаи ҳавотозакунии хонаҳо.[120]

Дар ин сархатти сабабҳои номбаршуда масъалаи таъмини аҳолӣ бо об нишон дода нашуд, аммо, ба фикри мо, ин омил дар мадди аввал меистад, зеро аз нарасидани об тамоми ин сабабҳо маншаъ мегирифтанд ва аҳолӣ на дарахту буттаҳо мешинонданд ва на қоидаҳои санитариро дар сатҳи баланд риоя карда метавонистанд.

Ҳамчун сарчашмаи дигари паҳншавии бемориҳои сироятӣ наздик будани фермаҳои чорвопарварӣ ва парандапарварӣ ба шумор мерафт. Дар чунин мавридҳо обҳои зеризаминӣ бо партовҳои органикӣ якҷоя шуда, шароити мусоидро барои афзоиши бактерияҳо ташкил медоданд.

---

[118] БВТҲҶТ- Қарори Шӯрои вазирон ва КМ ҲКИШ аз 21 май соли 1959 «Дар бораи инкишофи муассисаҳои томактабӣ» Парвандаи 18. Ф 279. Оп 21. стр. 17-19
[119]Берюшев, К.Г. Предупреждающий санитарный надзор -М., 1962 -С.49.
[120]Берюшев, К.Г. Предупреждающий санитарный надзор.-М.., 1962.-С.47.

Ба ҳисоби олимон дар 1 мл чунин об микроби руда (кищечная палочка) аз 0.004 то 0.0004, микробисил Гейделберг ва салмонеллаи Бреслау хеле зуд пайдо мешаванд.[121]

Соли 1960 кори шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб вусъати тоза гирифт. Дар се моҳи аввали соли 1960 нақшаи давлатӣ оид ба хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ аз тарафи муассисаҳои тиббӣ пурра иҷро гардид. Аммо на ҳамаи ноҳияҳо аз ухдаи иҷрои нақшаҳо баромаданд. Чунончи, дар ноҳияи Москва нақшаи хизматрасонӣ 88,2%, дар ноҳияи Данғара 88,2% ва дар ноҳияи Восеъ 39,2% иҷро гардид. Ҳамагӣ дар вилояти Кӯлоб 14778 кат-рӯз нақша иҷро нагардид. Ин маънои онро дорад, ки 14778 кат, ки барои беморон ҷудо гардиданд, мавриди истифода қарор надоштанд. Аз ҷумла, дар беморхонаи вилоятӣ - 4042 кат-рӯз, диспансери бемориҳои сил 3597 кат-рӯз, таваллудхона 525 кат-рӯз, бемористони кӯдакона 817 кат-рӯз, диспансери бемориҳои пӯст ва зухравӣ 417 кат-рӯзро ташкил дод. [122]

Дар давоми солҳои 60 кори мубориза бо бемориҳои сироятиро маркази (стансияи) тропикӣ иҷро мекард. Чунончи, ҳамин гуна стансия дар маркази тропикии ноҳияи Ховалинг амал мекард. Аввалин мутахассисони маҳаллӣ, ки дар ин стансияи тропикӣ кор мекарданд Сафархуҷа Раҳимов ва Давлат Абдуллоев буданд. Онҳо дар аввали солҳои 60 ба ин ҷо ба кор омаданд. Хидмати номбурдагон дар бобати пешгирии бемориҳои сироятӣ, ҳифзи сиҳатии мардум фаромӯшношуданист, зеро ин солҳо давраи авҷи бемориҳои сироятӣ буд.[123] Соли 1960 ба беморхонаи минтақавии Ховалинг аз ноҳияи Восеъ духтури дорои тахассуси санитарӣ - эпидемиологӣ Григорян В.Г. ба кор фиристода шуд. Ӯ баъд аз такмили ихтисос бо тахассуси амрози дохила фаъолияти касбӣ намуд. Соли 1963 ӯро сардухтури беморхонаи

[121] Калюжный Д.Н. Гигиена сельского населения -М.., 1967.- С.76.
[122] БДВХК- рӯйхати 2, парвандаи 39, том 1.- 1980.-С.110
[123] Амир Сайид Мункӣ, Саидҷалол, Сатторзода, Ховалинг - Душанбе, 2001 -С. 140-141

митақавии Ховалинг таъин карданд. Дар давоми фаъолияти худ тавонист мутахассисони маҳаллиро ба соҳаи тиб ҷалб намояд. Ниҳоят, дар соли 1968 ба вазифаи сардухтури Беморхонаи марказии Ховалинг яке аз аввалин мутахассисони маҳаллӣ Маҳрамбек Баротовро таъин карданд.

Бо мурури замон аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ микдори табибон зиёд мешуд. Соли 1961 мутахассиси силшинос Назипов Ташриф пас аз хатми факултаи муолиҷавии Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон фиристода шуд. Солҳои 1961-66 вай вазифаи сардухтури беморхонаи минтақавии шаҳраки Муъминободро ба уҳда дошт. Барои пешгирии саривақтии бемориҳо ва муолиҷаи беморон дар назди Беморхонаи марказии ноҳия хуҷраҳои ташхиси рентгенӣ, муоинагоҳи клиникӣ ва дар назди Стансияи санитарию эпидемиолигӣ муоинагоҳ барои муайян кардани барангезандаҳои бемориҳои сироятӣ таъсис дода шуд.[124]

Солҳои 60 асри гузашта ба масъалаи мубориза бар зидди бемориҳои сил диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар баробари ҷоннок кардани фаъолияти ҳуҷраи зидди бемории сил соли 1963 барои муолиҷаи беморон, беморхонаи ноҳия бо мавҷудияти 40 кат дар ноҳияи Данғара сохта ба истифода дода шуд. Мувофиқи маълумоти мавҷуда, сардухтури аввалини ин беморхона Склефус (ному насабаш номаълум) будааст. Дар ин давра Беморхонаи марказии ноҳия таъмиру васеъ карда шуд. Шуъбаҳои амрози дохила ва кӯдакона мустақил гардиданд. Дар Беморхонаи марказии ноҳия шуъбаҳои амрози дохила, ҷарроҳӣ, бемориҳои кӯдакона, таваллудхона ва сироятӣ фаъолият доштанд.[125]

Дар ноҳияи Шӯрообод дар соли 1962 аз кадрҳои маҳаллӣ аввалин шуда ҷарроҳи боистеъдод Шер Қурбон ба кор шуруъ кард. Дар деҳот бошад ҳатто ҳамшираҳои тиббӣ намерасиданд. Маҳз дар ҳамин давра чанде аз ҷавонони ноҳия, аз ҷумлаи Сиддоқов Ахмад, Худойдодов

---

[124]Ғоибов, Ғ. Азизов, М. Ҳасанов, Н. Мӯъминобод. Душанбе «Маориф ва фарҳанг» соли 2010.
[125]Умари Шерхон Данғара, «Шарқи озод» 2005.

Бегаҳмад ва Ҳасанов Ҷумъахон баъди хатми Донишгоҳи тиббӣ ба кор омада, дар як муддати кӯтоҳ ба мартабаи баланди касбӣ расиданд.[126]

Агар мо ин давраро бо солҳои 30-40 муқоиса намоем, мебинем, ки дар муддати хеле кутоҳ дар омода кардани мутахассисон минтақаи Кӯлоб ба дастовардҳои намоён ноил гардид. Табибони маҳаллӣ акнун на танҳо дар системаи табобатӣ, балки дар сохторҳои идоракунӣ ва ба нақшагирии соҳаи тиб фаъолона кор мекарданд. Аз ҷумла, дар вазифаи вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламхон Аҳмадов кор мекард, ки дар пешрафти тибби тоҷик саҳми босазо гузошта буд.

Соли 1965 таваллудхонаи шаҳрии Кӯлоб, ки дорои 40 кат буд, васеъ карда шуд. Шуъбаи тандурустии шаҳрӣ ин таваллудхонаро ба ҳайати беморхонаи №2 дохил карда, боз 20 кати дигар илова намуд.[127]

Аз суҳбате, ки бо М.Б. Бегматов (Котиби аввали Ҳизби коммунистӣ дар минтақаи Кӯлоб, (солҳои 60-70-ум), раиси собиқадорони ҷангу меҳнат дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1980-2021), доштем, маълум шуд, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ шуъбаи тандурустии шаҳр дар як бинои хурдакак, дар кӯчаи К.Маркс (ҳоло С. Сафаров) ҷойгир буд. [128]

Баъд аз ҷанг тамоми муассисаҳои вилоятиву шаҳрӣ, дар он ҷое ки ҳоло биноҳои ташхиси судии тиббӣ, бемориҳои руҳӣ, бемориҳои асаб, бемориҳои сироятӣ дар муқобили мактаби №5-и ҳозира ҷойгир буданд. Бинои Маркази саломатии шаҳрӣ аввал дар наздики қаҳвахонаи «Яхмос»-и ҳозира (ҳоло дар он ҷо хонаи шахсӣ аст) воқеъ буд. Маркази саломатии шаҳрӣ соли 1956, дар бурҷе, ки ҳоло иморати молияи минтақавӣ қомат рост кардааст, ба як иморати кухна, дар паҳлуи бинои

---

[126] Сидоқов, А. соҳиби унвони «Аълочии тандурустии ИЧШС» гардид. Розиқи Содиқ «Равзанаи Субҳ» соли 2002.- С.154.
[127] Раҳматзода, И., Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. Душанбе, соли 2010.
[128] Суҳбат бо Мирзо Бегматов-собиқ котиби аввали шаҳри Кӯлоб, аз 17 марти соли 2015.

кассаи амонатии давлатӣ гузаронида шуд.[129]

Баъди солҳои панҷоҳуми асри гузашта, дар натиҷаи беҳтар шудани некуаҳволии мардум ва афзудани талабот ба хизматрасонии тиббӣ, ба сохтани иморатҳои соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Кӯлоб шуруъ намуданд. Аввалин биное, ки соли 1961 ба истифода дода шуд, бинои беморхонаи кӯдакон дар кӯчаи 1 май буд. Дар ошёнаи якуми ин бино омӯзишгоҳи тиббӣ ва дар ошёнаи дувум беморхонаи кӯдакона ба фаъолият сар кард. Муаллимони омӯзишгоҳ асосан духтурони муассисаҳои табобатии шаҳри Кӯлоб буданд.

Аввалин директори омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлобро духтури ботаҷриба ва соҳиби таҳсилоти олӣ Б.Н. Малаев ба уҳда дошт.[130] Вай на танҳо дар мактаби тиббӣ дарс медод, балки вазифаи мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлобро ҳамзамон иҷро мекард ва аз ҳамин сабаб донишҷӯёнро ба кори таҷрибавӣ бештар ҷалб мекард, ки сабаби тез ёд гирифтани малакаи кори онҳо мегардид. Ҳамчунин Б.Н. Малаев кӯшиш намуд, ки мактаби тиббӣ бо маводи беҳтарини таълимӣ таъмин гардад. Фаъолияти муштараки мактаби тиббӣ ва идораи тандурустӣ натиҷаи дилхоҳ овард ва дар муддати на чандон тӯлонӣ муассисаҳои тандурустии шаҳри Кӯлоб бо мутахассисони зинаи миёна таъмин гардиданд. Дар назди беморхона ташхисгоҳи биохимикӣ кушода шуд.

Беморхонаи шаҳрро васеъ карда, дар шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб миқдори маслиҳатгоҳҳои занона зиёд шуданд. Биное, ки пеш Кумитаи ҳизби коммунистии шаҳрӣ ҷойгир буд, баъд аз таъмир ба дармонгоҳи марказии шаҳрӣ табдил дода шуд. Дар давраи роҳбарии вай омӯзишгоҳи тиббӣ дар бинои навбунёд ба фаъолият шуруъ карда, дар натиҷаи зиёд шудани синфхонаҳо миқдори толибилмон низ рӯ ба афзоиш ниҳод. Бинои беморхонаи шаҳрӣ таъмиру васеъ шуда, миқдори катҳо то ба 60

[129] Суҳбат бо Мирзо Бегматов-собиқ котиби аввали шаҳри Кӯлоб, аз 17 марти соли 2015.

[130] Иркаев, М.И. История гражданской войн в Таджикистане. -Душанбе: Ирфон, 1970.-С.24

адад расонда шуд.

Солҳои 60-уми асри гузашта хизматрасонии тиббӣ ба мардуми шаҳру навоҳии он хело ҳам ривоҷ ёфта, табибони зиёде баъд аз хатми донишкадаи тиббӣ ба шаҳри Кӯлоб фиристода шуданд, ки дар ин муддат бинои нави беморхонаи шаҳрӣ дорои 150 кат ба истифода дода шуд. Дар натиҷаи зиёд шудани табибон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ сифати муолиҷа ва расонидани ёрии тиббӣ ба беморон хеле беҳтар шуд.[131.132]

Шарти хеле муҳимми пешгирии бемориҳои иҷтимоӣ ҷалб кардани кормандони СЭС ва ҷомеа ба ҳалли проблемаи бемориҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар маҷмуъ, кори табибон чи дар дохили системаи тандурустӣ ва чи берун аз он характери ҳамкории муташаккил ва муносибати комплексӣ доштаро гирифт. Дар баробари ҳамин табибонро зарур омад, ки ба ҳалли ин проблема ташкилотҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳоро ҷалб намоянд.[133]

Дар давоми солҳои 1962 - 1965 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳриро духтур Фрилянд Ким Савелия бар уҳда дошт. Дар ин давра хизмати тиббӣ ба кӯдакон хеле рушду нумӯ ёфта, дар шаҳр 3 нуқтаи иловагии эмгузаронӣ ташкил карда шуд. Эмгузаронии саросарии атфол бар зидди бемориҳои сироятӣ ба танзим дароварда шуд.[134] Тамоми кӯдакони мубталои бемориҳо аз муҳлат гузашта дар муассисаҳои кӯдаконаи тиббӣ ба қайд гардида, зери назорати доимии духтурони ин соҳа қарор гирифтанд. Диспансеризатсияи бемориҳои дарозмуҳлати тамоми соҳаҳои тиб гузаронда шуд.[135.136] Илова бар ин, системаи диспансерӣ ба роҳ монда шуд, ки он як навоварӣ дар соҳаи тиб гардид. Моҳияти ин система дар он буд, ки онҳо дар миёни беморхонаҳо ва

---

[131] Инкишофи соҳаи тиб дар Кӯлоб /Тоҷикистони Советӣ//. 1980, 12 май.

[132]Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ муовини директори Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб Гиёев Табар Расулович 18.06.2016.

[133] Фрейдлин, С.Я. Диспансеризация городского населения - Л., 1964 - С.321.

[134] МБДК фонди 3, рӯйхати -7, парвандаи 12. -С.34.

[135] Коммунист Таджикистана 1950, 27 март

[136] Аз суҳбат бо духтур (фелдшер) аввалин хатмкардаи омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб Давлаталӣ Сангов 28.10.2016.

дармонгоҳҳои тиббӣ ҳамчун зинаи миёна адои вазифа мекарданд ва вазифаи функсионалии онҳо назорати доимӣ аз болои беморони сиҳатшудае буд, ки дар қайди доимӣ ҳамчун бемори шадид қарор доштанд.

Шахсони бемор одатан дар якчанд маврид ба рӯйхати дипансерӣ дохил мешаванд:

1. Кормандони истеҳсолот, ки дар давраи муайян бо сабаби беморӣ аз кор озод мешаванд, ё шахсоне, ки дар муассисаҳои амбулаторӣ ҳамчун бемор ба қайд гирифта мешаванд. Инчунин, шаҳрвандоне, ки дар вақти гузаштан аз муоинаи тиббӣ ҳамчун гирифтори ягон беморӣ ба қайд гирифта мешаванд, аммо ба табобати беморхона муҳтоҷ нестанд.

2. Кӯдакони то 4 сола, ки бо тавсияи духтури кӯдакона ҳамчун дорандаи аломатҳои шубҳаноки беморӣ ба диспансер фиристонида мешаванд, то ки роҳи муолиҷаи онҳо аниқ муайян карда шавад.

3. Шахсоне, ки ба бемориҳои иҷтимоӣ, ба монанди бемориҳои сироятӣ, вараҷа, сил, бемориҳои руда ва шикам, сурхча ва дигар бемориҳое, ки ба одамони гирду атроф таҳдид мекунанд, гирифтор шудаанд. Инчунин дар ҳолатҳое, ки аз идораҳо ва ташкилотҳо, аз КНТ ҳангоми азназаргузаронӣ ахбор нисбати бемории шахс дохил мешавад.[137]

Дар кори муассисаҳои диспансерӣ нақши асосиро духтури минтақавӣ бозӣ мекунад, зеро принсипи асосии кори диспансер низ ҳамчун усули территориявӣ-минтақавӣ мебошад. Дар ин самт ҷалб кардани одамони сиҳат ба диспансеризатсия барои пешгирии бемориҳои сироятӣ хеле муфид мебуд, аммо чунин таҷриба аз сабаби нарасидани табибон ба роҳ монда нашуд.[138]

Солҳои 1965-67 шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлобро Расулов Нурулло Расулович роҳбарӣ мекард. Вай дар тӯли роҳбариаш ба нарасидани мутахассисон ва асбобу лавозимоти тиббӣ дар муассисаҳои

---

[137] Фрейдлин, С.Я. Диспансеризация городского населения – Л., 1964. - С.323.
[138]БВТҲҶТ- Оиди мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда дар Тоҷикистон – 1968 - Парвандаи 18. Ф 279. рӯйхати –С. 22-25

шаҳрӣ диққати махсус медод. Дар ин муддат анестезиологҳо барои шуъбаи эҳёгарӣ (реаниматсия) ва муоинагарҳо барои шуъбаи ташхис тайёр карда шуданд.[139.140]

Аз соли 1967 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлобро Ш.К. Қурбонов ба уҳда гирифт. Ин табиби ҳозиқ дар рушду нумуи соҳаи тандурустии шаҳри Кӯлоб саҳми босазо гузошт. Дар замони роҳбарии ӯ Кӯлоб дигар вилоят набуд. Муассисаҳои тандурустие, ки пеш ба шуъбаи тандурустии вилоят тааллуқ доштанд, он замон дар зери назорати шуъбаи тандурустии шаҳрӣ буданд ва масъулияти кории шуъбаи тандурустии шаҳрро дучанд мекарданд. Бо вуҷуди он, ин сарвари фаъолу хирадманд дар тараққиёти соҳаи тандурустии шаҳр ҷаҳду талошҳо намуда, бо ташаббусу дастгирии вай сохтмони беморхонаи бемориҳои чашм соли 1967 ба охир расид ва диспансери бемориҳои чашм ба он ҷо кӯчонда шуд. Шуъбаи бемориҳои гӯшу гулую биниро васеъ ва катҳояш ба 20 адад расонда шуд. Дар дармонгоҳи марказӣ ҳуҷраи бемориҳои ҷоғар ба кор сар кард.[141.142]

Моҳи сентябри соли 1969 вазъяти душвори табобати бемориҳои кӯдаконаро ба назар гирифта, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон барнома «Дар бораи беҳтар кардани вазъи саломатии модарону кӯдакон ва паст кардани фавти кӯдакон барои солҳои 1969-95»-ро қабул кард.[143] Азбаски ҳудуди ҷанубии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқлим бештар ба зонаи тропикӣ дохил мешуд, дар ин ҷо бо таъсири гармии ҳаво дар фасли тобистон ва ифлос будани оби ошомиданӣ, бемориҳои шикам ва рӯда бештар авҷ гирифтанд. Дар чунин минтақа функсияи худмуҳофизатии андоми бадан суст мешавад, ки ин ба сар задани бемориҳо сабаб

[139] Раҳматзода, И., Раҳматов, А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. Душанбе, соли 2010.

[140]Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ сардухтури беморхонаи сироятии шаҳри Кӯлоб, духтури сироятшинос Зулфи Иноятов 13.07.2017.

[141] БДВХК- ф.3, оп. 7, д.т.12., -С.16.

[142]Аз суҳбат бо собиқ сардухтури вилоятии шаҳри Кӯлоб Сабзаали Бозоров 16.06.2015.

[143] БВТҲҶТ- Маълумотҳои Вазорати тандурустии Тоҷикистон аз соли 1969 - Парвандаи 4, 1970 –С. 11-14

мешавад. Дар чунин иқлим об на танҳо ҳамчун манбаи ҳаёт, балки сарчашмаи бемориҳо мегардад. Оби кӯлҳо дар офтоб гарм шуда, дар таркиби худ бактерияҳои зараррасонро ба вуҷуд меоранд. Дар наздикии кӯлҳо ҳашаротҳо у магасҳо ҷамъ мешаванд ва ба сарчашмаи паҳнкунии бемориҳо табдил меёбанд, ки дар натиҷа бемориҳои сироятии гуногунро дар миёни аҳолӣ паҳн мекунанд.[144.145]

Барои пешгирии ин падида ҳукумат чораҳои фаврӣ андешида барои таъмини соҳа бо мутахассисон кӯшиш ба харҷ дод. Мушкилоти мутахассисони ҷавон дар ҷои нави корӣ, асосан, ба нарасидани хона вобаста буд. Баъзан мутахассисони ҷавонро дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва ё мактабҳо ҷой медоданд. Ин норасоӣ боис гардид, ки баъзе аз мутахассисон аз кор дар деҳот даст кашида, ба шаҳрҳо мекӯчиданд. Аз ҳамин сабаб 22 апрели соли 1969 Совети Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қарори №140 «Оиди беҳтар намудани шароити зисти мутахассисони ҷавон»-ро қабул кард. Ҳамин сол дар назди Донишкадаи тиббии Тоҷикистон таҳсили баъдихатмӣ барои табибони соҳаи ҷарроҳӣ, дардҳои даруни, бемориҳои занона ва кӯдакона кушода шуд.[146] Ҳамчунин, неруҳои зеҳнӣ ва моддиву техникии Донишкадаи тиббии Тоҷикистон барои роҳандозии босифати раванди таълим мусоидат намуданд. Кафедраҳои факултетҳои амалкунанда бо мурури замон бо технологияи муосири тиббӣ таъмин карда мешуданд, ки ин иқтидори таълимии онҳоро қавитар менамуд. Дар ин солҳо тадқиқотҳои илмӣ ва кашфиётҳои олимону духтурони соҳибмаърифати донишкада дар зинаи болотари илмиву амалии тибби муосир устувор гашт.

Дар хулосаи ҳамин зербоб бояд қайд намоем, ки дар солҳои 50-60 асри XX дар муқоиса бо даврai солҳои 30-40 асри XX, сатҳи хизматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар гардид. Аввалин мутахассисони

---

[144]Лысенко, А.Я. Тропические болезни и их профилактика –М., 1973 - С.11 (230 с.)
[145]Аз суҳбат бо собиқадори соҳаи тиб, собиқ сардухтури беморхонаи сироятии шаҳри Кӯлоб, духтури сироятшинос Зулфи Иноятов 13.07.2017.
[146] Таджикский Государственный медицинский институт.- Душанбе, 1989.- С. 6

дорои маълумоти олии тиббӣ, ки дар ин давра ба соҳаи тиб ба кор омаданд, ба омӯзиши бемориҳои маҳаллӣ диққати бештар доданд ва роҳҳои нави табобати ин бемориҳоро пайдо карданд. Аҳолии минтақаи Кӯлоб қариб ду баробар афзуд ва ин кушодани нуқтаҳои нави тиббиро талаб мекард. Чунончи, дар ноҳияи Восеъ шумораи аҳолӣ аз аз 34,1 ҳазор нафар дар соли 1960 ба 61,5 ҳазор нафар дар соли 1970 расид, аммо шумораи табибон ҳамоно бетағйир монд ва ин сабаби паст шудани сатҳи хизматрасонӣ гардид. Дар ноҳияи Фархор шумораи аҳолӣ ба 30,1 ҳазор нафар ва аҳолии ноҳияи Совет аз 14,7 ҳазор нафар ба 20,2 ҳазор нафар расид.[147]

Дар давоми солҳои 60 асри XX дар натиҷаи ҷаҳду талошҳо ва меҳнати пурзаҳмати кормандони тиб хуруҷи касалиҳои сироятӣ дар минтақа хело кам гардид. Бемории вараҷа бошад, тамоман ба қайд гирифта намешуд. Стансияҳои тропикӣ кори худро анҷом доданд ва бо қарори ҳукумат ваколатҳои онҳо ба Стансияи эпидемиологӣ дода шуд. Стансияи тропикиро дар ибтидои солҳои 60 барҳам доданд. Дар минтақаи Кӯлоб дар ин солҳо аввалин беморхонаҳои кӯдакона сохта ба истифода дода шуданд. Бо ёрии амалии табибони рус мардуми минтақаи Кӯлоб аз бемориҳои карантинӣ халосӣ пайдо карданд. Бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон шуъбаи бемориҳои дил (кардиология) дар соли 1960 ба кор оғоз кард. Дар ин давра аз тарафи олимони Шуравӣ Бабский Е.Б. ва Карилян В.А. асбоби ченкунии тапиши дил механокардиография ихтироъ шуд.[148] Инчунин, олими Шуравӣ Парин А.В. асбоби нави ченкунии тапиши дилро ихтироъ намуд, ки он бо номи Реокардиография дар беморхонаҳои мамлакат мавриди истифода қарор гирифт. Тамоми ин дастовардҳои илми тибби Тоҷикистон барои пешрафти соҳаи тиб ва беҳтар кардани кори табобатӣ

[147]БВТҲҶТ- Чораҳои паст кардани беморҳои сирояткунанда (О мероприятиях по снижению заболеваемости населения).-Парвандаи 4, 1970. -С.18-20

[148] Барт, Б.Я. Сидоренко, Б.А. - Достижения современная кардиология.- М.., 1970.- С.15.

дар миёни мардум мусоидат намуданд.

Дар хулосаи масъалаи рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 асри XX зикри чунин нуқтаҳо бомаврид аст:

- дар ин давра аз тарафи олимони Шуравӣ шакли нави ваксина ихтироъ гардид, ки он барои кӯдакони навзод ҳатмӣ гардид ва ин барои пешгирии бемориҳои кӯдакона аҳамияти калон дошт;

- дар солҳои 50 асри XX сохтмони беморхонаи кӯдакона ба роҳ монда шуд ва шуъбаи кӯдакона дар аксарияти беморхонаҳои минтақа ба кор шуруъ кард;

- мактабҳои тиббии Тоҷикистон аз таҳсили дусола ба таҳсили сесола гузаронида шуданд ва ин сифати дониши тиббии хатмкунандагонро беҳтар гардонид;

- дар солҳои 60 фаъолияти марказҳои тропикӣ, ҳуҷраҳои ташхиси рентгенӣ, муоинагоҳи клиникӣ, муоинагоҳ барои муайян кардани барангезандаҳои бемориҳои сироятӣ дар ноҳияҳои дурдасти минтақаи Кӯлоб ташкил карда шуданд;

- дар ин давра сохтмони бинои омӯзишгоҳи тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб оғоз ёфт ва ин омӯзишгоҳ барои омода кардани мутахассисони сатҳи миёнаи тиб ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳамшираҳои тиббӣ, аз ҳисоби ҷавондухтарони маҳаллӣ, мусоидат намуд.

Тадқиқоти рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50-60 асри XX нишон дод, ки ҳалли масъалаи таъмини соҳа бо мутахассисон, воридсозии техникаи нав, тақсимбандии соҳавии тиб ва таъмин кардани соҳаи тиб бо натиҷаҳои илми пешрафтаи он давра, барои инкишофи соҳаи тиб дар солҳои зикршуда мусоидат намуданд. Дар ин давра сатҳи дониши хатмкунандагони мактабҳо, омӯзиши забони русӣ, дохилшавии оммавӣ ба донишгоҳ ва омӯзишгоҳи тиббӣ ва дигар омилҳои мусбӣ барои ҳазорон хатмкунандагони макотиби маҳаллӣ роҳ барои таҳсил ва фаъолият дар соҳаи тибро кушод ва ин яке аз дастовардҳои бузурги тиббӣ давраи мазкур ба шумор меравад.

# БОБИ 2. СИЁСАТИ ДАВЛАТИ ШУРАВӢ ДАР ТАЪМИНИ СОҲАИ ТИБ БО МУТАХАССИСОНИ МАҲАЛЛӢ ВА ИНКИШОФИ МИНБАЪДАИ СОҲАИ ТИБ ДАР СОЛҲОИ 1970-1991

## 2.1.Сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1990

Қайд кардан бамаврид аст, ки сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1990 проблемаи хоси тамоми минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ба шумор мерафт, зеро мутахассисони шаҳрӣ ба иқлими баландкӯҳҳо тоқат карда наметавонистанд. Бинобар ин, сиёсати меҳварии давлатро дар соҳаи тиб таъмини соҳа бо мутахассисони маҳаллӣ ташкил медод.

Тайёр кардани мутахассисон дар доираи системаи муайяни ду вазорат – Вазорати тандурустӣ ва Вазорати маориф амалӣ карда мешуд. Дар ин масир Вазорати маориф барои баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисон ва Вазорати тандурустӣ барои таъмини онҳо бо ҷои кор ва Вазорати меҳнат барои таъмини шароити зист ва роҳкирои мутахассисони ҷавон масъул гардиданд.

Чунон ки дар зербоби гузашта қайд гардид, таъмини соҳаи тиб махсусан аз сабаби нарасидани мутахассисони маҳаллӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид, зеро мутахассисоне, ки аз ҷумҳуриҳои шимолии Иттиҳоди Шуравӣ ба ин минтақа меомаданд, ба иқлими гарми ин ҷо тоб оварда наметавонистанд ва ин ба он овард, ки кадрҳои соҳаи тиб зуд-зуд иваз шаванд. Аз ҳамин лиҳоз, ивазшавии доимии табибон ба раванди манфии соҳа табдил ёфт. Аз ин рӯ, аз тарафи давлат системаи тайёрии мутахассисони соҳа пешбинӣ карда шуд, ки он дар якҷоягӣ аз тарафи Вазорати маориф, Вазорати тандурустӣ ва Вазорати меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли доимӣ қарор гирифт. Дар доираи ҳамин система,

Бояд тазаккур дод, ки аввалин кадрҳои маҳаллӣ дар соҳаи тиб дар ин минтақа аз солҳои 50 ба кор шуруъ карданд. Солҳои 1950-51 баъди хатми омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе аввалин ҳамшираҳои шафқат, ки дар хонаи кӯдакони ноҳия тарбия ёфта буданд, ба кор омаданд. Соли 1953 дар назди беморхонаи вилоятӣ курсҳои кӯтоҳмудати ҳамшираҳои тиббӣ амал мекард. 8 июли соли 1954 мактаби тиббӣ ба омӯзишгоҳи тиббӣ табдил дода, дар он шуъбаи нави тиббӣ ва момодоягӣ кушода шуд.[149] Тайёрии кадрҳо дар ин муассисаҳо ба он овард, ки дар солҳои 1950-1953 аввалин занон ба монанди Солиҳа Собирова, Мошариф Турманова, Бибисоро Маҳмудова, Сония Собирова ва дигарон дар бемористони шаҳри Кӯлоб кор мекарданд. Аз ҳисоби занҳо Суратгул Абдураҳимова, Фотима Ҳусейнова аввалин духтарони маҳаллӣ буданд, ки маълумоти олии тиббӣ гирифтанд.[150]

Дар ноҳияи Москва аввалин ҳамшираи шафқати тоҷик дар беморхона Мамлакат Ҳусейнова буд, ки аз соли 1957 кори худро дар беморхона оғоз намуд. Ҳусейнова Мамлакат сазовори якчанд ифтихорномаву дипломҳо, медал «Барои меҳнати шоён», «Нишони фахрӣ», «Ветерани меҳнат» гардидааст.[151]

Дар солҳои 1953-1956 дорусозони касбӣ аз байни мардуми маҳаллӣ Ғулом Сулаймонов (Восеъ), Нуриддин Насимов, Саид Абдуллоев (Кӯлоб), Раҷабмад Додаров (Саричашма) Худойназар Сафаров (Темурмалик) ва К.Мусоев (Шӯробод) ба кор омаданд. Соли 1965 мутахассисони маҳаллӣ бо ихтисоси дорусоз Раҳмоналӣ Муродов ва Хайрулло Мирзоев баъди хатми Донишгоҳи фармасевтии шаҳри Пятигорски Русия ба шаҳри Кӯлоб фиристода шудаанд ва бо омадани

---

[149]Раҳматзода, И. Раҳматов. А. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010. -С.47.

[150]Амир Сайид Мункӣ, Саидҷалол, Сатторзода, Ховалинг. – Душанбе, 2001 - С. 140-141

[151]Ноҳияи Москва: 50 сол. -Душанбе: «Афсона». 1999. 240с.-С.106

онҳо кори дорухонаҳо пешрафт намуд.[152]

Дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин яке аз аввалин ашхосе, ки соҳиби маълумоти олии пизишкӣ шудаанд, Сафаралӣ Қудратов мебошад. Ӯ соли 1954 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Синоро хатм карда, барои ҳифзи саломатии мардум камар баст. Дар ҳамон солҳо як гурӯҳ ҷавонони дигар, аз қабили Бегимад (Бекмуҳаммад) Худойдодов, Мазоир Мадаминов (Муҳаммадзоир Муҳаммадаминов), Масодиқ (Муҳаммадсодиқ) Сиддиқов, Мадёр (Муҳаммадёр) Латифов, Қурбон Сатторов, Машафеъ (Муҳаммадшафеъ) Ғуломов, Раҳмат Ҳамидов, Темур Касиров, Мадгиё (Муҳаммадгиё) Одинаев ва дигарон Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлобро хатм карда, ба табобати мардуми ноҳия камар бастанд.[153.154]

Таъмини кадрҳои маҳаллӣ инчунин дар ноҳияи Восеъ низ пеш рафт. Соли 1960 бо маблағгузории Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар марказӣ ноҳия сохтмони беморхонаи нав оғоз шуд ва аз соли 1968 сардухтури Беморхонаи нави марказии ноҳия Лемарк Хаёлов таъин шуд. Вай аввалин сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ аз мардуми маҳаллӣ ва хатмкардаи Донишкадаи тиббии Тоҷикистон буд. Замоне ки Л.М. Хаёлов сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияро ба зимма гирифт, бинои беморхонаи сохташуда дар ҳолати ногувор қарор дошт. Бо сабаби набудани маблағ сохтмони бинои беморхона тамоман қатъ шуда буд. Бо кӯшишу талошҳои зиёди сардухтури нав сохтмони бинои беморхона боз идома ёфт. Беморхонаи марказии ноҳия соли 1970 ба истифода дода шуд, ки дорои 150 кат буд. Миқдори коркунони тиб дар Беморхонаи марказии ноҳия дар тӯли соли аввал ба 120 нафар расонда шуд.

Аммо барои пурра кардани кормандони шуъбаҳо ва амалӣ кардани нақшаҳо мутахассисони зиёд лозим буданд ва аз ҳамин

---

[152]Розиқи Содиқ «Равзанаи Субҳ» соли 2002. 163 саҳ.

[153]Қаҳор, Расулиён «Дашти Ҷум». - Душанбе «Ирфон».2009.-С.52.

[154]Раҳматзода, И. Раҳматов, А. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010. –С.323-328.

лиҳоз барои таъмини иҷрои он аз тарафи Вазорати маориф ва Донишкадаи тиббии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон дар ин давра (1971-1973) тавассути интернатура 28 мутахассиси дерматология ва венерология омода шуданд. Инчунин 40 нафар табибони ҷавон дар кафедраи бемориҳои пӯст ва венерики Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ва институтҳои такмили ихтисоси шаҳрҳои Боку, Москва ва Ленинград донишҳои худро доир ба ин бемориҳо сайқал доданд. Соли 1973 зиёда аз 524 мутахассис Донишкадаи тиббии шаҳри Душанберо хатм карда, аз онҳо 288 табиб ба деҳот ва 236 нафар ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ фиристонида шуданд.[155]

Таҷриба ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кори соҳаи тандурустӣ кори пешбинии вазъият ба роҳ монда нашуд. Бемориҳои рӯда ва шикам ҳамоно дар вилоят дар сатҳи нигаронкунанда қарор доштанд.[156] Тамоми чораҳое, ки амалӣ мешуданд характери бартарафсозии оқибатро доштанд ва роҳи пешбинӣ ва пешгирӣ дар мадди диққати кормандони соҳа намеистод. Албатта, ин сабаб дошт ва барои ин мутахассисон намерасиданд, аммо ба фикри мо ба роҳ мондани чунин сохтор ба амал омадани чандин бемориҳоро метавонист пешгирӣ намояд. Аммо ба қадри ҳол баъзе корҳо дар ин самт гузаронида мешуданд. Яке аз чунин корҳо ташвиқоти тарзи ҳаёти солим дар байни мардум буд, ки имкон медод, каме ҳам бошад, бемориҳои сироятиро пешгирӣ намояд.[157]

Дар солҳои 60-70 асри XX аввалин кадрҳои баландихтисос, инчунин дар соҳаи мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ба фаъолият оғоз карданд, ки яке аз онҳо Ғиёсиддин Олимов буд. Вай соли 1967 мудири шуъбаи сироятшиносии Беморхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб таъин

---

[155] БВТҲЧТ-Оиди тақсимоти мутахассисони ҷавон – хатми Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон соли1973.-Парвандаи 29. Ф 279. Рӯйхати 21. 1973.- С. 52-57

[156] БВТҲЧТ-Оиди пешгирии беморихои дарунравӣ дар соли 1972 ва соли 1973.-Парвандаи 25. Ф 279. Оп 21. 1973. стр.14-16

[157] БВТҲЧТ- Ҷамбасти солонаи Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар соли 1971 год.-Парвандаи 13. Ф 279. Оп 21. 1972.- С. 40-43

гардид ва то соли 1992 ин вазифаро ба ухда дошт.[158]

Дар қатори мутахассисони дорои маълумоти олӣ, ки бори аввал аз байни аҳолии маҳаллӣ баромаданд, Халифаев Давлат низ соли 1964 ба сифати ҷарроҳ ба ноҳияи Москва омада, кори тиббии худро оғоз мекунад. Баъдтар вай мудири шуъбаи ҷарроҳӣ шуда, солҳои дароз онро роҳбарӣ мекунад. Дар ин солҳо дар беморхонаи ноҳиявӣ танҳо табибони русзабон кор мекарданд, ки дар қатори онҳо саҳми табибони аввалини беморхона Н.Т. Григорев, Г.В. Гобедимская ва ҳамшираҳои шафқат Мая Эмилджанова, К.О. Груздова дар пешрафти тибби ноҳия хеле бузург аст.[159]

Соли 1970 аз тарафи Вазорати тандурустӣ мутахассиси химик-аналитик ба дорухонаи №135-и шаҳри Кӯлоб Назирмад Раҷабов фиристода шуд. Дониши хуби тахассусӣ ва қобиляти баланди кордонӣ ба ӯ даст дод, ки соли 1970 ба вазифаи муовини сардори дорухона таъин гардад. Сарвари дорухона Маҳмадов Ҳусниддин дар касби дорусозӣ таҷрибаи ниҳоят бой дошт ва ба ӯ дасти ёрӣ дароз карда бисёр нозукиҳои ин касбро барояш омӯзонид. Соли 1980 сарвари дорухонаҳои вилояти Кӯлоб Назирмад Раҷабов таъйин гардид. Бо талошҳои вай дар тамоми ноҳияҳои дур аз марказӣ вилоят 40 дорухонаи хурди қитъавӣ таъсис дода шуд.[160]

Ҳамчунин, солҳои 1970-1975 мутахассисони бемориҳои сироятӣ аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ ба кор шуруъ карданд. Чунончи, соли 1970 дар беморхонаи сили шаҳри Кӯлоб Насриддин Мискинов ба фаъолият шуруъ намуд. Қобиляти тахассусиашро ба ҳисоб гирифта, ӯро ба ҳайси ҷарроҳи силшинос ба шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи шаҳри Кӯлоб гузарониданд. Мудати тӯлонӣ вазифаи муовини сардухтури Беморхонаи сили шаҳри Кӯлобро ба зимма дошт. Аммо муҳимтарин равияи соҳаи тибби вилоят дар солҳои 70-ум низ шуъбаи сироятӣ ба шумор мерафт,

---

[158] БДВХК- фонди 3., рӯйхати 7., д.п.12., - С.16.
[159]Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе, «Афсона» 1999. 240 саҳ.-С.106
[160]Аз суҳбат бо сардухтури ноҳияи Москва, дандонпизишк Моликоев Ҷурахон Мусохонович 25.07.2015

зеро хавфи сар задании эпидемияи ин бемориҳо барои минтақаи Кӯлоб ҳанӯз ҳам вуҷуд дошт. Аз сабаби нарасидани мутахассисони ин соҳа кори пешгирии бемориҳои сироятӣ суст ба роҳ монда мешуд. Беморон танҳо дар зинаи авҷи бемори ва паҳншавии он ба духтур муроҷиат мекарданд ва ин кори табобатиро хеле душвор мекард. Дар ин давра гурӯҳе аз ҷавонони тоҷик донишгоҳҳои Русияро хатм намуда ба Тоҷикистон баргаштанд, ки яке аз онҳо Салимов Ҷурабой, буд. Соли 1970 бо Салимов Ҷурабой, духтури бемориҳои сироятӣ эпидемиолог Алихон Абдурасулов, духтур-бактериолог Аҳмадҷон Худойдодов ва духтур- паразитолог Зиёвуддинов ба ноҳияи Москва омада, кори стансияи эпидемиологии ноҳияро пеш бурданд.[161.162]

Дар ноҳияи Восеъ аввалин табиби маҳаллӣ Лемарк Хаёлов маҳсуб мешавад. Вай мутахассиси бемориҳои кӯдакона буд ва аз ин лиҳоз кӯшишҳо ба харҷ дод, то ки дар ноҳияи Восеъ дармонгоҳи кӯдаконаро таъсис намояд. Соли 1972 дармонгоҳи кӯдаконаи ноҳияи Восеъ аз дармонгоҳи калонсолон ҷудо карда, ба бинои навбунёд гузаронида шуд. Дар деҳаи Тугарак бо ташаббуси сарвари фаъолу масъулиятшинос Лемарк Хайёлов осоишгоҳи кӯдакона созмон ёфт.

Соли 1973 бо роҳхати Вазорати тандурустӣ ба шуъбаи бемориҳои сироятии Беморхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб Ҳотамшо Гадоев ба кор фиристонида шуд. Тавассути худомӯзии мунтазам ва маҳорату дониши комили касбӣ ба ӯ имконият дод, ки то дар табобати беморони сироятӣ ба натиҷаҳои дилхох ноил шавад. Дар давоми солҳои 70-ум иштироки фаъоли кормандони соҳаи тибби вилояти Кӯлоб ва зодагони ин вилоят дар пешрафти илми тиб оғоз гардид. Дар ин давра аз тарафи олимони ҷавон шароити саршавӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор гирифт.

Дар давоми солҳои 1970- 1975 шумораи мутахассисони маҳаллӣ зиёд

---

[161]Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе, 1999. - С.106

[162]Аз суҳбат бо муовини сардухтури ноҳияи Москва, табиби сироятшинос Фаридов Афзалшоҳ 28.07.2015

гардид. Дар ноҳияи Москва духтури кӯдакон Раҳим Каримов, ҷарроҳ И. Байдуллоев, духтурони касалиҳои даруни Сафаралӣ Қудратов, Рӯзӣ Халифаев ва дигарон, коркунони миёнаи тиб С. Муродов, С. Қиматов, Т. Касиров, Ш. Муъминов, ки зодагони ҳамин ноҳия буданд, барои мардум хидмат мекарданд. Сафар Қиматов, дар деҳаи Оқмазори хоҷагии «Иттифоқ» ба номи «Каримдухтур» машҳуру соҳибэҳтиром аст ва зиёда аз 40 соли ҳаёти худро ба кори ҳифзи сиҳатии мардум бахшидааст.[163]

Дар ин солҳо, махсусан, нарасидани мутахассисони бемории сил ташвишовар буд, зеро шумораи беморон ҳамеша дар мадди назари ҳукумати он давра қарор дошт. Соли 1971 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 297 табиби силшинос кор мекард.

**Ҷадвали 2**

**Шумораи духтурони бемории сил дар солҳои 1967-1971**

| Солҳо | 1965 | 1967 | 1969 | 1971 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи духтурон | 240 | 283 | 297 | 311 |
| Мутахассиси силшинос | 220 | 223 | 214 | 209 |
| Ба 10 ҳазор нафар | 0,8 | 0, 8 | 0,8 | 0,7 |
| Дар Иттиҳоди Шурави | 48 | 10 | 10 | 10 |

Чунон ки мебинем дар солҳои 1967-1971 шумораи умумии табибони бемории сил дар сатҳи Шуравӣ паст фаромад ва ин омил боиси он гардид, ки кори омодасозии кадрҳо дар ин самт беҳтар карда шавад.

Дар давоми солҳои 1970 – 1990 аз миёни кадрҳои маҳаллӣ 117 нафар табиб соҳиби унвони баланди «Духтури дараҷаи олӣ» ва 131 нафар «Аълочии соҳаи тандурустӣ» гардиданд. Аз ҷумла, бо унвонҳои соҳаи тандурустӣ А. Шерматов, А.Раҳимов, М.Файзова, Р.Бобохонова, Э.Бобохонов, Р.Карасева, Р.Юсуфов ва дигарон қадрдонӣ шуданд.

---

[163]Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе, 1999. - С.106

Дар солҳои 1960 - 80 танҳо дар шаҳри Кӯлоб 44 нафар табиб аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ ба кор оғоз намуданд[164]. Аз он ҷумла, соли 1974 шуъбаи бемориҳои гӯш, гӯлу ва бинӣ ба кори худ шуруъ кард, ки онро Амон Раҳимов роҳбарӣ менамуд.

Чунон ки дар зербоби гузашта қайд намудем, вазъияти бемории кӯдакон дар минтақа хеле ташвишовар буд. Аз ҳамин лиҳоз беморхонаҳои занонаи вилоят ба кадрҳои маҳаллӣ, ки метавонистанд бо занон суҳбатҳои ташвиқотӣ доир намоянд, муҳтоҷ буданд. Чунончи, табиби бемориҳои занона Раъно Бобохонова дар Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб аз фанни момодоягӣ (акушер-гинекология) дарс мегуфт ва дар вақтҳои фориғ аз дарс дар «Маслиҳатгоҳи занон» ба қабули занони бемор ва ҳомила машғул мешуд. Дар ин радиф барои андӯхтани таҷрибаи корӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши касбиаш дар таваллудхонаи Беморхонаи вилоятӣ шабҳо навбатдорӣ менамуд. Дар андак муддат бо меҳнатдӯстиву дониши комили касбиаш ба дили маризон ва ҳамкасбонаш роҳ ёфта, соҳиби ҳурмату эҳтиром гардид.[165]

Соли 1973 барои такмили ихтисос ва афзудани малакаи тахассусиаш Раъно Бобохонова ба ординатураи ба кафедраи акушер-гинекологияи Донигоҳи давлатии тибии Тоҷикистон рафт. Дар тӯли ду соли донишомӯзӣ Раъно Бобохонова кашфиёту дастовардҳои тибби муосирро омӯхт ва оид ба амалиётҳои ҷарроҳии тахассусиаш таҷрибаи зарурӣ пайдо кард. Соли 1975 баъд аз хатми таҳсили ординатура ӯро мудири шуъбаи момодоягии таваллудхонаи вилоятӣ таъин карданд. Сарбаландӣ дар ҷомеа тавассути меҳнати ҳалол ва муносибати ҳалимона бо ҳамкорону беморон ӯро насиб гашт ва ин имкон фароҳам овард, ки соли 1980 сардухтури таваллудхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб таъин шавад. Дар тӯли солҳои фаъолият ба ҳайси сардухтур ӯ таҷрибаи зиёд андӯхт.

Дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин солҳои 70 таъминоти аҳолӣ бо

---

[164]Раҳматзода, И. Алишер, Раҳматов. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010. –С.341-342.
[165] БДВХК- фонди 3, рӯйхати 7., д.т.12., -С.67.

кадрҳои баландихтисоси тиббӣ хеле беҳтар шуд. То таъсисёбии ноҳия духтурони маълумоти олидор ва ботаҷриба дар муассисаҳои тиббӣ кору фаъолият доштанд. Шарифов Шокир, Бобоев Ҳайдар, Каримов Давламад, Самадов Сайдалӣ, Ашӯров Қарахон, Дурбонов Довуд, Файзалиев Мирзо дар касалхонаҳои деҳотӣ ба мардум хизмати тиббӣ расонида, соҳиби ҳурмату эҳтиром ва таҷрибаи хуби касбӣ гаштаанд.

Кормандони соҳаи тибби ноҳия Аълочии тандурустии Иттиҳоди Шуравии сотсиалистӣ, дорандаи ордени Байраки Сурхи меҳнат Олимов Абдухалил, Машафеъ Ғуломов, Султонова Қарасоч, Каримов Давламад, Маҳмудова Зулфия, Рафиқов Давлат, Назаров Ҳотам, Қаюмов Абдураҳим ва дигарон ҳамавақт дар хизмати мардум буда, касби худро дар лаҳзаҳои душвортарини ҳаёт тарк накардаанд. [166]

Самти дигари кори ташвиқотиро идораи маърифати санитарӣ ба уҳда дошт, ки дар он ҷо духтурони бомаҳорат аз рӯи мавзӯъҳои соҳаи тиб барои аҳолӣ лексияҳо мехонданд. Аввали солҳои 80-ум роҳбарии онро духтур Хушбахт Асадов иҷро мекард. Соли 1972 Хушбахт Асадов ҳамчун духтури эҳёгар (реаниматолог) дар беморхонаи вилоятии №2 шаҳри Кӯлоб ва ҳамчунин ба вазифаи сардухтури Хонаи маорифи санитарӣ ба кор таъин гардид.

Бо саршавии ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон ниёз ба кадрҳои соҳаи тибе, ки забони форсиро медонистанд, афзоиш ёфт ва духтури беморхонаи вилоятии Кӯлоб Аҳмадҷон Муминов ба сафи артиш гирифта шуд. Вай дорои рутбаи майор, номзади илми тиб, соҳиби унвонҳои «Аълочии тандурустии Тоҷикистон», «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ду ордени «Ситораи Сурх» (1986, 1987), нишони «Аз халқи сипосгузори афғон» (1986), «Ифтихорномаи Шӯрои Олии Иттиҳоди Шуравӣ» (1986), нишони «70-солагии Қувваҳои мусаллаҳи СССР» (1988), «40- солагии Ғалаба» (1985), нишони

---

[166]Розиқи Содиқ «Равзанаи Субҳ» соли 2002.- С.154.

«Ҷанговари башардуст» (1989) кадр гардид. [167]

Соли 1982 дар муассисаи тиббии Дармонгоҳи марказии шаҳри Кӯлоб ҳуҷраи бемориҳои сактаи дил (инфаркт миокард) ва соли 1984 беморхонаи бемориҳои дил кушода шуд, ки онро Пулод Равшан роҳбарӣ мекард. Бояд гуфт, ки таъсиси чунин шуъбаҳоро таҷрибаи ҷаҳонӣ талаб мекард, зеро то ин давра чунин шуъбаҳо аллакай дар давлатҳои пешрафтаи дунё пурра фаъолияти худро ба роҳ монда буданд.[168]

Таҷрибаи ҷаҳонии ҷудосозии шуъбаҳо дар системаи тиб мунтазам рушд мекард ва дар доираи ин раванд соли 1991 дар назди Беморхонаи вилоятии №2-и шаҳри Кӯлоб дармонгоҳи бемориҳои СПИД кушода шуд. [169]

Пайдо намудани роҳҳои шифои ин дарди навбаромад барои табиб душвор буд ва худи ҳамин сол Рухсорамо Гадоеваро барои омӯхтани нозукиҳои ташхиси лабараторӣ ва усулҳои муайян кардани бемории СПИД ба лабараторияи Маркази бемориҳои СПИД ба шаҳри Душанбе фиристоданд. Пас аз такмили ихтисос вай сармутахассиси ин коргоҳ таъин шуд. [170]

Дар ин солҳо шумораи донишҷӯён дар Донишкадаи тиббии Тоҷикистон низ афзоиш ёфт. Агар дар соли хониши 1939-1941 аз 100 то 180 донишҷӯ қабул мешуд, дар соли 1988 1075 донишҷӯ қабул карда шуд. Аз он ҷумла, дар факултаи бемориҳои кӯдакона – 450 нафар, ба факултаи бемориҳои умумӣ – 400 нафар, ба факултаи дандонпизишкӣ – 150 нафар, дорусозӣ 75 нафар донишҷӯ қабул карда шуд. Дар давоми солҳои 1939 то соли 1980 Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон 16308 мутахассисро дар соҳаҳои бемориҳои

---

[167] БДВХК- фонди 3., рӯйхати 7., д.т.12., -С.69

[168]Аз суҳбат бо собиқ сардухтури беморхонаи бемориҳои дили вилоятӣ дар шаҳри Кӯлоб Равшан Пулодов 20.062016

[169]Иброҳим Раҳматзода, Алишер Раҳматов. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. –Душанбе, 2010 саҳ 92-93.

[170]Аз суҳбат бо собиқ сардухтури беморхонаи сироятии шаҳри Кӯлоб, сироятшинос Сафаров Умаралӣ 13.07.2017

даруни̣ (11056 ), беморихои кӯдакона (4661), дандонпизишк (437) ва дорусози̣ (154) тайёр намуд.

Барои омода кардани мутахассисони соҳаи дорусози̣ дар соли 1981 дар назди Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон факултаи дорусозон таъсис шуд. [171] Чунин сатҳи омода кардани мутахассисон барои инкишофи тиб мусоидат намуд.

Бо парокандашавии давлати Шурави̣ шумораи зиёди кадрҳои соҳаи тиб ба дигар шаҳрҳо кӯчиданд, ки ин боиси норасоии мутахассисон гардид. Соли 1990 дар ноҳияи Ховалинг филиали омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб кушода шуд. Филиали омӯзишгоҳ дар давоми 10 соли фаъолияти худ ба 120 нафар ҷавонписарону духтарон маълумоти миёнаи тибби̣ додааст.[172] Дар тайёр кардани кадрҳои ҳамшираҳои тибби̣ барои вилояти Кӯлоб нақши омӯзишгоҳи тиббии вилоят хеле баланд аст.

Ҷои зикр аст, ки ҳар диёру сарзамин бо обу хок ва дигар фазилатҳои волояш боиси пешрафт ва ташаккули шахсиятҳои маъруфи таърихи̣ мегардад. Дар инкишоф ва такомули ҷомеа саҳми беназир доштани яке аз мутахассисони шинохта, ки рушду нумӯи соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб ба заҳматҳои бевоситаи он вобастаги̣ дорад, Абдулмаҷид Ҳақназаров мебошад. Вақте ба таърихи пайдоиш ва рушди устувори ин соҳа назар мекунем, пеши назар поягузори соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб ин марди наҷиб ҳувайдо мегардад.

Абдулмаҷид Ҳақназаров пас аз хатми Донишкадаи тиббии Тоҷикистон соли 1961 бо роҳхати Вазорати тандурусти̣ ба ноҳияи Москва ба кор фиристода мешавад. Фаъолияти меҳнатиашро аз сардухутри беморхонаи минтақави̣ оғоз карда, муддате сардухтури беморхонаи бемориҳои сили ноҳияи Москва, соли 1965 сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Москва таъин мешавад. Дар ин ҳангом

---

[171] Таджикский Государственный мединститут имени Абуали ибн Сино.- Душанбе 1980.- С.9

[172]Амир Сайид Мунки̣. Саидҷалол, Сатторзода. Ховалинг.- Душанбе, 2001.-С. 140-141

бинои беморхонаи марказӣ, беморхонаи сил, беморхонаи пӯст, 2 маркази саломатии тиббӣ ва 5 бунгоҳи нав дар деҳот ва се беморхонаи минтақавӣ бо сифати хизматрасонии тиббӣ ба мардум дар ноҳияи Москва сохта ба истифода дода мешавад.

Соли 1974 баробари барқароршавии вилояти Кӯлоб мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб таъин мегардад. Ҳангоми кор кардан дар ин вазифа ба бунёди беморхонаи бемориҳои дил бо 100 кат, беморхонаи бемориҳои сил дорои 200 кат, 3 шуъбаи беморхонаи вилоятӣ, диспансери бемориҳои рӯҳӣ, маркази хунгирӣ барои 10 000 кас, маркази санитарӣ-эпидемиологии вилоят таъсис дода шудааст. Ҳамзамон дар ноҳияи Фархор, Данғара, Темурмалик, Муъминобод, Кӯлобу Балҷувон беморхонаҳои наву хуштарҳи замонавӣ сохта ба истифода дода шуда, бо мутахассисони баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ва таҷҳизоту асбобоҳои тиббии замонавӣ таъмин гардиданд, ки то имрӯз хизматрасонии тиббии минтақаро ба дӯш доранд.[173]

Дар давоми солҳои фаъолият дар раёсати тандурустии вилояти Кӯлоб ва муовини сардори раёсати тандурустии вилояти Хатлон дар гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб барои ташкили кору интизоми баланди меҳнатӣ, таъмини ихтисосмандону гузоштани таҳкурсии мустаҳками моддию техникии соҳа ва ҳалли масъалаҳои бунёди муассисаҳои тандурустӣ заҳматҳои зиёд кашида, дар ҳама комёбиҳову дастовардҳои соҳаи тандурусти минтақаи Кӯлоб саҳми арзанда дорад.

Барои таъмини кадрии соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб аз ҳисоби мутахассисони маълумоти олӣ дошта дар мувофиқа ба Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҷумҳуриҳои бародарии Русия ва Украина рафта, мутахассисонро ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб таъмин намудааст. Ҷиҳати таъмини кадрҳои ёрирасони тиббӣ ҳамшираҳои шафқат ва бародарони тиббӣ ҳангоми таъсис ёфтани Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб бо дастгири ӯ соли 1974

[173]Раҳматзода, И. Раҳматов, А. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010. –С.102-107.

дар ноҳияҳои Москва, Восеъ, Фархор ва Данғара филиалҳои Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб кушода шуданд. Бо ин ҳама азму талошҳо ва заҳматҳои саросарӣ соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб соли 1979 дар миёни дигар беморхонаҳои вилоятҳо рушдёфта ба ҳисоб мерафт.[174]

Хизматҳои арзандааш аз дидаи ҳақбини халқу ватан дур намонда, фаъолияти 47 солаи ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ба назар гирифта шуда, шоёни таҳсин гардиданд. Соли 1956-1957 бо «Ифтихорномаи Призидуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон» ва нишони «Барои меҳнати пурсамар», соли 1970 бо нишони «Барои меҳнати шоён», соли 1986 бо ордени «Байрақи сурхи меҳнат», соли 1987 бо нишони «Ветерани меҳнат», соли 1990 бо унвони «Аълочии тандурустии СССР», соли 1994 бо унвони «Духтури дараҷаи олӣ», «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдони шуда, дорандаи 4 медал, медали ба номи Пирогов ва Абӯали ибни Сино, мукофоти Олии Иттифоқи ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар мебошад. Ба хотири заҳматҳои 47-сола дар рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб бо таклифи вакилони маҷлиси намояндагони халқи шаҳри Кӯлоб дар назди беморхонаи марказӣ нимпайкараи Абдулмаҷид Ҳақназаров гузошта шуд.[175.176]

Яке аз табибони ҷарроҳ Иноят Муродов мебошад, ки вай аъзои фаъоли гурӯҳи ҷарроҳии «Ҷамъияти илмии донишомӯзон» шуда, соли 1968 бо тахассуси духтури ҷарроҳ ба шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб фиристода шуд. Бо ташаббуси ӯ дар шаҳри Кӯлоб соли 1974 филиали «Ҷамъияти ҷарроҳони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки ҳоло дар таълим ва инкишофи малакаи касбии ҷарроҳони ҷавон нақши бориз дорад.[177]

---

[174] Зарифӣ, А. «Маркази Садоқат» - Душанбе, июли 2006.
[175] «Инъом» - маҷмуаи очерку мақолаҳо: Кӯлоб «Сада» - соли 1997.
[176] Рӯзномаи «Садои Кӯлоб» Абдулмаҷид Ҳақназаров. –С.3. 12.09.2007
[177] Раҳматзода, И. Раҳматов, А. Тарихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010. –С.102-107.

Дар баробари ин, таҳлили сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1990 нишон медиҳад, ки диққати асосӣ дар ин давра ба корҳои ташвиқотӣ ва тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим дода мешуд, зеро ин як омили муҳими мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ва паст кардани сатҳи ин бемориҳо маҳсуб мешуд. Вазорати тандурустии Тоҷикистон ин масъаларо ҳарсола дар Вазорати тандурустӣ муҳокима мекард ва рафти ин корҳо аз тарафи гурӯҳи корӣ назорат карда мешуд.

Аз рӯи таҷриба ва таҳлилҳо дар кори соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои зикршуда камбудиҳо низ ҷой доштанд. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тиб системаи тақсими мутахассисонро аз рӯи роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҷорӣ намуд, ки мувофиқи он мутахассисони зиёд аз тарафи Вазорати маориф ва Донишкадаи тиббии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ин минтақа фиристонида мешуданд. Дар роҳи беҳтар кардани таъмини кадрҳо диққати асосӣ ба ноҳияҳои Ленинград, Совет, Москва ва шаҳри Кӯлоб дода мешуд, ки ҳамчун минтақаҳои осебпазир дар самти паҳншавии бемориҳои сироятӣ дониста мешуданд.

Дар рафти амаликунии сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб инчунин ба норасоии духтурони бемориҳои узви нафаскашӣ, бемориҳои рӯда ва шикам, фишорбаландӣ ва дигар бемориҳо, ки манбаи асосии марги беморон маҳсуб мешуданд, диққати махсус дода мешуд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки набудани табобати комплексӣ дар давраи ташхиси умумии беморон дар сатҳи паст қарор дошт ва ин дар навбати худ ба афзоиши бемориҳои кӯҳна ё ддоимӣ (хронические болезни) меовард.

Муборизаи кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тибро дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1970- 1991 таҳлил намуда, чунин қайд намудан мумкин аст, ки диққати асосӣ ба корҳои ташвиқотӣ

оид ба тарзи ҳаёти солим дода мешуд. Аз тарафи дигар фишори ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва назорати идораҳои давлатӣ аз болои ин масъала пеши роҳи паҳншавии бемории сироятиро гирифтанд.

Кушодани нуқтаи ҳуқуқӣ боиси ба ҷавобгарӣ кашидани шаҳрвандоне гардид, ки аз табобат саркашӣ мекарданд ва бо ҳамин усусл сарчашмаи ин бемориҳо дар ҳудуди минтакаи Кӯлоб бартараф карда шуд.

Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон ва шуъбаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб (он давра вилоят буд М.И.) дар баробари табобат, инчунин роҳҳои пешгирии бемориҳо ва ҳифзи муҳити зист, тозагии об, ҳаво ва дигар омилҳоро, ки метавонистанд ба сарчашмаи беморӣ табдил ёбанд, таҳти назорати доимӣ қарор медиҳанд.

Дар хулосаи ҳамин зербоб қайд кардан бамаврид аст, ки аввалин кадрҳои соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоб, ки солҳои 50 ба кор оғоз намуданд, ҳамшираҳои тиббӣ буданд. Онҳо тавонистанд дар шароити душвори занони маҳаллӣ аз тамоми хурофотҳо ва маҳдудиятҳо даст кашида, барои мардум хидмат намоянд ва ин амали онҳо ҷасорату қаҳрамонӣ буд. Дар солҳои минбаъда соҳаи тиб инкишоф ёфт ва аввалин табибони маҳаллӣ бо маълумоти олӣ ба кор баромаданд. Табибони маҳаллӣ баъди гирифтани донишу малакаи назариявӣ ба зодгоҳашон баргашта, бевосита дар беморхонаҳо таҷрибаи худро такмил медоданд ва имконият фароҳам омад, ки бо сарварии табибони рус маҳорату қобилияти худро сайқал диҳанд. Бо зиёд шудани кадрҳои маҳаллӣ, шумораи беморхонаҳо зиёд гардид ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардид. Аммо чунон, ки таҳлилҳо нишон доданд, ин муваффақиятҳои тибби вилоят ҳанӯз дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ хеле ночиз буд. Илова бар ин, тиб низ инкишоф меёфт ва соҳаҳои нав ба нав пайдо мешуданд ва барои таъмини фаъолияти онҳо кадрҳои болаёқат зарур буданд. Дар ин самт кори системаи маориф дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ хеле муҳим буд, зеро рушди минбаъдаи соҳаи тандурустӣ танҳо аз

мутахассисони баландихтисос вобастагӣ дошт. Дуруст будани ин фикр дар соли 1990 исбот гардид. Зеро дар ин солҳо мутахассисони рус Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намуданд ва мутахассисони маҳаллӣ тавонистанд, соҳаи тибро на танҳо худ мустақилона пеш баранд, балки онро ҳаматарафа пеш бурда ба сатҳи баланди рушд расонанд.

## 2.2. Муборизаи кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон (солҳои 1970- 1991)

Таҳлили маводи бойгонӣ моро водор намуданд, ки раванди кори табибон ва идораҳои давлатӣ, усул ва услуби кори онҳо ва душвориҳои кори онҳоро дар роҳи инкишофи соҳаи тиб таҳқиқ намоем. Мақсад аз он иборат буд, ки дар фаъолияти табибон корҳои воқеиро аз «маъракабозиҳо» ҷудо намоем. Дар ин самт ба чанд савол бояд посух гуфта шавад:

1. Ин маъракаҳо характери доимӣ доштанд, ё муваққатӣ?
2. Онҳо мақсаднок ва муташаккилона мегузаштанд ё ки характери стихиявӣ доштанд?
3. Оё ин маъракаҳо ба максадҳои худ ноил мегардиданд ё не?
4. Корҳои пешбинишуда системавӣ буданд ё танҳо дар доираи маҳдуди соҳа дида мешуданд?

Рафти тадқиқоти мо дар ин қисмати мавзуъ маҳз ба дарёфт намудани ҷавоб барои ин саволҳо равона гардидааст.

Зарари калони бемориҳои сироятӣ ва суръати баланди паҳншавии онҳоро ба назар гирифта, 1 октябри соли 1971 аз тарафи Призидиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шуравӣ фармон дар бораи «Баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои паҳн кардани бемориҳои сироякунанда» бароварда шуд. Дар асоси ин фармон Штаби ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуд, ки он таҳти сарварии сардори Раёсати ёрии табобатӣ-профилактикии

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон Мавричева А.Г. як маротиба дар як квартал ҷамъ омада, натиҷаи кори штабҳои вилоятҳоро оид ба ин масъала муҳокима мекард. Дар роҳи аз байн бурдани сарчашмаҳои паҳншавии бемориҳои сироятӣ, диққати асосӣ ба корҳои ташвиқотӣ ва тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим дода мешуд. Кори ин штаб бошад аз тарафи вазири тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон И. Саженин назорат карда мешуд, ки вазифаи роҳбарии умумӣ ва координатсиониро адо мекард.[178]

Моҳи декабри соли 1971 Қарори Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Совети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда» ба тасвиб расид. Аз тарафи се шохаи асосии давлатдорӣ қабул шудани ин қарор шаҳодат аз он медиҳад, ки ин беморӣ барои ҷомеа хавфи калон дошт, зеро паҳншавии бемории сироятӣ асосан дар байни ҷавонон боиси ташвиши идораҳои тиббии он давра гардид. Аз ҳамин лиҳоз, аз тарафи Вазорати тандурустии Тоҷикистон нақшаи корӣ доир ба паст кардани сатҳи ин бемориҳо тартиб дода шуд, ки қисми асосии онро кор дар байни ҷавонон ишғол мекард. Қарорҳои муштараки шохаҳои давлатӣ ва ҳизбӣ сабаби он гардиданд, ки тамоми сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба иҷрои ин қарор оғоз намуданд. Дар миёни ин бемориҳо, махсусан, паҳншавии бемории сил бештар ба назар мерасид. Мувофиқи қарори Шӯрои вазирони Тоҷикистон аз 27 май соли 1971 №185, қарори Вазорати тандурустии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 1971 №814 ва №202а чораҳои фаврӣ барои пешгирии бемории сил дар нақша гирифта шуд. Аз он ҷумла, қарор қабул шуд, ки ба минтақаҳои дурдаст мутахассисон ва лабораторияҳои сайёри рентгенӣ фиристонида

[178] СБҲҶТ - фонди 279, парвандаи 29, рӯйхати 21.-1973.- С.10

мешаванд.[179]

**Ҷадвали №3**

**Бемории сил дар вилояти Кӯлоб дар охири соли 1971[180]**

| Ноҳия ва шаҳр | Соли 1971 | |
|---|---|---|
| | Шумораи беморон | Ба100 ҳазор нафар |
| Восеъ | 51 | 66,6 |
| Дангара | 27 | 67,8 |
| Кӯлоб | 49 | 55,3 |
| Москва | 12 | 19,5 |
| Фархор | 225 | 441,1 |
| Совет | 31 | 126,5 |

Маълумоти овардашуда нишон медиҳад, ки дар давоми соли 1971 шумораи бештари беморон дар ноҳияи Фархор ба қайд гирифта шуд ва аз ҳамин лиҳоз омӯзиши вазъияти гигиенӣ ва санитарии ин ноҳия дар мадди аввали фаъолияти табибон қарор гирифт. Диққати асосӣ ба ҷавонони синни даъват ба артиши Шуравӣ равона гардид. Зеро дар баъзе мавридҳо аз тарафи табибон ҷавонони гирифтори бемории сил ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват мешуданд. Аз ин рӯ, ин масъала ҳар сол дар Вазорати тандурустӣ муҳокима мешуд.[181] Дар идомаи ин корҳо, дар соли 1972 дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуданд, ки ба ҳайати онҳо эпидемиологҳо, венерологҳо ва мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон ва органҳои ҳифзи ҳуқуқ дохил гардиданд. Моҳи феврали соли 1973 қарори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани нуқтаи машварати ҳуқуқӣ дар назди диспансери бемориҳои пӯст ва венерикӣ баромад. Сабаби асосии кушодани нуқтаи ҳуқуқӣ дар ташвиқоти оқибати ҳуқуқии саркашӣ аз табобат буд, зеро на ҳама шаҳрвандон ба табобати ихтиёрӣ розӣ буданд. Баъзе аз шаҳрвандон саркашӣ мекарданд ва ҳатто мариз будани худро пинҳон медоштанд ва ин боиси боз ҳам

[179]БВТҲҶТ- Оиди сифати пешгирӣ ва табобати бемориҳои сил.- Парвандаи 37. Ф 279. Рӯйхати 21. 1974 –С. 25-28
[180]БВТҲҶТ-Парвандаи 17. Ф 279. Рӯйхати 21. 1971.-С. 45-53
[181]БВТҲҶТ- Ҷамъбасти соли 1970.- Парвандаи 4. –С. 3-6

зиёд гардидани бемориҳо мегардид. Аз ин рӯ вазифаи асосии ин нуқтаи ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии қонунӣ кашидани чунин шаҳрвандон буд. Чунончи дар соли 1972 ва аввали соли 1973 78 нафар барои саркашӣ кардан аз табобат ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Аз ин шумора 46 нафар аз озодӣ маҳрум шуда, дар маҷмуъ, дар ҷумҳурӣ 82 парвандаи ҷиноятӣ доир ба ин намуди ҷиноят кушода шуд.[182]

Ба тамоми пешравиҳои соҳаи тиб нигоҳ накарда, дар солҳои 70-ум низ ҳодисаҳои сар задани бемориҳои карантинӣ мушоҳида мешуд. Сабаби сар задани ин бемориҳо асосан дар он буд, тавассути парандаҳо ва ҳайвонот ба тарафи ноҳияҳои сарҳадӣ аз Афғонистон гузашта, дар ин ҷо паҳн мешуд. Чунончи, солҳои 1973 - 1974 дар вилоятҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа, аз он ҷумла дар қишлоқҳои Арабҳо ва Ғарби ноҳияи Москва ҳодисаи сар задании бемории табларза ба назар расид.[183] Моҳи августи соли 1974 қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон «Оиди пешгирии бемории табларза дар Тоҷикистон» баромад, ки тибқи он дар назди шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо вазифаи иҷро намудани қоидаҳои санитарию гигиенӣ гузошта шуд.[184] Мубориза бар зидди бемории вараҷа (табларза) дар се самт ба роҳ монда шуд:

1. Истифодаи доруи «Арихин» - ин дору аз тарафи олимони Донишкадаи илмии химия ва фармакология ихтироъ шуда, доруи истеҳсоли хориҷии «Хинин»-ро иваз намуд.

2. Нест кардани ҳашаротҳои паҳнкунандаи бемориҳои сироятӣ. Бо ин мақсад аз тарафи олимон моҳичаҳои «гамбузия» истифода мешуданд. Ин моҳичаҳо пашша ва дигар ҳашаротҳои парвозкунандаро дар назди обанборҳо хӯрда, ба зиёд шудани онҳо монеа мешуданд.

---

[182] БВТҲҶТ- Ҷамъбасти соли 1970 - Парвандаи 4. –С. 12
[183] Ноҳияи Москва: 50 сол.- Душанбе «Афсона» 1999 -С. 106.
[184] БВТҲҶТ-Парвандаи 35. Ф 279. Рӯйхати 21. 1974 -С. 48-50

3. Истифодаи васеи корҳои гидротехникӣ. Бо ин роҳ заминҳои ботлоқзор хушконида шуда, ҷои онҳоро заминҳои киштзор мегирифт. Бо ҳамин роҳ сарчашмаи сар задани беморӣ аз байн бурда мешуд.[185]

Душвории дигар дар ин солҳо афзудани ҳуҷуми сагҳо ба одамон маҳсуб меёфт. Дар давоми солҳои 1971-1972 ду маротиба дар Коллегияи Вазорати тандурустии Тоҷикистон масъалаи ба беморӣи девонагӣ (бешенства) гирифтор шудани одамон дар натиҷаи ҳуҷуми сагҳо баррасӣ шуд ва диққати органҳои марбути давлатӣ ба ин масъала ҷалб гардид.[186]

Аммо барои амалӣ кардани ин нақшаҳо мутахассисони зиёд лозим буданд ва аз ҳамин лиҳоз барои таъмини иҷрои он аз тарафи Вазорати маориф ва Институти тиббии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ин давра (1971-1973) тавассути интернатура 28 мутахассиси дерматология ва венерология омода шуданд. Инчунин 40 нафар табибони ҷавон дар кафедраи бемориҳои пӯст ва венерики Институти тиббии Тоҷикистон ва институтҳои такмили ихтисоси шаҳрҳои Боку, Москва ва Ленинград донишҳои худро доир ба ин бемориҳо сайқал доданд. Соли 1973 зиёда аз 524 мутахассисон Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанберо хатм карда, аз онҳо 288 табиб ба деҳотҷойҳо ва 236 нафар ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ фиристонида шуданд.[187]

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар соҳаи тандурустӣ кори пешбинии вазъият ба роҳ монда нашуд. Гирифторони бемориҳои рӯда ва шикам ҳамоно дар вилоят зиёд ба қайд гирифта мешуданд.[188] Тамоми чораҳое, ки амалӣ мешуданд, характери бартарафсозии оқибатро доштанд ва роҳи пешбинӣ ва пешгирӣ аз мадди назари кормандони соҳа барканор

---

[185] Митерев, Г.А. В дни мира и войны - М.., 1975.- С. 165.

[186]БВТҲҶТ- Оиди мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда дар Тоҷикистон соли 1970.- Парвандаи 25. Ф 279. Оп 21. 1972г. –С.7-9

[187] БВТҲҶТ-Оиди тақсимоти мутахассисони ҷавон – хатми Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон соли 1973.- Парвандаи 29. Ф 279. Рӯйхати 21. 1973.- С. 52-57

[188] БВТҲҶТ-Оиди пешгирии бемориҳои дарунравӣ дар соли 1972 ва соли 1973.- Парвандаи 25. Ф 279. Оп 21. 1973. –С.14-16

буд. Албатта, ин сабаб дошт ва барои ин мутахассисон намерасиданд, аммо ба фикри мо, ба роҳ мондани чунин сохтор ба амал омадани чандин бемориҳоро метавонист пешгирӣ карда шаванд. Аммо ба қадри ҳол баъзе корҳо дар ин самт гузаронида мешуданд. Яке аз чунин корҳо ташвиқоти тарзи ҳаёти солим дар байни мардум буд, ки имкон медод каме ҳам бошад бемориҳои сироятиро пешгирӣ намояд.[189]

Вазъияти душвори баъзе ноҳияҳоро ба назар гирифта, моҳи марти соли 1973 Вазорати тандурустии ИҶШС таҳти рақами 240 фармон «Дар бораи беҳтар намудани ёрии тиббӣ ба кӯдакон дар ноҳияи Москва ва шаҳри Кӯлоб» баровард. Иҷрои ин вазифа ба зиммаи сарпедиатри вилоят Саидов Х. ва инспектор оид ба кӯдак Шаркаева З. супурда шуд. Вазифаи асосӣ ва принсипиалии кор дар он буд, ки дар ин ду ноҳия муносибат миёни сохторҳои тиббӣ, ки бо кӯдакон сару кор доштанд, вуҷуд надошт. Бо ҳамин сабаб фавти кӯдакон дар ҳар зинаи инкишоф зиёд мешуд. Аз ин рӯ дар назди шуъбаи тандурустии вилоят, сарпедиатри вилоят ва саринспектори кӯдакон вазифа оид ба таъсиси алоқаи байни беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои кӯдакона гузошта шуд.[190]

Дар навбати худ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон тақсимот ва ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисонро таҳти назорати қатъӣ гирифт. Илова бар ин, натиҷаи бо ҷои кор ва хона таъмин шудани мутахассисони ҷавон дар охири сол дар коллегияи Вазорати маориф ва Вазорати тандурустӣ муҳокима гардид.

Дар коллегияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки таҳти раёсати вазири тандурустӣ И.Саженин гузашт, боз як бори дигар роҳбарони шаҳру вилоятҳо, беморхонаҳо ва шуъбаҳои тандурустӣ вазифадор шуданд, ки мутахассисони ҷавонро бо хона таъмин намоянд. Ҳамчунин масъалаи таъмини дурусти беморхонаҳо бо хӯроки дорои витаминҳои зарурӣ ба

---

[189] БВТҲҶТ- Ҷамбасти солонаи Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар соли 1971 год.-Парвандаи 13. Ф 279. Оп 21. 1972.- С. 40-43

[190]БДВХК – фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39, соли 1980.- С.218

миён гузошта шуд.[191]

Илова бар ин, 25 октябри соли 1974 Қарори Совети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ёрии тиббӣ дар вилояти Кӯлоб ва роҳҳои беҳтар кардани он» ба тавсиб расид. Дар ин давра аҳолии вилояти Кӯлоб ба 450 ҳазор нафар расид, ки 230 ҳазор нафари онҳоро кӯдакону наврасони то 14 сола ташкил мекарданд. Ин 51,6 фоизи аҳолиро ташкил медод. Дар вилоят инчунин 20000 кӯдаки то сини 1 сола ба қайд гирифта шуданд. Шумораи табибони соҳаи педиатрия бошад 19 духтур ба 10000 аҳолӣ рост меомад, ки ин ба як духтури кӯдакони дар як минтақа 1200 кӯдак баробар буд. Кӯдакони синни яксола бошад ба ҳар як духтур 90 нафарӣ рост меомад. Афзоиши шумораи кӯдакон ва сатҳи таваллуд дар вилояти Кӯлоб нисбат ба дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ баланд буд ва 43,6 нафар ба 1000 нафари аҳолиро ташкил медод. Ҳол он ки дар ҷумҳурӣ ин рақам 37,2 нафарро ташкил медод.[192] Аммо зиёд гардидани аҳолӣ теъдоди бештари кормандони тибро талаб мекард, ки ин раванд ба мисли баробар ба сатҳи аҳолӣ афзоиш намекард. Аз ҳамин сабаб сатҳи фавти кӯдакон дар вилоят нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле зиёд буд. Дар тамоми ноҳияҳои вилоят шуъбаҳои кӯдакона амал мекарданд ва танҳо дар ноҳияи Ленинград (Муъминобод) ин шуъба дар назди шуъбаи педиатрия кушода шуда буд.

Ёрии тиббӣ барои кӯдакон дар шакли ёрии тиббӣ, ёрии тиббӣ барои кӯдакони навзод ва ёрии тиббӣ дар бунгоҳҳо ва дармонгоҳҳо амалӣ карда мешуд.

Бо мақсади ёрии тиббӣ дар вилоят 676 кат барои кӯдакон пешбинӣ шуд. Аммо аз ин шумора танҳо 166 кат дар деҳот ҷойгир шуда ва 510 кат дар шаҳр буданд. Аз ҳамин сабаб ҳангоми табобати кӯдакони деҳот ба

---

[191] Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27. 03. 1973. №7/2.- Оиди ҳолати хӯроки беморон дар касалхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Парвандаи 26. Ф 279. Рӯйхати 21. 1973.- С. 40-43

[192] Умури омори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хоҷагии халқи вилояти Кӯлоб солҳои 1973-1986. (Юбилейний статистический сборник к 70-летию Великого Октября) Душанбе 1987.-С.8

монеаҳои зиёд дучор мешуданд.[193]

Аммо дар ҳар се равияи кори табобатии кӯдакон духтурон бо нарасидани ҷой ва иморати алоҳида бармехӯранд. Дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва таваллудхонаҳо ҷой барои қабули озоди беморон, профилактикаи кӯдакони сиҳат ва модарони кӯдакони навзод таъмин нашуда буд, ки ин ба сифати табобат таъсири манфӣ мерасонд. Илова бар ин, тангии шароит ба паҳн шудани бемориҳои сироятӣ оварда мерасонд.

Дар соли 1975 дар тамоми таваллудхонаҳои вилоят 9301 кудак таваллуд шуданд ва дар соли 1976 бошад ин шумора кам гардид. Сабаби яку якбора кам гардидани таваллуд дар беморхонаҳо дар он буд, ки таваллуд дар хона ҳанӯз зиёд буд.

**Ҷадвали №4**

**Сатҳи таваллуд дар хонаҳои истиқоматӣ ба ҳисоби фоизи умумӣ [194]**

| Ноҳия | 1975 | 1976 |
|---|---|---|
| Восеъ | 74.6 % | 68.3% |
| Фархор | 72% | 76% |
| Ленинград | 53% | 65% |
| Москва | 39% | 32% |
| Данғара | 30% | 33% |

Чунон ки мебинем, мурочиати модарони ҳомила ба беморхонаҳои ноҳияи Данғара нисбат ба дигар ноҳияҳо баланд буд ва ин омил фавти кӯдаконро ҳангоми таваллуд кам мекард. Бо мақсади таъсиррасонии маънавӣ ва афзун гардонидани дониши модарон дар соли 1975 дар шаҳри Кӯлоб мактаби модарон таъсис гардид, ки дар он барои саволҳои модарони ҷавон мутахассисони соҳаи тибби кӯдакона ҷавобҳо мегардониданд. Фавти кӯдакон дар соли 1975 яку якбора афзоиш ёфт ва 84.6 нафарро аз 1000 бемор ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 1974 (67.6) зиёдтар буд. Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи фавти

[193] БДВХК- фондии 86, рӯйхати 2, парвандаи 12, 1976.- С.120-127
[194] БДВХК - фондии 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.- С.190

кӯдакон дар чунин ҳолат карор дошт:

1. Кӯлоб - 103.3 кӯдак аз 1000 бемор;
2. Восеъ -109 кӯдак аз 1000 бемор;
3. Данғара -90.6 кӯдак аз 1000 бемор;
4. Ленинград - 59.8 кӯдак аз 1000 бемор;
5. Москва- 50.5 кӯдак аз 1000 бемор;
6. Фархор - 100.7 кӯдак аз 1000 бемор;
7. Панҷ- 88.8 кӯдак аз 1000 бемор;
8. Совет - 91.8 кӯдак аз 1000 бемор;

Сабаби асосии ин ҳолат дар набудани нигоҳубинии пеш аз таваллуди модар ва мавҷудияти бемориҳои сироятӣ мебошад. Аммо дар баробари бемориҳои сироятӣ, хуруҷи дигар бемориҳо низ дар вилоят мушоҳида мегардид. Дар рафти соли 1975 чандин нафар аз табибон бо танбеҳ ва огоҳии қатъӣ ҷазо дода шуданд, зеро чунон, ки аз тарафи роҳбарияти шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб қайд гардид, сабаби асосии фавти кӯдакон хунукназарии табибон мебошад.[195] Дар баробари ҳамин қайд гардид, ки дар вилоят ҳанӯз кадрҳои соҳаи тиб намерасанд ва вилоят дар ин масъала аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ қафо мондааст. Дар роҳи беҳтар кардани таъмини кадрҳо диққати асосӣ ба кумитаи ташкилӣ-методии Беморхонаи вилоятӣ дода мешуд. Табибони ин шуъба ба ноҳияҳои Ленинград, Совет, Москва ва шаҳри Кӯлоб сафарҳои хизматӣ ташкил намуда, ба духтурони маҳаллӣ ёрии амалӣ мерасониданд. Дар рафти муҳокимаи фавти кӯдакон дар вилояти Кӯлоб, мудири шуъбаи тандурустии вилоят Ҳақназаров А. қайд кард, ки дар аксари мавридҳо дарди беморон аз тарафи табибон гуногун фаҳмида намешаванд, ки ин аз сатҳи пасти дониши табибон шаҳодат медиҳад.[196]

Бояд қайд кард, ки ягон ҳодисаи марги бемор аз назорати шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб берун набуд. Чунончи, соли 1975 дар ноҳияи Фархор якчанд ҳодисаи марги одамон аз бемории дарунравӣ - хуннок

[195] БВТҲҶТ- Ҷамъбасти соли 1970.- Парвандаи 4. –С. 33
[196]СБҲҶТ- парвандаи 66, фонди 279. рӯйхати 21. 1977.-С. 202-204

(дифтерия) ба қайд гирифта шуданд ва 26 - уми декабри соли 1975 ин масъала дар Шӯрои тандурустии вилояти Кӯлоб муҳокима гардид. Қайд гардид, ки ду нафар кӯдак аз ин беморӣ бо айби табибон фавтиданд. Аз ин лиҳоз ба сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Фархор Сайфиддинов Ш.С. ва сардухтури СЭС ноҳияи Фархор огоҳии қатъӣ дода шуд. Сардухтури беморхонаи деҳоти «Деҳқон-арик» Баротов Д. барои хабар надодан ба маркази ноҳия оид ба ҳодисаи бемории дарунравӣ - ҳуннок (дифтерия) аз кор хориҷ карда шуд.[197]

Шумораи фавтидагон бо сабаби бемориҳои узви нафаскашӣ низ зиёд буд ва аз ҳамин сабаб ин масъала моҳи октябри соли 1975 дар маҷлиси Шӯрои тиббии шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб таҳти раёсати мудири шуъба Ҳақназаров А. муҳокима гардид. Дар ин маҷлис

- Грачев А.М. - сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Данғара;

- Ибодулллоев А.- сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Совет;

- Ҳабибов Б. - сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Ленинград;

- Сангонов Ф.Р. - мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб; изҳори нигаронӣ аз афзоиши фавти кӯдакон бо сабаби бемориҳои рӯда ва узви нафаскашӣ дар миёни кӯдакон намуда, сабаби асосии онро дар нарасидани кадрҳо нишон доданд. Ҷонишини раиси Шӯрои тиббии шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Назиров Б.Н. қайд кард, ки масъалаи фавти кӯдакон дар сатҳи вилоят чанд бор муҳокима шуд, аммо дар ин самт ҳанӯз пешравӣ хеле кам аст. Сатҳи фавти кӯдакон дар вилоят бо сабаби бемориҳои рӯда ва узви нафас хеле баланд аст. Дар ноҳияи Панҷ ин нишондод 90%-ро ташкил медиҳад.[198] Дар ҷаласаи Шӯрои тандурустии вилояти Кӯлоб масъалаи фавти беморон аз бемории узвҳои нафасро муҳокима намуда, мудири Шӯро Хақназаров А. қайд намуд, ки нисбат ба соли 1974 шумораи фавтидагон ба 28% кам гардид

[197]СБҲҶТ -фондии 279, рӯйхати 21, парвандаи 4.- С.110

[198]БВТҲҶТ-Оиди эмкунии аҳолӣ дар нимсолаи 1 соли 1977 дар вилояти Кӯлоб.- Парвандаи 66. Ф 279. Рӯйхати 21. 1977 –С. 202-204; Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 4.- С.1-3.

ва аз 296.2 ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ то 185 нафар (дар 9 моҳи соли 1975) кам гардид. Аъзоёни Шӯро тамоми сабабҳои ин раванди манфиро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омаданд, ки афзоиши шумораи фавтидагон аз ҳисоби бемориҳои узви нафасро аксаран кӯдакон ташкил медиҳанд ва дарди онҳоро патологияи шуш (неспецифическая этиология) ташкил медиҳад.[199]

Дар ин давра дар вилояти Кӯлоб дар қайди диспансерӣ 1216 бо бемории сактаи дил, 484 бо ревматизм, 681 нафар бо гипертония қарор доштанд. Ҳамаи ин беморон 50% беморони терапевтиро ташкил медоданд. Дар миёни бемориҳои дил дар ҷои аввал фишорбаландӣ меистод. Ин нишондод дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар нимаи дувуми солҳои 70-ум чунин буд:

- ноҳияи Ленинград 50%;
- ноҳияи Москва 50%;
- ноҳияи Фархор 80%;
- шаҳри Кӯлоб 42%;
- ноҳияи Данғара 30%;
- ноҳияи Совет 59%;
- ноҳияи Восеъ 32%.

Ин тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияҳои Панҷ, Данғара ва Восеъ сатҳи бемории фишорбаландӣ дар ҷои севум буда, дар ҷои дувум бемории ишемикии дил меистод. Камбудиҳои табобати диспансериро таҳлил намуда, дар қатори онҳо хаттоиҳо, ба монанди набудани табобати комплексии табибон, сӯистифода аз як намуди доруворӣ, хабар нагирифтани бемор аз тарафи табиб дар хонаро номбар кардан мумкин аст. Тамоми ин камбудиҳоро ба назар гирифта, сардухтури терапевтии Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Дятлов Ю. барои таҳти назорат гирифтани шахсони гирифтори бемориҳои дилу раг чораҳои зеринро

[199]БВТҲҶТ- Оиди эмкунии аҳолӣ дар нимсолаи 1 соли 1977 дар вилояти Кӯлоб .- Парвандаи 66. Ф 279. Рӯйхати 21. 1977 –С. 202-204

пешниҳод намуд:

- сари вақт муайян кардани дард ва ба қайди диспансерӣ гирифтани бемор;

- вобаста ба аҳволи бемор муайян кардани вақти рафтан ба дармонгоҳ, методи табобат, истифодаи дастурамалҳои меҳнатӣ ва дигар корҳо;

- истифодаи васеи дастгоҳи барқии сабти дил барои сари вақт муайян кардани дарди дил ва пешгирии он дар зинаи аввали табобат;

- истифодаи васеи методи профилактикӣ ва пешгирии дарди дил ва роҳ надодан ба аз нав саршавии дард.[200]

Дар моҳи октябри соли 1976 Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб афзоиши шумораи фавтидагонро аз бемориҳои шуш ва дарунравӣ ба назар гирифта, масъалаи «Чораҳои иловагӣ оиди пешгирии бемориҳо бо оқибати фавт»-ро дар муҳокима мегузорад. Дар ҳафт моҳи соли 1976 дар ҳудуди вилоят бо сабаби бемориҳои шуш 373 кӯдак фавтиданд. 21 нафар бо сабаби бемории зуком ва ҳамагӣ бошад 1007 нафар кӯдаки то 1 сола фавтид. Ҳамин тавр 32% тамоми фавтидагонро кӯдакони то 1 сола ташкил мекарданд. Натиҷаи тафтишот нишон дод, ки дар ноҳияи Совет дар ҳафт моҳи соли 1976 545 кӯдаки то 14 сола табобат гирифт ва аз онҳо 241 нафарашон кӯдакони то 1 сола буданд. Табобат ҳамагӣ 6005 кат-рӯз ташкил дод, ки он барои ҳар як бемор 11,1 рӯз рост меомад. Дар давоми ин давра 1877 кӯдак аз назар гузаронида шуд. Аммо хобондани беморон бо бемориҳои шуш хеле кам буд, ҳоло он, ки ин яке аз сабабҳои асосии фавти кӯдакон ба ҳисоб мерафт. Дар ноҳияи Фархор дар ҳамин давра 1942 кӯдаки то 14 сола табобат гирифт, ки аз онҳо 651 нафар кӯдакони то 1 сола буданд. Ин 34 фоизи кӯдаконро ташкил медиҳад. Давомнокии табобат 13479 кат-рӯзро ташкил дод[201.202].

---

[200]БДВХК- фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12- ахбори сартерапевти вилоят Дятлов Ю.-Л173-176

[201]Бурҳониддин Усмон «Фархориён» -Душанбе, 2010.

[202]Аз суҳбат бо собиқ сардухутри шуъбаи бемориҳои кӯдаконаи ноҳияи Фархор, собиқадори соҳаи тиб Аликул Ҳаитматов 23.07.2016

Дараҷаи афзоиши баъзе аз бемориҳои сироятиро ба назар гирифта, Вазорати тандурустии Тоҷикистон 9 январи соли 1976 дастур оид ба «Пешгирии ҳодисаҳои паҳншавии обпартояк»-ро баровард. Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб дар асоси ин фармон нақшаи муайян барои солҳои 1976-1977 тартиб дод ва онро барои иҷро ба ноҳияҳо ирсол намуд. Бо ҳамин мақсад ба ноҳияҳои вилоят маҳсулоти зарурӣ, аз қабили либоси муҳофизатӣ, асбобҳои рӯзгор, палатаҳои саҳроӣ, доруворӣ, химикатҳо ва дигар ашёе, ки дар рафти кори табибон истифода мешаванд, фиристонида шуданд. Теъдоди гирифторони бемориҳои сироятӣ дар соли 1976 зиёд гардид ва сабаби асосии он сифати паст доштани оби нӯшокӣ дониста мешуд.

Дар вилояти Кӯлоб ҳамагӣ 89 қубурҳои оби нӯшокӣ мавҷуд буд, ки аз онҳо дар 52 обанбор девори муҳофизатӣ ва танҳо дар 13 тояш истифодаи хлор ба роҳ монда шудааст. Дар 76 обанбор хлор истифода намешуд. Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар сатҳи паст қарор дошт. Чунончи, дар соли 1976 таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар ноҳияи Данғара 25,3%, ноҳияи Фархор 42,6% ва ноҳияи Совет 34,4% - ро ташкил медод. Роҳи асосии ҳалли ин проблемаро Вазорати тандурустӣ дар эмкунии аҳолӣ муайян намуд. Аммо он на ҳамаи аҳолиро фаро мегирифт.[203] Яке аз роҳҳои асосии пешгирии бемориҳои сироятӣ эмкунии оммавии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Эмкунӣ мебоист аҳолиро аз бемориҳо, ба монанди дарунравии шикам, вараҷа, сил, обпартояк ва дигар бемориҳо муҳофизат мекард.

Дар аввали соли 1976 эмкунии аҳолӣ вобаста ба бемориҳои дарунравии шикам оғоз гардид. Ин раванд, бахусус, кӯдакони синни то 14-соларо фаро гирифт. Аммо натиҷаи эмкунӣ на дар ҳамаи шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ ба талабот ҷавобгӯ буд. Агар дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва баъзе ноҳияҳои водии Вахш нақшаи эмкунӣ барзиёд иҷро шуда бошад, дар ВМКБ - 45,8%, ноҳияи Фархор 78,6%, ноҳияи

---

[203]БДВХК- Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.- Л.78

Москва 89,7%, Панҷ 68,2%, Совет 50,6%, вилояти Ленинобод 72,2% иҷро гардиду халос. Аммо дар ин хусус бояд қайд кард, ки хавфи сар задани бемориҳои сироятӣ дар вилояти Кӯлоб нисбати вилояти Ленинобод ва ВМКБ хеле бештар буд ва аз ин лиҳоз эмкунии аҳолии ин вилоят масъулияти бештарро аз кормандони соҳа талаб мекард ва он бояд тамоми кӯдаконро фаро мегирифт.

Дар вилоят, инчунин эмкунии бемории карахтшавии узвҳо (столбняк) дар сатҳи паст гузаронида шуд. Дар ноҳияи Панҷ 23,7 ва дар ноҳияи Совет нақшаи эмкунии ин намуди беморӣ танҳо 21,7 фоиз иҷро гардид. Аммо бепарвоии табибон дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба назар мерасид. Чунончи, дар ноҳияи Ғарм нақшаи эмкунии карахтшавии узвҳо (столбняк) танҳо 6,4 фоизро ташкил дод. Натиҷаҳои беҳтарро табибони вилоят дар эмкунии бемории нағзак (оспа) нишон доданд. Дар нимсолаи аввал нақшаи эмкунӣ 42,1 фоиз иҷро гардид (нақша 50%), ки ин яке аз беҳтарин нишондодҳо дар ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Дар ҳисоботи сардухтури СЭС Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Бердиев дар соли 1976 инчунин эмкунии аҳолӣ аз бемориҳои дарунравӣ (дифтерия), сил, кор ва зуком пешбинӣ гардид ва мутаассифона нақшаи кори эмкунӣ дар вилоят иҷро нагардид.[204.205]

**Ҷадвали №4**

**Рафти эмкунии аҳолии вилояти Кӯлоб дар 8 моҳи соли 1976 [206]**

| Ноҳияҳо | Тиф% | Столбняк% | Нағзак(оспа)% |
|---|---|---|---|
| Кӯлоб | 98 | 62.2 | 50.7 |
| Фархор | 78.6 | 63.7 | 44.7 |
| Панҷ | 78.1 | 39 | 31.6 |
| Совет | 49.9 | 36.8 | 39.9 |
| Данғара | 91.4 | - | 49.5 |
| Ленинград | 111.4 | 50.4 | 58.9 |
| Москва | 90.7 | 63.5 | 45.4 |

[204]БДВХК- Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.1976.-Л.153-156
[205]БДВХК- Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.1976.-Л.130-133
[206]БДВХК- Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.1976.-Л.149-152

| | | | |
|---|---|---|---|
| Восеъ | 109 | 62.1 | 46.7 |

Чунин сатҳи эмкунӣ дар ноҳияҳо ва шаҳри Кӯлоб ба пастшавии ин бемориҳо овард, аммо бо сабаби боқӣ мондани сарчашмаи бемориҳои сироятӣ пеши роҳи пурра бартараф кардани онҳо гирифта нашуд. Сатҳи бемориҳои рӯда ва шикам дар вилояти Кӯлоб дар нимаи аввали солҳои 70-ум, ҳатто ҳукумати Шуравиро дар таҳлука андохт ва барои гирифтани пеши роҳи ин бемориҳо моҳи сентябри соли 1976 қарори Вазорати тандурустии ИҶШС №840 «Оиди пешгирии бемориҳои рӯда ва шикам дар ноҳияҳои Восеъ, Кӯлоб ва Москва» ба тавсиб расид.

**Ҷадвали №5**

**Бемориҳои рӯда ва шикам дар се моҳи соли 1976 дар муқоиса бо соли 1975**[207]

| Ноҳия | Ба қайд гирифта шуд | | Ба беморхона ирсол шуд | | | | Ташхиси обпартояк гузашт | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1975 | 1976 | 1975 | % | 76 беморхона | %97 | 1975 | % | 1976 | % |
| Восеъ | 46 | 37 | 30 | 62,2 | 16 | 43,2 | 42 | 91,3 | 30 | 98,0 |
| Данғара | 27 | 14 | 14 | 51,8 | 8 | 57,1 | 25 | 92,6 | 3 | 21,4 |
| Кӯлоб | 63 | 36 | 63 | 100 | 33 | 91,9 | 63 | 100 | 36 | 100 |
| Ленинград | 12 | 27 | 10 | 83,3 | 24 | 89,0 | - | - | 5 | 18,5 |
| Москва | 53 | 79 | 47 | 88,6 | 74 | 93,6 | 53 | 100 | 59 | 74,6 |
| Фархор | 46 | 50 | 37 | 80,4 | 45 | 90,0 | 42 | 91,3 | 40 | 80,0 |
| Панҷ | 20 | 53 | 2 | 55,0 | 44 | 83,0 | 15 | 75 | 34 | 61,8 |
| Совет | 20 | 24 | 8 | 40,0 | 7 | 29,1 | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ дар вилоят | 287 | 320 | 220 | 76,6 | 251 | 78,4 | 240 | 83,6 | 208 | 65,0 |

Ҷадвали дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ, бемориҳои шикам ва рӯда дар соли 1976 нисбат ба соли 1975 33 ҳодиса зиёд шудаанд (11.5%). Бо мақсади пешгирии бемориҳои рӯда ва шикам

[207]БДВХК- Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.- Л.76

соли 1977 дар тамоми чарогоҳҳои Данғара чораҳои пешгирии бемории язваи сибирӣ амалӣ шуд.[208]

Дар чор моҳи аввали соли 1979 дар вилоят 462 ҳодисаи бемориҳои шикаму рӯда ва дар чор моҳи аввали соли 1980 бошад 264 ҳодисаи бемориҳои шикаму рӯда ба қайд гирифта шуд. Аз ин бармеояд, ки дар вилоят шумораи бемориҳо дар давоми як сол паст шуданд. Аммо дар баъзе ноҳияҳо сатҳи ин бемориҳо баланд гардид. Дар ноҳияи Кӯлоб, масалан сатҳи ин бемориҳо 1,1 баробар афзуд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки бештари сабабҳои сар задани ин бемориҳо бо тозагии оби ошомиданӣ алоқа доранд. Маслан, аз 24 нуқтаи об дар ноҳияи Восеъ 17 нуқта, дар ноҳияи Москва аз 22 нуқтаи об 21 нуқта ва дар ноҳияи Кӯлоб аз 10 нуқтаи оби тоза 7 нуқта ба талаботи санитарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ набуданд. Маҳлули хлор танҳо дар марказҳои ноҳияҳо ба об илова мешуд, дар деҳот бошад, ба оби ошомиданӣ маҳлули хлор тамоман илова намешавад.[209]

Дар баробари корҳои табобатӣ, инчунин диққати зиёд ба корҳои пешгирии бемориҳо дода мешуд, ки як қисми муҳими ин чорабиниро диспансеризатсияи аҳолӣ дар бар мегирифт. Барои наврасон ва шаҳрвандони то 17 сола дар назди дармонгоҳҳо кабинетҳои наврасон амал мекарданд. Дар охири соли 1970 кори дармонгоҳҳо аз ҳисоби кабинети наврасон васеъ гардид. Чунин кабинетҳо дар тамоми ноҳияҳо кушода шуданд. Вазифаи асосии онҳо ба қайдгирии беморони синну соли 14-16 сола ва назорат кардани хуруҷи бемории онҳо то расидан ба синни балоғат ба ҳисоб мерафт. Инчунин, ба ухдаи шуъбаи тандурустии вилоят ташкили системаи санитарӣ-эпидемӣ дар лагерҳои тобистона вогузор гардид.

Ин масъала, бахусус, фасли тобистон, дар давраи кори мавсимии деҳқонон дорои аҳамият буд, зеро дар ин давра волидайни кӯдакон дар

[208]БВТҲҶТ- Оиди мубориза бо бемории яраи сибирӣ дар Тоҷикистон солҳои 1977-1980 Парвандаи 64. Ф 279. Р. 21. –С. 23-27.
[209]БДВХК- Рӯйхати 2, парвандаи 39, том-1, 1980.- С. 133-136

кори сахро банд буданд. Дар соли 1976 дар вилояти Кӯлоб 400 боғчаи мавсимӣ, 10 лагери пионерӣ, 34 майдончаи саломатӣ ва як лагери санаториявӣ амал мекард.[210] Аммо дар баробари ғамхорӣ дар кори ин лагерҳо камбудиҳои зиёд ҷой доштанд. Чунончи, дар аксарияти ин лагерҳо ва боғчаҳо оби ҷӯйбор истифода мешуд. Танҳо 25 боғча дар ошпазхона яхдон доштанд ва меваю сабзавот ва шир хеле кам барои кӯдакон дар хӯрок истифода мешуданд. Аз ҳамин ва сабаби бемориҳо қариб 65% кӯдакон ба ин боғчаҳо ҳозир намешуданд.[211]

Дар нимаи дувуми солҳои 70 диққати бештар аз тарафи кормандони шуъбаи тандурустии вилоят ба бемориҳои қалб дода шуд. Ба рӯзи 1 январи соли 1976 дар қайди диспансерии вилояти Кӯлоб 1216 бемор бо паталогияи дил ва раг нишон дода шуданд. Аз он ҷумла бо тарбод 484 нафар, бо фишорбаландӣ 681 нафар ва бо дарди ишемияи дил 151 нафар ба қайд гирифта шуданд. Дар маҷмӯъ, ин теъдод 50% беморони терапевтиро ташкил мекарданд.[212] Бештари беморони дил ва рагҳоро беморони дорои фишорбаландӣ ташкил медоданд. Чунончи, дар ноҳияҳои Ленинград -50%, Москва -50%, Фархор -80%, Кӯлоб- 42%, Данғара -30%, Панҷ -30%, Совет 59%, Восеъ - 32% бемориҳои дил ба фишорбаландӣ рост омад.[213]

Ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, шуъбаи тандурустии вилоят дар якҷоягӣ бо сохторҳои соҳаи тиб, инчунин дар корҳои ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ кор мебурд. Яке аз мавзуъҳои асосии корҳои ташвиқотӣ сари вақт пешгирӣ кардани паҳншавии бемориҳои сироятӣ махсуб меёфт. Дар ин корҳои ташвиқотӣ, махсусан кормандони диспансери бемориҳои пӯст ва венерикӣ фаъолона ширкат доштанд. Дар диспансери бемориҳои пӯст ва венерикии (КВД) вилояти Кӯлоб бо нақшаи кадрҳои 19 корманд,

---

[210]СБҲҶТ - Фондии 86, рӯйхати 2, парвандаи 12.- 1976, -С. 109-112
[211]СБҲҶТ, Оиди чораҳои мубориза бо варача дар Тоҷикистон солҳои 1978-1979.- Парвандаи 363. Ф 279. – С. 18-22
[212]СБҲҶТ -Фондии 86, Рӯйхати 2, парвандаи 12.1976.- С.116-117
[213]СБҲҶТ -Фондии 86 Рӯйхати 2, парвандаи 39. том-1, 1980.- С. 139

ҳамагӣ 9 нафар табиб кор мекард. Илова ба кори диспансери вилоятӣ, ин табибон бо сафарҳои хидматӣ ба ноҳияҳои Фархор, Совет, Данғара ва Москва низ рафта ба аҳолӣ хизмат мерасониданд, зеро дар ин ноҳияҳо ҳанӯз диспансери пӯст амал намекард.[214]

Дар давоми 8 моҳи соли 1976 аз тарафи табибони диспансери касалиҳои пӯст барои аҳолӣ 81 лексия хонда шуданд ва чандин мақолаҳо дар рӯзномаҳо нашр гардиданд. Инчунин, мубориза бар зидди бемории вабо идома дошт. Дар соли 1978 дар вилояти Кӯлоб 5204 ҳолати бемории вабо ба қайд гирифта шуд, ки ин нисбат ба соли 1977 (5395) камтар буд.[215]

Инчунин, дар ин давра корҳои зиёд барои ҳар чи бештар занони ҳомила ба таваллуди кӯдак дар беморхонаҳо ҷалб мешуд. Таҳлили фавти занони ҳомила нишон дод, ки дар соли 1977 дар минтакаи Кӯлоб 9 ҳолати фавт мушоҳида шуд, аз онҳо дар шаҳри Кӯлоб -1 нафар, Фархор -1 нафар, Панҷ -1 нафар, Москва -1 нафар, Совет -1 нафар ва ноҳияи Восеъ -1 нафар рост омад.[216]

Моҳи январи соли 1979 аз тарафи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон фармоиши №57-Д «Дар бораи корҳои ташкилӣ, табобатӣ-профилактикӣ ва санитарӣ гигиенӣ дар роҳи пешгирии обпартояк дар соли 1979» бароварда шуд. Дар идомаи ин фармоиш, шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Фармоиши №29 аз 16.03.1979 баровард, ки он вазифаҳои асосии соҳаи тандурустиро дар соҳаи мубориза бар зидди бемории обпартоякро муайян намуд. Вазифаи асосии шуъбаи тандурустии вилоят дар ин самт аз эмкунии сокинони ноҳияҳои сарҳадӣ ба ҳисоб

[214]СБҲҶТ, Оиди чорабиниҳо дар самти мубориза бо вараҷа дар вилояти Кӯлоб солҳои 1978- 1979.- Парвандаи 363. Ф 279.- С. 18-22

[215] СБҲҶТ, Оиди фармоиши Вазорати тандурустии Тоҷикистон аз 1978-1979.- Парвандаи 363. Ф 279.- С. 91-94

[216]БВТҲҶТ- Бемории модарони ҷавон дар вилояти Кӯлоб дар соли 1977.- Парвандаи 66. Ф 279. Оп 21.- С.- 91-94

мерафт. Аз он ҷумла дар ноҳияҳои Фархор, Москва ва Ленинград 41 785 нафар ба эмкунӣ ҷалб гардиданд. Дар ноҳияи Москва 20233 нафар, Фархор 21552 ва ноҳияи Ленинград 1306 нафар эм карда шуданд. Дар баробари эмкунӣ, инчунин 17 лексия хонда шуд ва суҳбатҳо бо аҳолӣ доир гардида, 68 дастурамал интишор гардид.[217]

Яке аз чораҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ дар вилоят дар солҳои 1970-1980 ҷалби органҳои ҳифзи ҳуқуқ ба маҷбуркунонии беморон барои табобат гардид. Чунин чораи қатъӣ барои он зарур буд, ки баъзе аз шахсон бемории худро пинҳон карда, дар байни одамони солим вируси бемориро паҳн мекарданд. Аз ин лиҳоз 3 августи соли 1979 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор «Дар бораи табобати маҷбурии беморони сирояткунанда» баровард. Инчунин, 24 августи соли 1979 Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон қарори худро дар ин хусус ба тасвиб расонид.[218] Дар идомаи ин қарорҳо шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб, 30.09.1979 таҳти рақами 100 фармоиш дар бораи «Бистарии маҷбурии беморони сирояткунанда» баровард. Барои шахсоне, ки минбаъд аз табобати бемориҳои сирояткунанда саркашӣ мекунанд, қонунгузории давлат ҷазои ҷиноятӣ ва маъмурӣ пешбинӣ намуд. Меъёрҳои таъсиррасонии ин қонунҳо дар вохӯрии раиси суди вилоят Мелников В.В. бо сардухтурони беморхонаҳои вилоят баррасӣ гардид. Аз моҳи январ то моҳи июни соли 1980 ба судҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 42 аризаи шикоятӣ дар бораи саркашӣ аз табобат ворид гардид. Азназаргузаронии ин парвандаҳо нишон дод, ки кори органҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт фоидабахш буд.

Чунончи:

- дар ноҳияи Восеъ баъди кушодани 18 парванда 9 нафар бемор (50%) бистарӣ шуданд;

- дар ноҳияи Фархор баъди кушодани 17 парванда 15 нафар бемор (88%) бистарӣ шуданд;

---

[217] БДВХК- Рӯйхати 2, парвандаи 39, том 1.- С.77

[218] СБҲҶТ-Парвандаи 367. Ф 279. 21. 1979 . С.12-16

- дар ноҳияи Фархор баъди кушодани 7 парванда 7 нафар бемор (100%) бистарӣ шуданд.[219]

Дар солҳои 70, инчунин кори машваратӣ аз тарафи табибони вилоят бурда мешуд, ки онро, асосан, духтурони ботаҷриба амалӣ мекарданд. Соли 1978 ин машваратҳо дар 15 равия гузаронида шуданд. Дар соли 1979 бошад аз сабаби нарасидани духтурони соҳаи варзиш ва онкология шумораи равияҳо то 13 адад кам шуд. Дар давоми машваратҳо ҳар сол духтурон ба ноҳияҳо сафар карда, бо кормандони муассисаҳои тиббии деҳот маҷлисҳои машваратӣ доир мекарданд. Соли 1979 45 мутахассиси соҳаҳои гуногун ба ноҳияҳо 223 сафари корӣ ва дар 4 моҳи соли 1980 бошад, 56 сафари корӣ анҷом дода шуд. Дар давоми ин сафарҳо барои 1702 бемор машварат дода шуд, ки аз онҳо 1288 нафар дар беморхонаҳо, 414 нафар дар дармонгоҳҳо ва 120 нафар дар бунгоҳҳои тиббӣ ёрии машваратӣ гирифтанд. Аз тарафи аъзоёни комитети машваратӣ 63 лексия барои аҳолӣ ва кормандони тиб хонда шуд. Дар давоми соли 1979 танҳо баъзе аз духтурон аз уҳдаи иҷрои нақшаи кори машваратӣ набаромаданд. Масалан, нақшаи машваратӣ аз тарафи духтури бачагона -19 сафари корӣ (22,8%), акушер гинеколог 12 сафари корӣ (14,4%), уролог -14 (16,6%), эндокринологҳо -16 сафари корӣ (19%) иҷро гардид.[220]

Дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80 як қисми кори табибони вилоятро хизматрасонии тиббӣ барои чӯпонҳои кӯҳҳои дурдаст ташкил мекард. Бо ҳамин мақсад дар ҳудуди вилоят 9 маркази сайёри тиббӣ таъсис гардид, ки онҳо барои 22 нуқтаи аҳолнишин, 13 совхоз ва 8 колхоз ёрии тиббӣ мерасониданд. Аз ҷумла, аз тарафи нуқтаи тиббии сайёр 1394 кӯдаки то синни 14 сола, 1864 чӯпон ва 3880 нафар аъзоёни оилаҳои онҳо таҳти назорати тиббӣ қарор дода шуданд. Бо ҳамин мақсад барои нуқтаи

[219]БДВХК,Рӯйхати 2, парвандаи 39,-С.77
[220]БВТҲҶТ-фонди 279, рӯйхати 21, парвандаи 364. -1980.- С.145

тиббии сайёр ду мошини УАЗ -469 ва УАЗ-452, панҷ мотосикли «Урал» ва ду дастгоҳи алоқаи радио РС-5 ва РС-30 ҷудо гардид. Соли 1980 барои нуқтаи тиббии сайёр боз 4 дастгоҳи алоқа ҷудо гардид. Диққати асосии табибони нуқтаи тиббии сайёр ба чупонҳои чарогоҳҳои зимистона дода мешуд. Ба ҳисоби миёна барои ҳар як нуқтаи тиббии саёр аз 250 то 550 нафар чӯпон рост меомад. Барои осон кардани муоинаи тиббии чӯпонҳо, нуқтаҳои сайёри тиббӣ дар роҳҳои гузариши чорвои калону майда ҷойгир шуда, ҳангоми гузаштани чорво духтурон саломатии чӯпонҳоро аз назар мегузарониданд. Муоинаи тиббии подабонон ва чӯпонҳо нишон дод, ки бештари шикояти чӯпонҳоро бемориҳои системаи нафаскашӣ (39%), узвҳои ҳазми хӯрок (25,8%) ва системаи асаб (17,35) ташкил медиҳанд. Дар баробари табобат ва ташхис, инчунин эмкунии чӯпонҳо давра ба давра гузаронида мешуд.[221] Чунончи дар соли 1979-1980 эмкунии чӯпонҳо аз рӯи бемориҳои зерин гузаронида шуд:

Язваи сибирӣ - 714 нафар (93,5%)

Ревакcинасия - 1161 (89,7%)

Бруселлёз - 669 (93,4)

Ревакcинасия - 693 (72,7%)

Нағзак (Оспа) - 13 (100%)

Обпартояк - 144 (100%)

Полиомелит - 151 (100%)

БСЖ - 13 (100%)

Ҳамагӣ 3340 эмкунии профилактикӣ (84,5%) гузаронида шуд. Инчунин аз тарафи НФС 23331 суҳбатҳо оид ба тозагӣ ва қоидаҳои санитарӣ бо чӯпонҳо гузаронида шуда, 250 дидбонгоҳҳои санитарӣ

---

[221]СБҲҶТ, ҳисоботи Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар соли 1980 фонди 279, рӯйхати 21, парвандаи 369, том-1. 1980.- С. 197-199.

бо дорухонаҳо кушода шуданд.[222]

Дар соли 1979 дар ҳудуди вилоят 534 донишҷӯ дар мавсими тобистона кор ва фаъолият намуданд. Дар тартиби азназаргузаронӣ, эмкунӣ ва хизматрасонии тиббӣ барои донишҷӯён саҳми дармонгоҳи шаҳри Кӯлоб хеле калон буд, зеро аксарияти онҳо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб буданд. Дар давоми давраи аз 15 то 31 майи соли 1979 тамоми донишҷӯён аз эмкунӣ гузаронида шуданд. Эмкунӣ аз бемориҳои столбняк ва брюшной тиф гузаронида шуд. Инчунин 146 донишҷӯе, ки ба ноҳияҳои сарҳадии вилояти Кӯлоб сафар карданд, аз бемории обпартояк эм карда шуданд. Отрядҳои сохтмонии донишҷуён (ОСД) дар 13 лагер дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор ва Москва ҷойгир гардиданд. Бояд қайд кард, ки дар давоми тобистони соли 1979 дар ин лагерҳо 68 ҳодисаи бемориҳои гулӯ ва нафаскашӣ, 24 амалиёти ҷарроҳӣ ва 20 ҳодисаи барангехтани бемориҳои музмин (хронические) мушоҳида гардиданд. Ба ғайр аз кор дар отряд, табибони ҷавон ба аҳолии маҳаллӣ низ хизмати тиббӣ мерасониданд. Аз он ҷумла ба 364 нафар хизмат дар хона, 281 нафар дар бунгоҳи тиббӣ ва дар 6 ҳолати таваллуд иштирок намуданд. Инчунин онҳо дар байни аҳолӣ бо 250 лексия, 150 суҳбат бо иштироки 5000 нафар гузарониданд. Хусусияти хоси ҳамаи лагерҳо дар он буд, ки дар онҳо шароити санитарӣ-гигиенӣ дар сатҳи паст қарор дошт.[223]

Дар соли 1979 таҳти назорати тиббии кабинетҳои наврасон 96% ҷавонони синни то 17 сола қарор доштанд. Дар ноҳияи Москва ин нишондод ба 100%, дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеъ ба 99% расид. Инчунин сатҳи пешгирии бемориҳо дар давраи ташхиси умумии ҷавонон беҳтар гардид. Соли 1978-1979 аз миқдори умумии ташхисшудагон 12% бо бемориҳои гуногун ба табобат фаро гирифта ва ба гурӯҳи солим гузаронида шуданд. Дар ноҳияи Ленинград 16% ва дар ноҳияи Совет

---

[222]БДВХК, ҳисоботи шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб соли 1980 Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39. С.63-66

[223]БДВХК-Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39.-1980.-С.70

27% ҷавонон ба гурӯҳи солим гузаштанд. Аммо на дар ҳамаи ноҳияҳо ин кор дуруст ба роҳ монда шуд. Дар ноҳияи Фархор аз миқдори умумии ҷавонони синни то 17-сола (2615), танҳо 1609 нафар (61%) аз ташхиси умумӣ гузаронида шуданд. Ташхиси умумии ҷавонони то 17-сола аз кормандони ҳуҷраҳои наврасон заҳмати зиёдро талаб мекард. Танҳо дар ноҳияи Совет соли 1978 маълум гардид 70% ташхисшудагон муҳтоҷи табобат мешаванд. Кори ин ҳуҷраҳо махсусан дар давраи даъват ба сафи Артиши Шуравӣ афзоиш меёфт.

Дар баъзе мавридҳо бо мақсади ба даст овардани шумораи бештар, духтурон ба хаттоиҳои дағал роҳ медоданд ва ҷавонони гирифтори бемориҳои сироятиро ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ирсол мекарданд. Чунончи, дар соли 1979 аз комисариати вилоятӣ 120 нафар даъватшуда бозпас гардонида шуд. Ташхиси тиббии ин даъватшудагон нишон дод, ки онҳо гирифтори бемориҳо буда, ба табобати ҷиддӣ ниёз доранд. Аз ин шумора 22,5% ба бемории сил мубтало буданд, ки ин аз ташхиси рентгенӣ нагузаронидани даъватшудагон дар сатҳи ноҳияро нишон медод. Аз ноҳияи Восеъ 33 нафар, аз ноҳияи Фархор 21 нафар, ноҳияи Кӯлоб 22 нафар баргардонида шуданд, ки аз онҳо 10% ба бемории сил гирифтор буданд.[224]

Дар соли 1979 хизматрасонии корхонаи шир дар вилоят беҳтар гардид. Дар ноҳияи Восеъ ҳаҷми истеҳсол ба 3000 ҳисса (портсия) дар як рӯз расонида шуд. Дар маркази ноҳия барои ошхонаи шир яхдони замонавӣ, термостат ва оташдони барқӣ ҷудо гардид. Дар шаҳри Кӯлоб бошад барои ошхонаи шир дар баробари дигар таҳҷизоти зарурӣ, инчунин мошинаи дорои яхдон ҷудо гардид, ки тавассути он маҳсулоти шири ба мизоҷон расонида мешуд. Ҳаҷми истеҳсол ба 4000 ҳисса (портсия) дар як рӯз расонида шуд.[225]

Соли 1978 дар ноҳияи Москва ошхонаи ширдиҳӣ барои кӯдакон ба истифода дода шуд, ки он ҳар рӯз дар ҳаҷми 3000 ҳисса

---

[224]БДВХК-Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39, том 1. 1980.-С.50
[225]БДВХК-Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39, том 1.-1980.-С.57-59

маҳсулоти ширӣ барои кӯдакон тайёр мекард. Дар соли аввали кушода шудани коргоҳ танҳо як нуқтаи тақсими хӯрок мавҷуд буд ва баъди як сол шумораи нуқтаҳои тақсимкунии маҳсулоти шир ба 8 нуқта расид. Дар коргоҳ намудҳои гуногуни маҳсулоти шириро тайёр мекарданд. Аз он ҷумла барои кӯдакони то сесола шаш намуди хӯроки ширӣ тайёр мешуд.

Дар ноҳияи Фархор ҳафт ошхона бо иқтидори 2800 ҳисса дар як рӯз ва дар ноҳияи Панҷ 2250 ҳисса хӯрок тайёр карда мешуд. Ин ошхонаҳо дар асоси шартномаҳои давлатӣ миёни колхозу совхозҳо ва шуъбаи тандурустии вилоят амал мекарданд. Тамоми маблағи шир ва дигар маҳсулотҳо аз ҳисоби шуъбаи тандурустии вилоят пардохт карда мешуд. Аммо дар ин роҳ низ камбудиҳо вуҷуд доштанд. Чунончи, на ҳама вақт аз тарафи колхозҳо ва совхозҳо шир сари вақт оварда мешуд. Илова бар ин, дар баъзе ошхонаҳо яхдонҳо истифода намешуданд ва маҳсулот тез вайрон мешуд.[226]

Дар роҳи пешгирии бемориҳои сироятӣ, инчунин ба соҳаи табобати дандон (стоматология) диққат дода шуд. Дар солҳои 70-ум кори табибони дандон рӯ ба афзоиш ёфт. Дар вилоят 20 кабинети духтурони дандон амал мекард, ки аз инҳо 2 тояшон дар деҳот ва боқимонда дар шаҳр ташкил карда шуда буданд. Дар ҳуҷраи духтури дандон 43 духтур ва 13 техники дандон кор мекарданд. Танҳо дар 9 моҳи соли 1976 аз хизматрасонии духтурони дандон 122526 нафар истифода намуданд, ки 10245 нафари онҳоро кӯдакон ташкил медоданд.[227] Мавзуи мубориза бар зидди бемориҳои сироятиро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ҳаминро бояд қайд кард, ки мафҳуми мубориза дар ин ҷо тасодуфӣ нест, зеро дар ин солҳо табибон ҷонфидоиҳо ва корнамоиҳои беназиреро нишон медоданд, то ки мардумро аз сар задани ҳар гуна эпидемияи бемориҳои сироятӣ эмин нигоҳ доранд.

Барои меҳнати бошуҷоати духтурон дар ин роҳ соли 1974 ду

[226]БДВХК-Фонди 86, рӯйхати 2, парвандаи 39, -1980,С.12-14
[227]СБҲҶТ-Фонди 279, парвандаи 12, рӯйхати 21, 1976.- С.195-198

нафар табиби вилоятӣ бо унвони олии «Духтури хизматнишондодаи Тоҷикистон» сарфароз гардида шуданд. Аз он ҷумла барои меҳнати шоён ва хидмат ба мардум табибони беморхонаи вилоятии Кӯлоб Пчелкина Екатерина Григоревна ва Олимов Ғиёсиддин – мутахассиси бемориҳои сироятӣ соҳиби ин номи баланд гардиданд.[228] Табибони вилоят тавонистанд, ки пеши роҳи паҳншавии бемориҳои сироятиро гиранд. Бояд зикр намуд, ки дар ин кор саҳми ҳамкории табибони тамоми кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ хеле баланд буд, зеро бе кумаки табибони ин кишварҳо ҳалли ин масъала барои Тоҷикистон хеле гарон меафтод.

Солҳои 70 аз тарафи олимони тоҷик як қатор тадқиқотҳо оид ба таъсири иқлими баландкӯҳҳо ба организми инсон гузаронида шуд, ки ин аввалин кӯшишҳои олимони тоҷик дар хусуси омӯзиши алоқамандии иқлим ва бемориҳои дорои характери маҳаллӣ ба ҳисоб мерафт. Соли 1974 дар шаҳри Душанбе конфронси олимони Шуравӣ доир ба таъсири иқлими баландкӯҳ ба организми инсон баргузор гардид.[229] Ҳамаи ҳамин муваффақиятҳо барои рушди минбаъдаи соҳаи тиб имкониятҳои навро фароҳам овард.

Омӯзишу баррасии масъаларо бо зикри хулосаҳои зерин ҷамъбаст бояд намуд:

- вазъияти душвори ноҳияҳо дар масъалаи беҳтар намудани ёрии тиббӣ ба кӯдакон ба он овард, ки дар назди шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб маркази координатсионӣ бо иштироки сарпедиатр, саринспектори кор бо кӯдакон байни беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои кӯдакона таъсис дода шуд;

- ҳамкории сохторҳои ҳукуматӣ дар самти таъмини соҳаи тандурустӣ бо мутахассисон аз тарафи Вазорати маориф ва Вазорати тандурустӣ дар шакли доимӣ ба роҳ монда шуд;

- хусусияти хоси ин давраро корҳои пешгирии бемориҳо ба

[228]БВТҲҶТ-Парвандаи 12. Фонди 279. Оп 21. 1974. С. 55-56
[229] Сангинов, А. Пайраҳаи олим (Путь ученого).- Душанбе, 1988 .-С.23.

монанди кори машваратӣ, тарғиби соҳаи варзиш, таъсиси бунгоҳҳои ёрии машваратӣ, таъсиси маркази сайёри тиббӣ, гузаронидани лексия, суҳбатҳо ва дигар шаклҳои кори ташвиқотӣ ташкил доданд;

- зиёд гардидани аҳолӣ таносуби зиёдшавии кормандони соҳаи тибро такозо мекард ва аз ҳамин ҷиҳат норасоии кадрҳо шакли доимӣ гирифт. Аммо ҳамаи ин корҳо характери мунтазам доштанд ва ҳукумати он давра корҳои зиёдро барои пеши роҳи паҳншавии ҳама гуна бемориҳоро гирифтан, вазъи саломатии мардумро беҳтар гардонид.

## 2.3. Рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1980-1991)

Таҳқиқи рушди тиб муайян намуд, ки он ҷузъи ҷудонопазири давлат маҳсуб меёбад, зеро ин соҳа ба ҳайси яке аз самтҳои давлатдорӣ аз буҷаи давлат вобастагӣ дорад. Ба тамоми душвориҳои давлаторӣ ва бухрони иқтисодӣ нигоҳ накарда, солҳои 80-ум соҳаи тиб ба муваффақиятҳои нав ноил гардид. Ин пешрафтҳо дар рушди соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб таъсири чашмрас гузоштанд. Дар ин давра (солҳои 1980-1991) таъмини соҳа бо мутахассисон идома пайдо кард ва проблемаи кадрҳо каму беш ҳаллу фасл гардид. Аммо проблемаҳои сар задании бемориҳои сироятӣ ҳамоно вуҷуд дошт ва дар маркази диққати кормандони соҳаи тиб меистад.

Мувофиқи маълумоти омори давлатӣ, дар системаи тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар соли 1980 миқдори коркунони соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла табибон ва ҳамшираҳои тиббӣ ба 670 нафар расид, ки аз онҳо 250 нафар табибон дорои таҳсилоти олӣ буданд. Миқдори табибони маҳаллии дорои таҳсилоти олӣ ба 727 нафар расид ва табибони соҳаи таҳсилоти миёна 2729 нафарро ташкил дод. Соли 1980

дар минтақаи Кӯлоб 49 беморхона бо 4395 кат, 41 дорухона, 10 санатория ва 25 маркази саломатӣ дар деҳот амал мекард.[230]

Мувофиқи дастури Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ аз 26.09.1976 таҳти №930 Оид ба саривақт ошкор намудани бемории табларза ва сарчашмаҳои он» кор дар ин самт дар минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон корҳои оммавӣ-ташвиқотӣ дар роҳи мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ, ба монанди табларза идома ёфт.

Дар ин давра роҳбари шуъбаи тандурустии вилоят Назиров Б.И. буд. Дар охири соли 1981 мувофиқи ахбори Назиров Б.И. дар вилоят 1млн 475 ҳазору 126 кв.м. замин аз паҳншавии табларза безарар гардонида шуд. Дар минтақаҳои осебпазир табларза - дар қишлоқҳои Порвор, Йол, Хирманҷой, Кишт, Даштиҷум дар ноҳияи Ленинград; Файзобод, Шаҳиди Бобохон, Калтачинор, Сари Мазори ноҳияи Кӯлоб; Чорбоғ, Учхоз, Обиё, Пистамазор ноҳияи Москва профилактикаи химиявии мавсимӣ гузаронида шуд. Ҳамагӣ 10247 нафар аҳолӣ аз профилактикаи химиявӣ гузаронида шуд. Дар ин давра ҳолати табларза дар ноҳияҳои Москва - 23 беморӣ, Фархор -6, Восеъ - 4 ва Ленинград -2 ҳолати беморӣ ба қайд гирифта шуд.[231]

Соли 1981 бо мақсади таҳлили вазъияти кори соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб бо фармони Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саженина И.А. ба ноҳияҳои вилоят комиссия фиристонида шуд. Мақсади асосии ин ҳайат муайян кардани кори муассисаҳои амбулаторӣ ва дармонгоҳҳо ба ҳисоб мерафт. Ба ҳайати ин комиссия Аюкавва Л.И. – сардухтури дармонгоҳи №9 ш. Душанбе, Володина В.А. – духтури дармонгоҳи шаҳри Душанбе, Ходжибеков З. - мудири дармонгоҳи бачагонаи шаҳри Душанбе ва Умарова Э.С. - ординатори беморхонаи ҷумҳуриявии №3 дохил гардиданд. Комиссия натиҷаи кори беморхонаҳои вилоятро аз назар гузаронида, қайд намуд, ки дар давоми 5 соли охир сатҳи фавти беморон аз 100,3 то 58,1 нафар паст гардид.

[230] БВТҲҶТ- Парвандаи 12. Фонди 279. Оп 21. 1974. С.78.
[231]МБДШК- фонди 8, парвандаи 49, ч. 3. 1981.- С.9-11

Комиссия барои беҳтар кардани кори соҳаи тибби вилоят таклифҳои зеринро ба Вазорати тандурустӣ пешниҳод намуд:

- Тасдиқ кардани речаи кори муассисаҳои тиббӣ аз тарафи комитети ичроияи ноҳия ва онро аз соати 8 то 20-00 бояд тасдиқ намуд. Дар рӯзҳои шанбе аз соати 9 то 18.00 ва дар рӯзи истироҳат аз 9 то 18.00 бо иштироки духтури навбатдор кор ба роҳ монда шавад.

- Кори муассисаҳои тиббӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки дар тамоми соатҳо қабули шаҳрвандон бидуни танаффуси наҳорӣ амал намояд. Кори табибон аз рӯи формаи Ф-39 ба қайд гирифта шавад.

- Шиносномаи ҳар як минтақа тартиб дода шавад. Тарбияи санитарии аҳолӣ ба роҳ монда шавад.

- Эмкунии аҳолӣ ва риояи истифодаи асбобҳои тиббӣ дуруст ба роҳ монда шавад.[232]

Чунин чораҳо интизоми соҳаро беҳтар намуда, фаъолияти кории табибон таҳти назорати қатъӣ қарор гирифта шуд, зеро на ҳама вақт духтурон нисбати вазифаи худ масъулият доштанд.

Солҳои 80 дар минтақаи Кӯлоб дар соҳаи тандурустӣ комёбиҳои назаррас ба даст оварда шуд. Соли 1981 шумораи табибони минтақа ба 679 нафар расид, ки аз ин миқдор 6 нафар номзади илми тиб ва беш аз 250 нафар дорои таҳсилоти олии тиббӣ буданд. Шумораи катҳо дар табобатхонаҳои минтақа ба 4555 дар 11 таваллудхона ба 525 шумораи маслиҳатгоҳҳо барои занон, дармонгоҳҳои кӯдакона ва бунгоҳи тиббӣ ба 45 адад расид. Соли 1983 дар минтақаи Кӯлоб 727 нафар духтур ва 2729 нафар корманди миёнаи тиббӣ, 49 табобатхонаи дорои 4395 кат, 25 бунгоҳи тиббӣ , 41 дорухона ва 10 санатория мавҷуд буд. Ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ 13,5 пизишки дорои таҳсилоти олӣ рост меомад.[233] Бояд зикр намуд, ки ин шумора нисбати давраи соли 1960 (бо нишондоди 0.8 табиб ба 10000 аҳолӣ) зиёда аз 12 маротиба афзоиш ёфт (9.6 табиб

---

[232]МБДШК-фонди 8, парвандаи 49, ҷ 3. 1981.- С.22-29
[233]Энсиклопедия Кӯлоб соли 2006. –С.59-62

ба 10000 аҳолӣ) ва аз беҳбудӣ дар таъмини соҳа бо мутахассисон шаҳодат медиҳад.

Моҳи апрели соли 1980 диспансери вилоятии бемориҳои сил кори кабинетҳои флюорографии ноҳияҳоро аз назар гузаронд. Натиҷаи тафтишот нишон дод, ки дар тамоми ноҳияҳо штати духтур рентгенолог вуҷуд надорад. Дафтари қайди беморон дар бастаи ҳуҷҷатҳо гузошта нашудааст. Беҳтарин кори ҳуҷраи флюорографӣ дар ноҳияи Фархор ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҷо системаи бастаи ҳуҷҷатҳо ҷорӣ шудааст ва шахсони дар қайд гирифта шуда, ба диспансери бемориҳои сил фиристонда мешаванд.[234] Дар охири солҳои 70 шуъбачаҳои онкологӣ ба фаъолият оғоз намуд. Аммо аз сабаби нарасидани духтурони ин соҳа, ин корро табибони равияҳои дигар иҷро мекарданд. Табибони соҳаи онкологӣ танҳо дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Фархор ва Панҷ кор мекарданд. Духтурони ноҳияҳои Ленинград, Совет, Москва ва Восеъ то аввали соли 1980 аз курси бахши онкологӣ нагузашта буданд.[235]

Дар соли 1980 дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, таъмини соҳаи тиб бо табибон, кори тадқиқотии олимон дар роҳи дарёфт кардани намудҳои доруворӣ, беҳтар кардани шароити зисти аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби тоза, шумораи фавти кӯдакон паст гардид. Тамоми ин омилҳо аз тарафи давлат ба назар гирифта шуданд ва ин боиси ба даст овардани муваффақият дар самти паст шудани бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои кӯдакона гардид. Агар дар семоҳаи аввали соли 1979 ба 1000 нафар навзод 36,6 нафар бошад, дар семоҳаи аввали соли 1980 ин шумора то 30,2 нафар паст гардид. Беҳтар гардидани ин нишондод дар вилоят аз ҳисоби ноҳияҳои Кӯлоб ва Данғара ба даст омад. Дар ноҳияҳои Совет, Ленинград ва Фархор бошад фавти кӯдакон зиёд гардид. Чунончи, дар ноҳияи Совет агар дар семоҳаи аввали соли 1979 фавти кӯдакон аз 1000 навзод 17,4 бошад, дар семоҳаи авали соли 1980 ба 44,5 расид. Дар ноҳияи Ленинград аз 12,9 ба 19,8 ва

[234]МБДШК - фонди 86, Рӯйхати 2, парвандаи 39.-том 1.- С. 116-117
[235]БДВХК - фонди 86, Рӯйхати 2, парвандаи 39,-1980.- С.24

дар ноҳияи Фархор аз 32,8 ба 34,6 расид. Фавти кӯдакон аз сабаби муносибати хунукназаронаи духтурон рух медод. Аксари табибон барои табобати кӯдакони бемор табобати амбулаторӣ таъин мекарданд ва аз ҳамин сабаб фавти кӯдакон дар хона қисми асосии шумораи фавтидагонро ташкил медод. Дар ин замина аз шумораи умумии фавтидагон дар ноҳияи Ленинград 81%, ноҳияи Данғара 75% ва дар ноҳияи Совет 64% кӯдакон дар хона фавтидаанд. [236]

Соли 1980 шумораи катҳои табобатхонаҳои вилояти Кӯлоб ба 4255 адад расид. Дар 11 таваллудхонаи ноҳияҳо ва шаҳри Кӯлоб, баъди васеъкунонӣ шумораи катҳо ба 525 адад расонида шуд. Шумораи маслиҳатгоҳҳои занон, марказҳои саломати барои кӯдакон ва бунгоҳҳои бо табибони дорои таҳсилоти олӣ ба 45 адад расонда шуд. [237]

Аз соли 1980 Диспансери вилоятии бемориҳои пӯст ва ҷинсӣ дар шаҳри Кӯлоб 155 кат ва дар ноҳияҳо ба чунин тартиб филиалҳо кушода шуд:

- утоқи бемориҳои пӯст ва ҷинсӣ дар ноҳияи Восеъ-130 кат
- Ҳамадонӣ -50 кат;
- Фархор - 50 кат;
- Данғара - 30 кат;
- Ленинград (Мӯъминобод) - 20 кат;

Дар маҷмуъ, дар минтақаи Кӯлоб 435 кат барои беморони пӯст ва ҷинсӣ мавҷуд буда, 28 нафар духтури касбӣ ва 8 духтури серолог ба аҳолӣ хизмат мерасониданд. Дар ташкил ва хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ ба сокинони шаҳри Кӯлоб дар солҳои 1979-1980 духтурон Ставиский С.Д., Пишугин, Шугал, Фомин, Вердияров Э.З., Лаврентев И. Микусик, Гаший, Шегас Х.М, Кувшинова О.Н, Сидорова (Миронова) Н.Н., Пришепа В.С.,Кағ П.А., Федоров И. (духтури серолог), Горобег С.В., Легкий В.Н Левина Л.В., Клубникин Л.А., Амосова Р.П.(серолог), Шарипова Г.Ш., Тихонов М.А., Шарипова

---

[236]БДВХК- фонди 86, Рӯйхати 2, парвандаи 39, том 1.-1980, С.107
[237]БДВХК- Парвандаи 100, -1.-1987.- С.120

Г. саҳмгузорӣ карданд.[238]

Дар давоми солҳои 1979-1980 инчунин корҳои муайян дар соҳаи беҳтар намудани кори табобати бемориҳои қалб анҷом пазируфтанд. 22 июни соли 1979 Фармони №67 Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб «Оиди беҳтар кардани ёрии кардиологӣ ба аҳолии вилоят» ба тасвиб расид. Натиҷаи иҷрои ин фармон аз рӯи кори беморхонаҳои ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Москва ва Фархор тафтиш гардид. Тафтишот нишон дод, ки дар ноҳияи Восеъ ҳамагӣ 5 табиби соҳавии бемориҳои дилу раг кор мекард. Барои ноҳия се дастгоҳи барқии кардиологӣ ҷудо шуд, ки онҳоро дар беморхонаи ноҳиявӣ, дармонгоҳ истифода мекунанд ва бо сабаби техникӣ яке аз ин дастгоҳҳо аз кор бозмондааст.

Вазъияти беморхонаҳои вилояти Кӯлоб ва бахусус таваллудхонаҳо дар коллегияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 1980 дида шуд. Дар рафти коллегия қайд гардид, ки таъмини кадрҳо ва иморатҳо дар вилояти Кӯлоб хуб ба роҳ монда шудааст, аммо талаботи санитарӣ, таъмин бо роҳхати хоб, дар беморхонаҳои то таваллуд ва тавллудхонаҳо дар сатҳи паст қарор дошт. Чунин камбудиҳо дар ноҳияи Фархор, Восеъ, Москва, Совет ва Данғара мушоҳида мешуданд. Ҳамаи ин сабаби таваллуди кӯдакони бемор мегардид. Бинобар ҳамин, Коллегияи Вазорати тандурустӣ ба мудири шуъбаи тандурустӣ А. Ҳақназаров ва сардухтурони беморхонаҳо супориш дод, ки дар давоми солҳои 1983-84 тамоми камбудиҳоро ислоҳ намоянд. Аз он ҷумла, таъмири биноҳо, таъмин кардани беморон бо ҷиҳози хоб, либоси тоза, таъмини рушди ихтисоси табибон ва дигар корҳо бояд то моҳи майи соли1983 ба итмом расонида мешуд.[239]

Моҳи майи соли 1982 масъалаи фаъолияти корҳои санитарӣ-гигиенӣ дар муассисаҳои табобатии вилояти Кӯлоб дар коллегияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дида шуд.

---

[238] Аз суҳбат бо сардухтури беморхона вилоятии шаҳри Кӯлоб Муродов А.Р., мудири шуъба Нуриддинов А.С., (аз бойгонии шахсӣ) 8.04.2017.

[239]БДВХК- Фонди 86, парвандаи 44, 1983.-С.17

Масъалаи асосии ин кор бартараф кардани сарчашмаҳои сироятӣ дар худи беморхонаҳо ба ҳисоб мерафт. Дар вилоят ҳамагӣ дар аввали солҳои 80-ум 328 муассисаи табобатӣ-профилактикӣ амал мекарданд, ки аз онҳо танҳо се беморхона - беморхонаҳои ноҳияҳои Восеъ, Данғара ва Фархор дорои иморати замонавӣ буданд. Боқимондаи беморхонаҳо дар иморатҳои кухна ҷойгир шуда, ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд. Таъмини беморхонаҳо бо оби хунуку гарм ба роҳ монда нашудааст ва ҳатто дар иморатҳои замонавии беморхонаҳои ноҳияҳои Данғара, Восеъ ва Фархор об вуҷуд надошт. Аз сабаби нарасидани ҷой дар беморхонаҳо аз меъёр зиёд беморон ба беморхона қабул мешуданд ва майдони 1 кВ метр барои кат кам мегардид. Чунончи, дар вилоят бо меъёри 7 кВ метр барои як кат, дар беморхонаҳо ин шумора 3-4 метри кВ барои ҳар катро ташкил медод. Инчунин, талабот нисбати ҷудо кардани беморони дорои сироятҳои гуногун дар беморхонаҳо вайрон мешуд. Аз ин далелҳо фаҳмидан мумкин аст, ки ин ҳол боиси на танҳо табобат, балки сироятшавии беморон мегардид.[240] Бо мақсади беҳтар кардани кори соҳаи тандурустии мамлакат, 22 сентябри соли 1982 қарори якҷояи Комитети марказии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди ҷумҳуриҳои Шуравии сотсиалистӣ ва Шӯрои Вазирони Иттиҳоди ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) «Дар бораи беҳтар кардани вазъияти соҳаи тиб» баромад. Бо баромадани ин қарор кумак ба соҳаи тандурустӣ зиёд гардид. То моҳи январи соли 1984 дар вилоят 84 муассисаи то табобатӣ ва амбулаторӣ, 19 диспансер, 100 дорухона, 111 нуқтаи тиббӣ (фелдшерӣ) ва саломатӣ ба истифода дода шуданд. Дар давоми ин давра дар беморхонаҳо 640 кат ва қабули беморон дар дармонгоҳҳо то 1750 бемор дар як сол расид.[241]

Таъмини саломатии кӯдакон қариб, ки ҳар сол дар маҷлисҳои идораҳои давлатӣ дар сатҳҳои гуногун муҳокима мешуд. Моҳи январи соли 1983 Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии

---

[240]БДВХК-фонди 3, парвандаи 44.-1981-1983.- С.5-8
[241]БВТҲҶТ-Парвандаи 577, Рӯйхати 17, 1984.- С. 66-79

Тоҷикистон қарор «Дар бораи такмили ёрии тиббӣ барои кӯдакон»-ро қабул кард. Мувофиқи ин қарор барои 86 духтурои кӯдакона (педиатр) курсҳои такмили ихтисос дар шаҳри Душанбе ташкил карда шуд. Дар натиҷаи гузаштан аз санҷиши аттестатсионӣ 1 нафар категорияи олӣ, 21 нафар категорияи 1,15 нафар категорияи 2 гирифтанд. Аз шумораи умумии табибони кӯдакона 174 нафар мувофиқат ба ихтисосро соҳиб гаштанд.[242]

Соли 1985 қарори Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ «Оиди беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ барои шахсони гирифтори бемориҳои гулӯ, гӯш ва бинӣ» баромад. Барои вобаста ба шароити ҷумҳурӣ мутобиқ кардани нуқтаҳои асосии ин барнома, дар Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон моҳи декабри ҳамин сол низ қарор «Оиди беҳтар кардани хизматрасонӣ дар соҳаи бемориҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ» қабул гардид. Диққати асосӣ дар амалӣ кардани ин қарор ба вилоятҳо ва ноҳияҳои баландкӯҳ дода шуд, ки дар ин минтақаҳо бемориҳои гулӯ ва таъсири онҳо ба бемориҳои қалб ва раг нисбатан бештар ба назар мерасид. Аз он ҷумла, чунин бемориҳои гулӯ ба монанди ангина ва тонзиллит дар минтақаҳои кӯҳсор хеле зиёд мушоҳида мешуданд.[243]

Моҳи феврали соли 1985 қарори Вазорати тандурустии Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Оиди таъмини назорати эпидемиологӣ аз болои бемории обпартояк» баромад. Мазмуни асосии ин қарор аз он иборат буд, ки тамоми сохторҳои соҳаи тиб бояд ба ҳодисаҳои сар задании бемориҳои карантинӣ омодагӣ дошта бошанд. Дар асоси ҳамин қарор дар байни аҳолии ҷумҳурӣ 4886 лексия, 14561 суҳбат гузаронида шуда, 55 мақола ва 1144 дастурамал ба чоп супурда шуд. Аз муоинаи тиббӣ 24 781 нафар гузаронида шуд, ки аз инҳо 14824 нафар гирифтори бемориҳои шикаму рӯда буданд. Зиёда аз 4370 нафар дар ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон эм карда шуд.[244]

---

242БВТҲҶТ-Парвандаи п/р. Рӯйхати 17.- 1990.- С. 1-4
243БВТҲҶТ-Парвандаи п/р. Рӯйхати 17.- 1990.- С. 60-67
244БВТҲҶТ-Парвандаи 588. Рӯйхати 17. 1988.- С. 235-238

Моҳи январи соли 1987 Шурои тиббии вилояти Кӯлоб дар ҷаласаи якҷоя бо иттфоқҳои касабаи табибони вилоят, масъалаҳои сохтмони кори соҳаи тибро вобаста ба талаботи давраи нав - давраи дигаргунсозӣ дида баромад. Маҷлис кори табибонро ҳаматарафа таҳлил намуда, дар назди идораҳо, беморхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи тиб вазифаҳои мушаххас гузошт. Ба ин вазифаҳо аз ҷумла, инҳо дохил гардиданд:

1. Беҳтар кардани кори табибон дар самти пешгирии бемориҳо ва зиёд кардани кори профилактикӣ;

2. Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар тамоми беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои вилоят.

3. Расонидани ёрии методӣ ва машваратӣ ба духтурони деҳот, ки дар беморхонаҳо ва бунгоҳи тиббии деҳот кор мекунанд;

4. Ба назар гирифтани имтиёзҳои афзалиятноки ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва меҳнат дар давраи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ;

5. Ҷорӣ кардани методи табобати интенсивӣ бо истифода аз технология ва таҷҳизотҳои муосир дар беморхонаҳои вилоят;

6. Баланд бардоштани сифати кор ва сатҳи риояи талаботи санитарӣ-гигиенӣ дар тамоми муассисаҳои тиббии вилоят.[245]

Соли 1987 дар ноҳияҳои вилоят шуъбаи эҳёи саломатӣ ташкил ёфт, ки он вазифаи пешгирии бемориҳо ва кумак ба беморони маъюбро иҷро мекард. Дар ноҳияи Москва мудири шуъбаи эҳёи саломатӣ С. Ҳисориев таъин гардид, ки аз соли 1975 дар ҳамин беморхона кор кардааст.[246] Сол ба сол соҳаи тандурустии ноҳияҳои вилоят рушду нумӯ намуд. Дар маркази ноҳияҳо маслиҳатгоҳҳо барои занон ва модарон ба фаъолият шуруъ карданд, ки дар онҳо оид ба таъмини риояи қоидаҳои пешгирии бемориҳои кӯдакона барои модарон маслиҳатҳои муфид дода мешуд.

Таърихнигори вилояти Кӯлоб дотсент Достӣ Шариф проблемаи меҳнати занон ва сабабҳои гирифтори бемориҳо шудани занонро дар китоби худ шарҳ дода, оид ба сабабҳои он чунин менависад: «Ба ҷои он,

[245]БВТҲҶТ-Парвандаи 100. 1987.- том 1.- С.1-6
[246]Ноҳияи Москва: 50 сол. -Душанбе, «Афсона».1999.- С.106

ки рӯзноманигорон дар хусуси аҳволи вазнини маликаҳои саҳро ба тарзи объективӣ сухан ронанд, занони одию чун гул нозукро «ҳанӯз чашми субҳ» накафида ба «оғӯши пахтазори чун чаман шукуфон», вале дар асл шабнамзада (аз ин ҷо подарду, миёндарду боз касалиҳои зиёди занонаи модарони мо) ба назди говҳои чашм ба роҳашон мебурданд. Тифлакони худашон аз меҳри модарӣ маҳрум, дар боғчаҳои мавсимӣ зери назари момояки худ муҳтоҷи ёриву сарпарастӣ, сарлучу пойлуч дар даруни пасоби ҷӯйи пахта бо шиками гурусна, чашм ба роҳи модарашон буданд. Ба фавти зиёди тифлакон, безурётию атфоли норасида ва маъюбу маслуқ ба дунё овардани модарон киҳо гунаҳкоранд, лаб фурӯ мебастанд».[247]

Танҳо дар ҳафт моҳи соли 1988 аз касалиҳои гуногун 619 кӯдак аз дунё гузашта буд: аз ҷумла аз 1 сола боло - 227 нафар. Дар моҳи июли соли 1988 дар вилояти Кӯлоб фавти 160 нафар кӯдак ба қайд гирифта шуд.[248] Афзоиши фавти кӯдакон аз сабаби бемориҳои рӯда ва дарунравӣ, бахусус дар ноҳияи Фархор характери эпидемиявӣ дошт. Ба ғайр аз талафоти ҷонӣ, боз ба ноҳия 800 ҳазор рубл зарари моддӣ расонида шуд. Барои муайян кардани сабаби фавти зиёди кӯдакон ба ноҳияи Фархор комиссияи Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ омад. Аъзоёни комиссия сабабҳои бемориҳои дарунравӣ ва ангезаи гепатитро омӯхта, сабаби асосии онро дар сифати пасти оби ошомиданӣ муайян карданд. Аз 12 қубурҳои об, ки дар ҳудуди ноҳия буданд, танҳо 1 адад безарар гардонида мешуду халос.[249] Тамоми обҳои зеризаминии ноҳия бо ахлотҳои ферма ва поруҳои пахтазорҳо омехта шуда, сарчашмаи ҳамагуна бемориҳо мегардиданд. Илова бар ин дар вақти аз болои ҳавопаймо пошидани дору ва гузаронидани дефолиатсияи баргҳо, моддаҳои химиявӣ ба сокинон ва бахусус, кӯдакон таъсири манфӣ мерасонд. Вазъияти санитарӣ ва эпидемиолгии вилояти Кӯлобро таҳлил намуда, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки чунин ҳолат дар дигар

---

[247] Дости Шариф. Таърихи Хатлон.- Кӯлоб, 1989.- С.420
[248]Дости Шариф. Таърихи Хатлон.- Кӯлоб, 1989.- С.421
[249] Дости Шариф.Таърихи Хатлон.- Кӯлоб, 1989.- С.434

ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба амал меомад.

Дар соли 1984 ташхиси кӯдакон нисбати бемории сил дар Тоҷикистон ба 73,6% ва вакцинатсияи кӯдакони навзод ба 90,5% расид. Аммо дар виилояти Кӯлоб ин нишондодҳо нисбат ба сатҳи умумиҷумҳуриявӣ паст буданд. Чунончи дар вилояти Кӯлоб 86,3%, дар ноҳияи Ховалинг 77,2%, Совет -82,1%, Ленинград 85,4% ва ноҳияи Данғара – 86,6%-ро ташкил дод. Таҳлили маводҳои бойгонӣ нишон дод, ки аз соли 1980 сатҳи фавти кӯдакон рӯ ба пастӣ овард. Ҳамасола шумораи фавти кӯдакон 1,8% кам шудан гирифт. Аммо соли 1986 ин шумора танҳо ба 0,2% кам шуд ва дар соли 1987 бошад бори аввал дар давоми даҳсолаҳо шумораи фавти кӯдакон дар ҷумҳурӣ боз рӯ ба афзош овард. Чунончи соли 1987 ин рақам нисбати соли 1986 ба микдори 0,7% зиёд гардид. Шумораи фавтидагон дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Хоруғ ва Ленинобод зиёд гардид, ки дар ин ҷо беморхонаҳо ва дармонгоҳҳо ба пуррагӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин буданд. Сабаби ин ҳолат дар он буд, ки ташхиси кӯдакон дар сатҳи диспансер суст ба роҳ монда шуда буд. Сабаби дигар бошад, дар он зоҳир гардид, ки кӯдаконро баъди ташхис ба беморхона намефиристонданд ва ба хона ҷавоб медоданд. Дар чунин маврид танҳо дар вилояти Кӯлоб фавти кӯдакон дар хона 41,9% аз шумораи фавтидагонро ташкил дод. [250]

Солҳои 1986-1987 як қатор қарорҳои Вазорати тандурустии Ҷуҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, аз он ҷумла «Дар бораи пешгирии бемориҳои дарунравии шикам», «Дар бораи пешгирии бемории КОР» ва «Баланд бардоштани ихтисоси кормандони тиб» қабул гардиданд, ки онҳо кори духтурони ҷумҳуриро бояд ба сатҳи нави хизматрасонӣ мебардоштанд. [251]

Моҳи сентябри соли 1988 Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои беҳтар

[250]БВТҲҶТ-Парвандаи 588. Рӯйхати17, 1988.- С.145-154
[251]БВТҲҶТ-Парвандаи п/р. Рӯйхати 17, 1990. –С.10

кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани таъминоти моддӣ-техникии соҳаи тиб» баромад. Соли 1989 дар шаҳри Кӯлоб ҳуҷраи ташхиси ултрасадо барои занони ҳомиладор кушода шуд, ки тавассути он аломатҳои бемории кӯдак дар батни модар муайян мешуданд. Инчунин, дар тамоми вилоят ташхиси кӯдакони навзод бо методи «фенилкетонурия» ҷорӣ гардид. Дар вилоят 128 нуқтаи духтурони кӯдакон амал мекарданд, ки аз онҳо 99 минтақа дар шаҳр ва 29 минтақа дар деҳот фаъолият мекарданд. Аммо на дар ҳамаи таваллудхонаҳо кор бо талаботи замон пеш мерафт. Бисёрии катҳо дар таваллудхонаҳо холӣ мемонданд, ҳоло он, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз занон муҳтоҷи ёрии тиббӣ буда, дар хона табобат мегирифтанд. Чунончи, дар таваллудхонаи вилоятӣ аз 69 кат танҳо 45 кат истифода мешуд. Дар ноҳияи Восеъ аз 45 кат 5-кат, дар ноҳияи Москва аз 21 кат 15 кат истифода мешуданд.[252]

Афзоиши аҳолӣ дар охири солҳои 80 асри XX ва кӯчидани мутахассисон аз Тоҷикистон ба шаҳрҳои марказии Россия ба он овард, ки сатҳи хизматрасонӣ нисбат ба солҳои 70 ва аввали солҳои 80-ум дар соҳаи тиб нисбатан паст гардид.

Чунон ки аз ҷадвали поён мушоҳида мекунем дар охири солҳои 80 шумораи умумии аҳолӣ дар минтақаи Кӯлоб ба 1 млн 48 600 нафар расид.

**Ҷадвали №6**

**Аҳолии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб**
**аз рӯи ҳисобҳои оморӣ дар соли 1990**[253]

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Кӯлоб | - 189,4 ҳазор нафар |
| 2. | Муъминобод | - 81,2 ҳазор нафар |
| 3. | Восеъ | -187,3 ҳазор нафар |
| 4. | Ҳамадонӣ | -129,9 ҳазор нафар |

---
[252]БВТҲҶТ-Парвандаи п/р. Оп 17. 1990. -С. 48-50
[253] Ҳамон ҷо: -С.56

5. Фархор -144,3 ҳазор нафар
6. Темурмалик - 61,6 ҳазор нафар
7. Данғара -129,5 ҳазор нафар
8. Ховалинг -51,0 ҳазор нафар
9. Шӯрообод -47,7 ҳазор нафар
10. Балҷувон -26,7 ҳазор нафар

**Ҳамагӣ - 1 млн. 48.600 нафар**

Чунин сатҳи афзоиши аҳолӣ ва талаботи рӯзафзуни мардумро ба хизматрасонии тиббӣ ба эътибор гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим донист, ки дар шаҳри Кӯлоб силсилаи беморхонаҳои замонавӣ сохта ба истифода диҳад. Солҳои 80-уми асри гузашта зербинои аксарияти биноҳои ин силсила сохта шуданд. Аммо дар замони сиёсати бозсозии М.С. Горбачев дар фаъолияти тамоми соҳаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб як ҳолати карахтиву пастравӣ ба назар мерасид. Ҳамин тавр, дар соли 1990 дар вилоят 27 корхонаву мактабҳои тиббӣ ва 25 муассисаҳои тандурустии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ фаъолият мекарданд, ки онҳо дар ҷадвали зерин оварда шудаанд.

**Ҷадвали №7**

**Рӯйхати**
**муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар соли 1990**[254]

| № | Ному муасисаҳо | шумора |
|---|---|---|
| 1 | Райёсати тандурустӣ | 1 |
| 2 | Беморхонаи вилоятӣ | 1 |
| 3 | Маркази вилоятии СПИД | 1 |
| 4 | Маркази вилоятии саратоншиносӣ | 1 |
| 5 | Маркази вилоятии бемориҳои чашм | 1 |
| 6 | Маркази вилоятии бемориҳои пуст | 1 |

[254] МБДК-фонди 3, рӯйхати -7, парвандаи 12. -С.19.

| | | |
|---|---|---|
| 7 | Маркази вилоятии бемориҳои рӯҳӣ | 1 |
| 8 | Маркази вилоятии хун | 1 |
| 9 | Маркази вилоятии саломатии репродуктивӣ | 1 |
| 10 | Таваллудхонаи вилоятӣ | 1 |
| 11 | Беморхонаи кӯдаконаи вилоятӣ | 1 |
| 12 | Маркази вилоятии экспертизаи судию тиббӣ | 1 |
| 13 | Маркази вилоятии ғадудҳои даруна | 1 |
| 14 | Маркази вилоятии даҳонпизишкӣ | 1 |
| 15 | МНДСЭ-и вилоятӣ | 1 |
| 16 | Маркази вилоятии бемориҳои сил | 1 |
| 17 | Маркази вилоятии бемориҳои дил | 1 |
| 18 | Маркази вилоятии нашъамандӣ | 1 |
| 19 | Автобазаи нақлиёти тиббии №2 | 1 |
| | **Маркази вилоятии ташаккули тарзи ҳайёти солим** | 1 |
| 20 | Маркази вилоятии эмтаъминкунӣ | 1 |
| 21 | Маркази вилоятии барқарорсозии саломатӣ | 1 |
| 22 | Маркази вилоятии тарбияи ҷисмонӣ | 1 |
| 23 | Маркази вилоятии ташхисию тиббӣ | 1 |
| 24 | Маркази вилоятии ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона | 1 |
| 25 | Осоишгоҳи бемориҳои сили Муъминобод | 1 |
| 26 | Хатлонфармағия | 1 |
| 27 | Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб. | 1 |
| | **Муассисаҳои тандурустии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ** | |
| 1 | Тавллудхонаи шаҳрӣ | 1 |
| 2 | Беморхонаи сироятӣ | 1 |
| 3 | Маркази саломатии №1 | 1 |
| 4 | Маркази саломатии №2 | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 5 | Маркази саломатии кӯдакона | 1 |
| 6 | Маркази ёрии таъҷилӣ | 1 |
| 7 | Маркази бемориҳои сил | 1 |
| 8 | Маркази ташаккули тарзи ҳайёти солим | 1 |
| 9 | Маркази СПИД | 1 |
| 10 | Маркази эмтаъминкунӣ | 1 |
| 11 | Маркази тропикӣ | 1 |
| 12 | Маркази солимии репродуктивӣ | 1 |
| 13 | Маркази тибби оилавӣ | 1 |
| 14 | МНДСЭ | 1 |
| 15 | Маркази стоматологӣ | 1 |
| 16 | ноҳияи Кӯлоб | 1 |
| 17 | ноҳияи Данғара | 1 |
| 18 | ноҳияи Балҷувон | 1 |
| 19 | ноҳияи Ховалинг | 1 |
| 20 | ноҳияи Темурмалик | 1 |
| 21 | ноҳияи Ҳамадонӣ | 1 |
| 22 | ноҳияи Фархор | 1 |
| 23 | ноҳияи Восеъ | 1 |
| 24 | ноҳияи Шӯрообод | 1 |
| 25 | ноҳияи Мӯъминобод | 1 |

Чунон ки аз ҷадвалҳои дар боло овардашуда бармеояд, ба шумораи зиёди муассисаҳои тиббӣ ва мактабҳои тиббӣ нигоҳ накарда, сатҳи афзоиши аҳолӣ талаботи мардумро ба хизматрасонии тиббӣ зиёд гардонид. Илова бар ин, эҳтиёҷ ба кушодани шуъбаҳои нави тиббӣ дар беморхонаҳо пеш омад, аммо бо сабаби нарасидани мутахассисон ин шуъбаҳо фаъолият намекарданд.

Моҳи майи соли 1990 Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дастурамал «Оиди ҳолат ва чораҳои иловагии муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ дар роҳи паст кардани соатҳо бемории кӯдакон дар соли 1990» баровард. Аммо пастшавии сатҳи зиндагии мардум дар аввали солҳои 90-ум сатҳи инкишофи соҳаи тибро низ коста гардонид. Сатҳи фавти кӯдакон соли 1989 46,7 нафар ба 1000 навзод ва дар соли 1990 (9 моҳ) 39,2 нафар аз 1000 навзодро ташкил намуд. Фавти кӯдакони соли дуввуми зиндагӣ дар соли 1989 34,4 ва дар соли 1990 32,4 нафар ба ҳар 1000 кӯдакро ташкил мекард. Дар 9 моҳи соли 1990 фавти кӯдакон дар хона 49,6% -ро ташкил дод.[255]

Дар нимаи дувуми солҳои 80 давлати Шӯравӣ ба буҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодӣ дучор гардид, ки он бо эълон шудани бозсозӣ ва ислоҳотгароӣ дар мамлакат алоқамандӣ дошт. Соҳаи тиб ҳамчун як қисми хоҷагии халқ аз таъсири ин равандҳо дар камар намонд ва нишонаҳои ин бухрон дар сохторҳои табобатӣ ба мушоҳида мерасиданд. Яку якбора таъмини беморхонаҳо бо хӯрок, мол ва таҳҷизот коста гардид. Бо сабаби баланд шудани нархҳо ва қисман озод шудани нарх, маблағи аз тарафи давлат ҷудо гардида, барои таъмини беморхонаҳо бо маҳсулоти ғизоӣ намерасид. Бо ҳамин сабаб қисми маблағи беморхонаҳо истифода нагардид, маҳсулот дар бозорҳо ва мағозаҳо набуд. Чунончи дар ноҳияи Кӯлоб- 9,9 ҳазор, ноҳияи Фархор - 2217 рубл истифода нашуд. Танҳо дар ноҳияи Москва дар соли 1986 маҳсулоти гӯштӣ – 12,1 тонна, моҳӣ - 20 тонна, маска - 400кг, картошка 70,3 тонна, сабзавот -46,3 тонна камомад шуд. Чунин аҳвол нимаи аввали соли 1987 идома пайдо кард.[256]

Албатта роҳбарони онвақтаи шуъбаи тандурустии вилоят тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медоданд, то ки таъминоти беморхонаҳоро беҳтар намоянд, аммо ин талошҳо дигар фоида намедоданд. Буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ сол аз сол аҳволи соҳаро бадтар гардонид. Дастур ва қарорҳои

---

[255]БВТҲҶТ-Парвандаи п/р. Рӯйхати 17. 1990.- С. 43-45
[256]БВТҲҶТ- Парвандаи 100, -1.1987.- С.120

вазорати тандурустии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дигар ба ҷумҳуриҳо намеомад, зеро дар шароити нави хоҷагидорӣ, вақте ки тамоми соҳаҳо ба шакли идоракунии худтаъминкунӣ гузаштанд, системаи маҷбурсозии маъмурӣ дигар аҳамият надошт. Беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва умуман тамоми системаи тандурустӣ дар тамоми зинаҳо аз таъсири давлат берун гардид ва ин ба вайроншавии низому қоидаҳо дар дохили соҳа овард. Аммо ин омил ба пурра қатъ гардидани кори табибон наовард ва онҳо фаъолияти худро ба шароити нав мутобиқ карданд, то ки ба мардум хидмат расонанд.

Баъд аз пош хӯрдани давлати абарқудрати Шуравӣ, соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон гардид. Тамоми душвориҳои рӯи кор омадаро ба назар гирифта, Ҳукумат лозим донист, ки дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ ва тайёр кардани табибони баландихтисос тағйиротҳое дарорад, ки онҳо ҷавобгӯи стандартҳои чаҳонӣ бошанд. Барои амалӣ шудани ин мақсад, дар баробари донишкадаҳои дигар соҳаҳои илму фан, донишкадаи тиббӣ низ ба донишгоҳ табдил дода шуд.

Ташаббуси олимони тоҷик доир ба ташкил кардани факултети тиб дар назди Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар солҳои аввали истиқлолият яке аз роҳҳои пешгирии аз сари нав дучор гардидан ба норасоии кадрҳо буд. Дар натиҷаи беҳтар шудани шароитҳои меҳнатии коркунони соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб баъзе табибоне, ки дар солҳои 90 ба корҳои дигар гузашта буданд, боз ба табобатхонаҳо баргаштанд.

Дар ҷамъбасти ҳамин зербоб оид ба рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1980-1991 гуфтан зарур аст, ки проблемаҳои паҳншавии бемориҳои сироятӣ ҳамоно дар мадди аввали диққати кормандони соҳаи тиб қарор дошт. Миқдори табибони маҳаллии дорои таҳсилоти олӣ ва шумораи табибони минтақа афзоиш ёфта, дар ноҳияҳо дастгоҳҳо ва асбобҳои

техникии тиббӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Инчунин, марказҳои маслиҳатӣ-машваратӣ барои модарон ва занон ба фаъолият шуруъ карданд, ки дар онҳо сабабҳои асосии сар задани бемориҳоро ташвиқ мекарданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ифлосшавии обҳои зеризаминии ноҳияҳо, пошидани доруҳои химиявӣ ва гузаронидани дефолиатсияи баргҳо, вазъияти санитарӣ ва эпидемиолгии вилояти Кӯлобро дар он давра боз ҳам бухронпазир намуданд.

Аммо ба тамоми душвориҳои соҳа нигоҳ накарда, дар маҷмуъ, инкишофи соҳаи тиб дар солҳои 1970-1980 имкон дод, ки сатҳи хизматрасонии тиббӣ, таъсиси шуъбаҳои нав, сохтмони касалхонаҳо ва омода кардани мутахассисон ба сатҳи боз ҳам баландтар бардошта шавад. Маҳз дастовардҳои солҳои 1970-1990 пояи тибби замони истиқлолият гардиданд, зеро дар ин давра аксарияти тадқиқотҳои соҳаи тиб дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон ба анҷом расида буданд.

Сиёсати дохилии давлати Шӯравӣ ва характери иҷтимоии ин давлат имкон доданд, ки ҳатто дар солҳои душвори 80-90-уми асри XX, вақте ки давлатро бухрони саросарӣ фаро гирифта буд, дастгирии соҳаи тибро дар мадди аввал қарор диҳад. Муҳим будани ин соҳаро барои давлат ва аҳолӣ ба назар гирифта, ҳукумати Шуравӣ интизоми кории соҳаи тиб, таъмини захиравӣ ва молиявии онро дар зери назорати доимӣ нигоҳ медошт. Аммо таҷрибаи таърихи тибби замони Шӯравӣ нишон дод, ки бо сабабҳои номбаршуда, ҳамкории ин соҳа бо илм ва технология ҳанӯз ба талаботи замон ҷавобгӯ набуд ва сабабҳои инро мо, пеш аз ҳама, дар бесарусомониҳои сиёсӣ ва сиёсати дохилии роҳбарони он даврai давлати Шуравӣ мушоҳида мекунем, ки давлатро ба парокандагӣ оварда расонид.

## 2.4. Саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқи соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб нишон дод, ки дар давоми солҳои давлатдории Шӯравӣ ва дар замони Истиқлолият дар ин минтақа на танҳо масъалаи таъмини соҳаи тандурустӣ бо мутахассисон ҳал гардид, балки аз миёни онҳо олимони варзидаи соҳаи тиб баромаданд, ки дар рушди илми тиб саҳми босазо гузоштанд. Маҳз муайян кардани саҳми зодагони вилоят дар рушди тибби минтақаи Кӯлоб, яке аз вазифаҳои тадқиқоти мазкур ба шумор меравад ва дар ин зербоб мо оид ба ҳамин масоил андешаронӣ намуда, хулоса ва бардоштҳои хешро пешниҳод менамояд. Муҳимияти ин раванд дар он аст, ки таъмини пурраи соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ на танҳо базаи рушди соҳаи тибро таъмин кард, балки стратегияи минбаъдаи соҳаи тиб ҳамчун илм муайян гардид.

Дар ин зербоб мо қарор додем саҳми олимонро дар рушди илми тиб таҳқиқ намоем ва лозим шуморидем, ки аз давраи хронологии рисола берун баромада, роҳи паймудаи олимони тоҷикро аз лаҳзаи саршавии тадқиқотҳои онҳо то ба дараҷаи муваффақиятҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Муаллифони китоби «Таърихи мухтасари тиб» пойдоршавии иқтидори илмӣ ва инкишофи тибби тоҷикро ба чор давра тақсим намуданд:

1) 1924-1938 - замони бунёди заминаи инкишофи соҳаи тиб;

2) 1939-1950 – давраи таъсиси аввалин донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии соҳаи тиб ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани мутахассисони баландихтисоси соҳаи тиб;

3) 1951-1975 қадами аввалини олимони тоҷик ба илми тиб, дифои рисолаҳо ва тадқиқотҳои илмӣ;

4) 1976-1992 - мустақилияти пурраи илми тиб дар Тоҷикистон ва таъсиси марказҳо ва Академияи илмҳои тиб ва барпо намудани

муносибатҳои байналмилалӣ миёни табибони тоҷик ва табибони кишварҳои хориҷӣ.[257]

Бартарии олимони тоҷик нисбати олимони дигар ҷумҳуриҳо дар он буд, ки онҳо шароит ва сабабҳои сар задании бемориҳоро беҳтар медонистанд. Аз ҳамин лиҳоз, бештари тадқиқотҳо маҳз ба бемориҳои дорои хусусияти маҳаллӣ дошта, бахшида шуданд. Ба ин бемориҳо, пеш аз ҳама, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои кӯдакон, занон ва бемориҳои дарунӣ дохил мешуданд. Аммо дар солҳои минбаъда олимони минтақаи Кӯлоб ба омӯзиши соҳаҳои гуногуни тиб ворид гардида, тадқиқотҳои гуногунро роҳандозӣ намуданд. Ба қатори олимони машҳури соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб, бешубҳа, Файзуллоев Нусратуллоро дохил кардан мувофиқи мақсад аст.[258] Файзуллоев Нусратулло дар қатори аввалин олимони тоҷик, ки қадам ба илми тиб гузоштанд, мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Мавсуф аввалин тадқиқотҳои худро ба бемориҳои инфексионӣ бахшид ва дар ин самт беш аз ҳама, бемориҳои кӯдаконро мавриди таҳқиқ қарор дода буд. Хизматҳои вай барои илми тиб на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он шуҳрат пайдо намуданд.

Соли 1991 яке аз китобҳои Файзуллоев Нусратулло дар мавзуи бемориҳои кӯдакон дар шаҳри Смоленски давлати Русия аз чоп баромад.[259] Дар солҳои 2000 Файзуллоев Нусратулло барои ҷорӣ намудани тибби оилавӣ, ки он талаботи замон ба ҳисоб мерафт, таклифҳо ва пешниҳодоти зиёдеро ба миён гузошт, ки натиҷаи ин

---

[257] Исҳоқи, Ю.Б., Тоҷиев, Я.Т. Таърихи мухтасари илми точик.- Душанбе, 1993. - С.120.

[258]Файзуллоев, Н. дар мавзуи тиб рисолаи номзадӣ (1975), рисолаи доктори (1993), унвони илмии дотсентӣ (1990), профессорӣ (1999) гирифтааст. Бо қалами Н. Файзуллоев 100 мақолаҳои илмӣ, 3 китоб оиди касалиҳои зардпарвини атфол (гепатити В ва делта) навишта шудааст. Таҳти роҳбарии у ду нафар рисолаи докторӣ ва 5 нафар рисолаи номзадиро ҳимоя кардаанд. Дотсенти кафедраи бемориҳои сироятии атфол (1990-92), декани факултаи педиатрӣ (1993-96), ноиби ректор оид ба корҳои таълим (1996-2000), ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-03) ва вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003-07).; Гадозода, Х.А. Комусномаи Айн. –Душанбе, 2011. -С.323

[259] Файзуллоев, Н. Факторы риска у больных детей с хирургическими патологиями.- Смоленск, 1991.

тадкикотхо дар яке аз китобхои устод дарҷ гардидаанд.[260]

Дар рохи таҳқиқи илми тиб, инчунин саҳми зодаи ноҳияи Совет Қурбонов Каримхон Муродович хеле калон аст. Вай фаъолияти кории худро ҳамчун духтури одӣ дар беморхонаи вилоятии шаҳри Кӯлоб оғоз намуд ва бо мақсади идома додани кори тадқиқотӣ ба Ҷумҳурии Украина сафар кард. Дар ин ҷо вай аввал рисолаи номзадӣ ва баъдтар рисолаи доктириро дифоъ мекунад ва соҳиби унвони профессор мегардад ва солҳои 2003-2005 дар вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии тиббӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино кор мекунад.

Қурбонов Каримхон Муродович муаллифи 170 кори илмӣ, аз ҷумла 53 мақола, 11 тавсияи методӣ ва 3 монография мебошад ва 44 пешниҳоди навоварӣ дорад. Зери роҳбарии Қурбонов Мурод 4 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя кардаанд. Хидматҳои вай ҳатто дар сатҳи умумиҷаҳонӣ пазируфта шудаанд. Соли 1997 Қурбонов Мурод ҳамчун узви фахрии Ассотсиатсияи ҷарроҳон ба номи Н.И. Пирогов ва соли 1998 ҷарроҳони ҷигари ИДМ интихоб мешавад. Барои хидматҳои бузурги худ Қурбонов Мурод соли 2001 аз тарафи Ҳукумати Украина бо дипломи Академияи байналмилалии «Бахти тиллоӣ» ва медали Георгий сарфароз гардонида шуд.[261]

Олими шинохтаи соҳаи тибби тоҷик Пиров Абдулло яке аз ташаббускорон дар таъсиси Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Данғара, раиси Комиссияи экспертии тиббии меҳнатии байниноҳиявӣ буда, дар ташкили чандин шуъба (эҳё, ҷарроҳӣ, бемориҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ), беморхонаи қитъавӣ дар Марказӣ тиббии шаҳри Душанбе саҳми арзанда дорад. Пиров А. муаллифи 8 асари илмӣ, аз ҷумла 1 рисола мебошад. [262,263]

Табиб Олимов Раҳматулло оид ба табобати гӯш ва шунавоӣ 12 кори

---

[260] Файзуллоев, Н. Справочник семейного врача по детским инфекционным заболеваниям.- Душанбе, 2006.
[261] http\\www.Китобхонаи электронии ДДТТ.- Душанбе ,-2019 Санаи мурочиат: 20 январи соли 2020
[262] Пиров, А. Особенности циркуляции вируса К-КГЛ в РТ /канд…мед..наук.- 14.00.30.Душанбе,2005.Диссеркат.сом.- Санаи мурочиат: 20 январи соли 2020
[263] Гадозода, Х.А. Комусномаи Айн. Душанбе, 2011. -С.323

илмӣ офаридааст, ки ҳар яке аз онҳо навоварии илмӣ мебошанд ва аз тарафи олимони тоҷик ва хориҷи кишвар баҳои баланд гирифтаанд. Олимов Раҳматулло дар мавзуи «Сабаби ногаҳонӣ паст шудани шунавоӣ ва сарчархзании марбут ба аллергия» рисолаи номзадӣ навишта, соли 1992 дар шаҳри Тошкент бо муваффақият ҳимоя намуд. Дар давоми солҳои дароз Олимов Раҳматулло доир ба дардҳои гӯш, бинӣ ва гулӯ тадқиқотҳо гузаронида, сабабҳо ва роҳҳои пешгирии ин бемориҳоро дар китобҳои худ инъикос кардааст.[264.265]

Яке аз самтҳои душвортарин дар соҳаи тибби муосир ин гузаронидани ҷарроҳӣ дар системаи асаби инсон мебошад. Дар ин самт аз тарафи Аладуст Ҷобулов тадқиқотҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Ҷобулов А. соли 1990 рисолаи номзадиашро дар шаҳри Москва ҷамъбаст ва дифоъ намудааст.[266] Омӯзиши системаи асабро идома дода, соли 2004 рисолаи докториашро дар мавзуи: «Ҷарроҳии мағзи сар ва асаб аз яроқи оташфишон» дар Донишкадаи ҷарроҳии асаби Академияи илмҳои тибби шаҳри Москва ба дифоъ расонид. Ӯ муаллифи чандин рисолаҳои илмӣ ва дастурамалҳои таълимию усулӣ буда, соҳиби унвонҳои «Духтури дараҷаи олӣ» ва «Аълочии тандурустии Тоҷикистон» мебошад.[267]

Гулов Маҳмадшоҳ духтури ҷарроҳ, номзади илми тиб, духтур-ҷарроҳи шуъбаи ҷарроҳии умумии Беморхонаи вилоятии №2-и шаҳри Кӯлоб, ординатори клиникӣ ва духтури шуъбаи ҷарроҳии умумии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, ассистент ва корманди илмии кафедраи ҷарроҳӣ, муаллифи 42 асару мақолаҳои илмист, ки дар

---

[264] Олимов, Р. Бемориҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ.- Душанбе, 2010.

[265] Гадозода, Х.А. Қомусномаи Айн. –Душанбе, 2011. -С.319

[266] Чобулов, А. Диффузное аксиональное повреждение головного мозга.- автореф.канд..мед..наук.- 14.00.30. -Москва,1990.

[267] Чобулов, А. Диагностика и лечение огнестрельных ранений черепа и головного мозга: монография /А.Чобулов//, -Душанбе, 2001. -86с.; Чобулов, А. Актуальные вопросы педиатрии, Материалы Первой научно-практической конференции педиатров Согдийской области. - Хуҷанд, 2006.-342с.; Курси махсус аз ҷарроҳии асаб. –Душанбе, 2009.-132с.; Чобулов, А. Ливатсев, И.И. Мухторов, Х. Асосоҳои ҷарроҳии системаи асаб. –Душанбе, 2009.- 170с.

маҷалаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Украина, Беларуссия ва Узбекистон ба табъ расида, яке аз муаллифони дастуруамал барои донишҷӯён ва табибони ҷарроҳ мебошад.[268]

Олими тоҷик Даминова Нигина Маҳмадовна дар таҳқиқоти бемориҳои дарунӣ саҳми чашмрас гузошта, соли 2012 рисолаи доктириро дар мавзуи «Ташхис, пешгирӣ ва ҷарроҳии бемориҳои талха» дифоъ намуд. [269]

Дар масъалаи тайёр намудани кадрҳо барои соҳаи тиб дар Тоҷикистон рисолаи табиби шинохта, Гадоев Бахшибек нақши муаян дорад. Гадоев Б. дар рисолаи номзадии худ системаи таёрии кадрҳои соҳаи тибро таҳлил намуда, махсусан муҳимияти омӯзишгоҳҳои тиббиро қайд менамояд. Вай аз нуқтаи назари илмӣ барномаи такмили ин омӯзишгоҳҳоро таҳлил намуда, роҳҳои беҳтар кардани таёрии кадрҳои зинаи миёнаро барои тибби Тоҷикистон нишон медиҳад.[270]

Олими соҳаи тиб Меҳмонов Пиримқул дар мавзуи «Таъсири манфии садамаи Чернобил ба организми инсон ва бемориҳои радиатсионӣ» тадқиқот анҷом дода, рисолаи номзадиро дифоъ намуд.[271] Ин тадқиқоти олими ҷавон барои табобати ҳазорҳо нафар маъюбони садамаи Чернобил имконият фароҳам овард, зеро то ин дам мавҷудияти баъзе аз бемориҳои Чернобил ва алоқамандии онҳо бо садамаи радиатсионӣ аз тарафи баъзе олимон рад мешуданд.

Дар соли 1997 олими тоҷик Ҳабибулло Ибодов рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Муолиҷаи бемории эндобронхит дар кӯдакони мубталои бемориҳои фасодноки шуш»-ро ҳимоя кард. Дар давоми солҳои минбаъда вай тадқиқотҳои худро давом дода, соли 2003 ҳимояи рисолаи доктор дар мавзуи «Бемориҳои музмини фасодники шуш дар

---

[268] Энсиклопедияи Кӯлоб. –Душанбе, 2006. –С.149
[269] www // http // search rsl.ru Санаи мурочиат: 20 январи соли 2020
[270] Гадоев, Б. Научное обоснование системы подготовки среднего медицинского персонала в условиях реформирования здравоохранения РТ.- Автореф. Дисс…канд..мед..наук.- 14.00.33.-М.2006.- 26 с.
[271] Гадозода, Х.А. Комусномаи Айн. –Душанбе, 2011. -С.282

кӯдакон» дифоъ кард. Моҳи апрели соли 2009 соҳиби унвони профессор гардид. Муаллифи зиёда аз 100 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 дастурамали таълимӣ мебошад. Инчунин 2 китоби дарсии ӯ дар мавзуъҳои «Анестезиология ва реаниматология» ва «Анатомияи одам» (ба забони тоҷикӣ) омодаи чоп мебошанд. Мақолаҳои илмиаш дар маҷаллаҳои тиббии Тоҷикистон ва маҷмуаи маводҳои конфронси байналмилалии ҷарроҳони кӯдакона, ки дар шаҳри Москва ва Винитси Украина баргузор шуда буданд, ба табъ расиданд. Аз соли 2009 аъзои пайвастаи Академияи тиббию техникии Федератсияи Русия мебошад.[272]

Инчунин Аламхон Ахмедов дар соҳаи ҳифзи саломатии кӯдакон, бахусус доир ба қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ тадқиқот гузаронидааст. Дар ин самт Аламхон Ахмедов ба натиҷаҳои хуб даст ёфт. Соли 1996 доир ба қоидаҳои санитарӣ ва таъсири онҳо ба саломатии кӯдакон рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.[273] Дар рисолаи худ Ахмедов А. проблемаи афзоиши бемориҳои сироятиро дар солҳои 90 хотирнишон ва илова мекунад, ки дар соли 1993 ҳодисаҳои фавти кӯдакон нисбат ба соли 1990 15% афзуд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ сатҳи фаъолияти соҳаи тандурустӣ паст гардид.[274]

Ахмедов А. дар вазифаи муовини мудири шуъбаи тандурустии вилояти Хатлон адои вазифа намуд. Солҳои 1990-1992 муовини вазир ва солҳои 1992- 2003 вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.[275] Аз моҳи июни 2003 ректори Донишкадаи такмили ихтисоси баъди дипломии кормандони тибби Тоҷикистон мебошад. Муаллифи зиёда аз 200 асар, мақола ва дастурамалҳо, аз ҷумла 9 монография мебошад. Барои

---

[272] 60 солагии Академияи илмҳои тибби Росия (60 лет Российской Академии медицинских наук). Москва, 2004. - С.78

[273] Ахмедов, А. Социально-гигиеническое состояние здоровья детей Таджикистана.- автореф. Диссер…канд…мед…наук.-14.00.33. –Москва, 1996.- 20с.

[274]Ахмедов, А. Социально-гигиеническое состояние здоровья детей Таджикистана.- автореф. Диссер…канд…мед…наук.-14.00.33. –Москва, 1996.- 20 с.

[275]Аз суҳбат бо табиб, собиқ Вазири тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламхон Ахмедов 28.06.2017.

дастовардҳои намоён дар соҳаи тандурустии кишвар ва пешгирии бисёр беморихои гузаранда ва дар татбиқ намудани навгониҳои тиббӣ муосир ӯро соли 2000-ум ҳамчун узви вобастаи Кумитаи доимии қисмати Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ интихоб намуданд. Солҳои 2001-2002 ба ҳайси ҷонишини раиси Кумитаи доимии қисмати Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ фаъолият кард. Соли 1996 рисолаи номзадӣ ва соли 2000 рисолаи докториро дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия ҳимоя кард. Соли 2001 соҳиби унвони профессор шуд. Дар зери роҳбарии ӯ 20 нафар рисолаи номзадӣ ва 4 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуданд. Аз тарафи Ахмедов А. чандин китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ ва илмӣ навишта шуданд.[276]

Доир ба табобати бемориҳои кӯдакона тадқиқоти олими тоҷик Шарифов А. бахшида шудааст. Шарифов А. соҳаи ҷарроҳии системаи нафаскашии кӯдаконро тадқиқ намуд дар ҳамин мавзуъ рисолаи номзадиро навишта, соли 2013 онро дар шаҳри Москва бо муваффақият дифоъ намуд.[277] Азбаски саломатии кӯдакон дар бештари мавридҳо аз саломатии модарон вобастагӣ дошт, тадқиқотҳо дар соҳаи ҳифзи саломатии модарон низ дар мадди назари олимони тибби тоҷик меистод. Соли 2007 рисолаи номзадии С. Ғариматова дар мавзӯи «Зоҳиршавии тағйиротҳои асабӣ дар ҳолати хунравии мавриди таваллуди занҳои мубталои норасоии шадиди гурдаҳо» дифоъ гардид.[278]

---

[276] Анатомияи одам.-Д., 1997, Грюзотоксин- Д., 1997, Тандурустии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира ва самтҳои асосии такмили он.- Д., 2002, Фарҳанги тиббии русӣ-тоҷикӣ- англисӣ- Д., 2006, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2005- Д., 1996.

[277] Шарифов, А. Хирургическое лечение приобретенных и врожденных заболеваний легких у детей в РТ.- автореф.диссер…канд…мед…наук.- 14.00.33. –Москва, 2013.- 18с.

[278]Ғариматов, С. аз соли 2001 вазифаи директори Маркази хусусии хуфият ва аз навбаркароркуниро ба зимма дорад. Солҳои 1983-1995 асистенти кафедраи бемориҳои сироятии шаҳри Душанбе. Аз соли 1995 вазифаи сардухтурии Беморхонаи клиникии бемориҳои сироятии шаҳри Душанберо ба уҳда дорад. Аз соли 1981 сармутахассиси бемориҳои сироятии Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе аст. Муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илми мебошад, ки онҳо дар маҷаллаҳои тиббии Тоҷикистон ба табъ расида ба пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ бахшида шудаанд. Меҳнатӣ пурзаҳматаш бо унвонҳои «Духтури дараҷаи олӣ», «Аълочии

Дар самти муолиҷаи бемории кӯдакона, асабшинос номзади илми тиб Шехов А.Ҷ., ки дар дорухонаи №72 ноҳияи Восеъ ба ҳайси дорусоз кор кардааст, саҳми калон дорад. Фаъолияти кориашро ҳамчун духтури ҷарроҳи кӯдакона дар ноҳияи Совет оғоз намуда, курси пурраи ординатураро дар кафедраи ҷарроҳии кӯдаконаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино солҳои 1991-1993 гузашта, ба ҳайси ординатори беморхонавӣ дар шуъбаи кӯдаконаи торакообдоминалӣ ва қафаси синаи Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии ба номи А.М. Дякова солҳои 1993-1997 фаъолият намудааст. Дар Академияи тиббии ба номи Сеченови шаҳри Москва рисолаи номзадиро соли 2009 ҳимоя намуда, дараҷаи унвони номзади илми тибро соҳиб мешавад.

Шариф Охунов дар мавзуи тағйиротҳои сохти бофтаҳо ва рагҳои хунгузари меъдаю рудаҳо, бемориҳои сӯхтагӣ ба анҷом расид, ки онтаваҷҷуҳи олимонро ҷалб намуд, зеро ин гуна бемориҳо то ин давра таҳқиқ нашуда буданд.[279] Соли 1982 дар мавзуи «Тайғиротҳои сохти бофтаҳо ва рагҳои хунгузари дилу шушҳо дар зери таъсири сармо» тадқиқотҳои таҷрибавӣ гузаронд.[280]

Дар рушди соҳаи тибби тоҷик ва рушди кашфиёту ихтироот дар ин самт саҳми профессор Усмон Расулов зиёд аст. Фаъолияти илмии худро Усмон Расулов солҳои 1980-1986 дар кафедраи бемориҳои амрози дохилаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикстон оғоз намуд. Барои идома додани кори илмӣ Усмон Расулов соли 1986 ба Донишкадаи тарбоди шаҳри Москва омада, дар ин ҷо таҳсилро дар докторантура идома медиҳад. Соли 1990, баъд аз ҳимояи рисолаи докторӣ мудири кафедраи бемориҳои дарунии Донишгоҳи давлатии

---

тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1999), бо медали ҷашнии «1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино» (2005) ва бо медали «Шафқат» қадр шудааст. Гадозода, Х.А. Қомусномаи Айн. –Душанбе, 2011. -С.332

279 Ахунов, Ш. Морфология сосудистого узла органов ЖКТ при ожоговых болезнях.: автореф.канд..мед..наук. 14.00.27. ТГМИ, -Душанбе, 1973.-16с.

280Аз суҳбат бо табиб, номзади илмиҳои тиб, дотсент, мудири шуъбаи момодоягии Коллеҷи тибби шаҳри Кӯлоб Ш. Охунов 15.07.2017.

тиббии Тоҷикстон таъин гардид.

Соли 1991 аз тарафи Шӯрои олимони Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба Расулов У. дараҷаи илмии профессор дода шуд. Расулов Усмон муаллифи зиёда аз 400 корҳои илмӣ, аз ҷумла 4 рисолаи илмӣ, 3 китоби дарсӣ ва 80 дастурамалҳои таълимӣ ва усулӣ мебошад. Саҳми Усмон Расулов дар омода кардани олимони ҷавон низ кам нест. Усмон Расулов дар тӯли фаъолияти илмии худ 17 номзадӣ ва 4 доктори илмро тайёр кард, ки ҳоло дар соҳаи тиб тадқиқот бурда истодаанд. Дар давоми фаъолияти кори худ Усмон Расулов 10 таклифи ратсионализаторӣ намуда, барои ду ихтироот соҳиби патент гардид.[281] Тамоми ин кашфиётҳо ва ихтироотҳо аз тарафи ташкилотҳои байналмилалии соҳаи тиб пазируфта шуданд.

Масоили қалбшиносӣ дар мадди назари олимони мо қарор гирифт ва дар ин ҷода рисолаи илмии Олимов Насимҷонро махсус қайд намудан бомаврид аст. Муваффақиятҳои Олимов Н. дар марказҳои бонуфузи тибби шаҳрҳои Москва ва Санкт Петербурги Русия эътироф гардиданд. Насимҷон Олимов соли 1999 баъди хатми аспирантураи Академияи тибии шаҳри Санкт Петербург рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Пешгирии хавфи пайдоиши номураттаби кори қалб-фибриллятсияи даҳлезӣ» дифоъ намуд. Аз соли 1999 то соли 2014 дар Маркази Ҷумҳуриявии бемориҳои дил фаъолияти худро давом дод. Баробари фаъолияти Олимов Н. инчунин пажуҳиши худро давом дода, соли 2009 дар Институти илмӣ-профилактикии шаҳри Москва доир ба масъалаи бемориҳои дил рисолаи доктириро ҳимоя кард. Аз соли 2014 то соли 2017 дар вазифаи ҷонишини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда, аз соли 2017 то соли 2019 вазифаи Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро кардааст.[282]

Тадқиқотҳои олимони тоҷик аз ҷумлаи зодагони минтақаи Кӯлоб соҳаи табобати дандонро низ фаро гирифта буд. Дар ин раванд кори

[281]http\\www.zdrav.tj - Санаи мурочиат: 20 январи соли 2020
[282]http\\moh,tj - Санаи мурочиат: 20 январи соли 2020

илмии Усмонҷон Муродовро бояд қайд намуд. У. Муродов соли 2000 ум рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Сплав на основе алюминия»-ро ба анҷом расонид ва тадқиқотҳои худро дар мавзуи рушди соҳаи табобати дандон дар Тоҷикистон идома дода истодааст.

Дар рушди дорусозӣ саҳми доктори илмҳои тиб Азонов Ҷаҳон назарас мебошад. А. Ҷаҳонов хатмкардаи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино мебошад. Мудири бунгоҳи тиббии деҳаи Лоҳури ноҳияи Данғара, ассистенти кафедраи таърихи тиб ва гигиенаи иҷтимоии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикстон, аспирант, ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ ва мудири шӯъбаи патофизиология ва фармакотерапеияи Пажӯҳишгоҳи гастроэнторологияи АИҶТ. Корманди шоистаи Тоҷикистон. Аз соли 1999 сарвари Пажӯҳишгоҳи давлатии «Ғизо»-и назди Коорпоратсияи «Хӯрокворӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷаҳон Азонов муалифи се монография, 60 мақолаи илмӣ ва зиёда 30 мақолаи илмию оммавӣ мебошад. Дар асоси корҳои илмӣ дар ҳамкорӣ бо корхонаи дорусозии Санкт-Петербург доруҳои геранол, гераноитонол, лавандуол, согд, ки хосиятҳои талхаронӣ, зиддилтиҳобӣ ва зиддиташаннуҷӣ доранд, истеҳсол карда шудааст. Бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи ӯ истеҳсоли нушобаҳои «Шоҳона», «Нозгӯл», «Чаман», марҳамҳои «Марҳами Сомонӣ», «Роҳи абрешим», «Авҷи зуҳал» пешниҳод гардид. Ҳамчунин раиси кумитаи фармакологии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дорад. Бо медали «Барои меҳнати шоён» соли 1979 қадрдонӣ шудааст.[283]

Дар самти ворид кардани навоварӣ дар соҳаи тиб саҳми дорушинос, доктори илмҳои тиб ва дорандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳаи илм ва техника, Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исуфов Саломиддин низ калон аст. Вай дар вазифаҳои Раиси кумитаи фармокопеяи Вазорати

[283]Энсиклопедияи Кӯлоб соли 2006. –С.86-87.

тандурустӣ, декани факултаи фармасевтии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон кору фаъолият карда, муалифи беш аз 100 кори илмӣ, аз ҷумла 3 рисола ва 3 ихтироот мебошад. [284]

Дар рушди соҳаи тандурустии Тоҷикистон саҳми Бердиев Намоз ҳамчун олими соҳаи химия ва биология хеле баланд аст. Бердиев Н. фаъолияти меҳнатии худро соли 1962 дар совхози Кангурт, ноҳияи Совет оғоз намуд. Соли 1967 вай дар қатори аввалин аспирантони тоҷик рисолаи номзадиро дар Донишкадаи илмӣ-тадқиқотии бойтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳимоя намуд. Солҳои 1976 то соли 1981 дар вазифаи мудири лабораторияи марказии илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абӯали ибни Сино дар шаҳри Душанбе кор кард.

Дар соли 1982 Бердиев Н. дар мавзуи «Мутобиқат ва муқобилати ҳайвонот дар шароити баландкӯҳ» рисолаи докторӣ ҳимоя кард ва дар соли 1990 унвони профессори кафедраи биология ва асосҳои генетика гардид. Дар давоми фаъолияти илмӣ ӯ беш аз 270 асар ва мақолаҳоро ба чоп расонида, дорои 8 ихтироъ ва 25 пешниҳоди ратсионалӣ мебошад. Таҳти роҳбарии ин олими машҳур 12 рисолаи номзадӣ ва 2 рисолаи докторӣ ҳимоя шудааст. Зери роҳбарии Бердиев Н. 7 китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ, 4 монография ба табъ расидааст. Барои меҳнатҳои худ Бердиев Н. бо Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (1989), «Аълочии нигоҳдории тандурустии ИҶШС» (1987), унвони фахрии «Корманди шоистаи илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1994) қадрдонӣ гардида, соли 2003 узви пайвастаи Академияи байналмилалии улум дар заминаи ҳифзи табиат гардид.[285]

Дар тадқиқи бемориҳои урологӣ саҳми табиб Мирназаров М. бузург ва шоёни таҳсин аст. Вай фаъолияти кории худро дар ноҳияи Восеъ оғоз кард. Соли 1987 бо таклиф ва пешниҳодоти табиб-уролог М.Мирназаров дар ноҳияи Восеъ шуъбаи бемориҳои урологӣ таъсис

---

[284]Энсиклопедияи Кӯлоб соли 2006. -С.212.

[285]Гадозода, Ҳ.А. Қомусномаи Айн. –Душанбе,201. -С.115

гардид. Дар баробари кор дар шуъбаи урология М.Мирназаров тадқиқотҳои илмиро дар соҳаи бемориҳои гурда давом дод. Вай махсусан, проблемаи пайдошавии санг дар гурдаро мавриди таҳқиқ қарор дод. Ин мавзуъ аз он ҷиҳат актуалӣ буд, ки обҳои ошомидании ин минтақа дар бештари маврид ҳо ба ҷамъшавии хок дар гурдаҳо сабаб мешуданд. Олими ҷавон ин масъаларо таҳқиқ намуда, рисолаи номзадиро дар мавзуи «Ҷараёни бемори ва ташхиси лаборатории омилҳои хатари сангпайдошавии узвҳои шошабарорӣ дар мардуми минтақаҳои Тоҷикистон» дифоъ кард. Мирназаров М. муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ мебошад, ки дар маҷаллаи «Тандурустии Тоҷикистон», маҷаллаҳои тиббии Русия «Урология» ва «Клиническая хирургия» ба нашр расидаанд.[286]

Тадқиқотҳо дар соҳаи осебшиносӣ низ дар минтақаи Кӯлоб рушду нумӯъ мекарданд. Махсусан дар ин самт табибони ноҳияи Восеъ бештар муваффақ гардиданд. Аз ҷумла, Қудбидин Сироҷов зодаи деҳаи Тосқалъаи ноҳияи Восеъ, дар ин самт корҳои муайянеро ба анҷом расонидааст. Вай соли 1993 дар кафедраи травматология ва ортопедии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон такмили ихтисосро оид ба тахассуси духтури осебшинос ва раддодӣ гузашт ва солҳои 1993-1995 ҳамчун духтури осебшиноси шуъбаи осебшиносии Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ кору фаъолият намуд. Бо назардошти донишу малака ӯро соли 1995 ҳамчун духтури осебшиноси шуъбаи хизмати фаврии Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии ба номи А.М. Дяков ба кор қабул намуданд.

Соли 2002 ба таҳсили ғоибонаи аспирантураи Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тиб дохил шуда, соли 2004 бо муваффақият рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Коркарди усули экспертии тарзи созгори табобати давраи сактаи бисёрсадама» ҳимоя намуд. Аз соли 2005 мудири шуъбаи осебшиносӣ ва раддодии Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломи кормандони тибби

---

[286] Ҳамон ҷо С.116

Вазорати тандурустӣ ва сарпарасти шуъбаи садамаҳои пайвастаи Маркази миллии тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дорад. Қудбиддин Сироҷов муаллифи зиёда аз 30 кори илмӣ мебошад, ки онҳо дар маҷаллаҳои тиббии дохили кишвар ба табъ расидаанд. Аз тарафи ӯ ҳашт навоварии соҳаи осебшиносӣ намуд, ки дар корҳои амалӣ татбиқ гардидаанд.[287]

Чанд тани дигар аз намояндагони тибби ноҳияи Шӯрообод ба монанди Амонулло Ғоибов, Нурали Сафаров, Асламхон Шарифов, Ҷаҳонхон Муҳаббатов, Аваз Раҳимов ва дигарон соҳиби унвонҳои доктор ва номзади илмҳои тиббӣ гардидаанд.[288] Соли 1994 табиб аз ноҳияи Ховалинг Алиев С.П. рисолаи номзадиро дар мавзуи «Эпидемияи вараҷа дар Тоҷикистон, таҳияи чораҳои мушаххас» дифоъ намудааст.[289] Инчунин табиб Зоиров П.Т. доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АИҶТ, дорандаи ҷоизаи байналмилалии ЭКО дар соҳаи илм ва техника, Аълочии тандурустии ИҶШС беш аз 290 асару мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Таҳти роҳбарии ӯ 28 нафар рисолаи номзадӣ ва 7 нафар рисолаи докторӣ дифоъ карданд. Бо ордени «Шараф» дараҷаи II қадр шудааст.[290] Табиб Ишонаков Ҳ.С. аз ноҳияи Фархор, духтури урологи дараҷаи олӣ, номзади имлҳои тиб, духтури беморхонаи марказии ноҳияи Фархор, ординатураи кафедраи урологии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи урологии Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тиб буда, рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Роҳҳои ташхису табобати бемориҳои роҳҳои пешоб, газаки рӯдаи рост дар ҳамравии ғадудҳо» дифоъ намуда, муалифи беш аз 31 мақола ва 1 дастури тавсиявӣ мебошад.[291]

Табиби тоҷик Қаҳоров А.Н. доктори илмҳои тиб, профессор, академики Академияи илмҳои байналмилалии антропологяи

[287]Гадозода, Х.А. Қомусномаи Айн. –Душанбе, 2011.
[288]Қаҳори Расулиён «Дашти Ҷум». –Душанбе, «Ирфон». 2009. –С.52.
[289] https://www.dissercat.com/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[290] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[291] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020

интегративӣ, Узви вобастаи академияи байналмилалии мактабҳои олӣ ва Академияи илмии Федератсияи Русия, Аълочии тандурустии ИЧШС, корманди шоистаи Тоҷикистон мебошад. [292] Инчунин духтур, номзади илмҳои тиб, дотсент, Қодиров Музаффар низ зиёда аз 30 асару мақолаи илмӣ оид ба масоили бемориҳои қалб ба табъ расонидааст. [293]

Духтури тахассуси дараҷаи олӣ, номзади илмҳои тиб, дотсент, Аълочии Вазорати тандурустӣ, Қосимов Азизулло дар вазифаи мудири шуъба ва муовини сардухтур оид ба табобати Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии касалиҳои пӯст ва ҷинсӣ фаъолият карда, дар мавзӯи «Хусусиятҳои паҳнкунӣ, эпидемиология, клиника ва таҷриба дар мубориза алайҳи махав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» корҳои тадқиқотӣ анҷом додааст. [294]

Донишманди дигар илми тиб Қурбонов Саид доктори илми тиб, профессор мебошад. Қурбонов Саид хатмкардаи Омӯзишгоҳи тиббии Кӯлоб ва факултети духтури атфоли Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон аст. Ассистент, аспирант, ассистенти кафедраи анатомияи одам, ҷонишини декан, дотсент, декани факултети дорусозӣ, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон оид ба корҳои таълим ва мудири кафедраи бофташиносии Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон, муаллифи беш аз 65 асари илмиву методӣ мебошад.[295]

Қурбонов Убайдулло микроҷарроҳ, ҷарроҳи тармиму пластик, доктори илмҳои тиб, ординатори клиникии кафедраи ҷарроҳии госпиталии Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон, ҷарроҳ ва мудири шуъбаи ҷарроҳии тармимӣ ва пластикӣ, муовини директори Маркази илмии ҷумҳуриявии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина солҳои 2003-2005, ректори Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон соли 2005-2010. Дар марказҳои бузуррги тиббии Русия (Москва, Санкт-Петербург), Олмон (Франкфурти лаби Майн, Гиссен ва Австрия (Залсбург) такмили

[292] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[293] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[294] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[295] https://www.tajmedun.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020

ихтисосро гузаштааст. Вай ҳар сол беш аз 300 амалиёти ҷарроҳӣ анҷом медиҳад. Дар тӯли фаъолияи кориаш беш аз 5000 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронидааст (аксари онҳо ҷарроҳиҳои нодир ва мураккаб мебошанд). Муаллифи зиёда аз 300 мақолаҳои илмӣ, 6 монография, 56 пешниҳоди ратсионализаторӣ, 10 патент мебошад. Дар соҳаи ҷарроҳии пластикӣ, реконструктивӣ ва эстетикӣ тадқиқоти илмӣ гузаронидааст.[296]

Духтури даҳонпизишк, номзади илми тиб, дотсент Муродов Усмонҷон аз шаҳри Кӯлоб. Факултети даҳонпизишкии Донишгоҳи тиббии Полтаваи Ҷумҳурии Украинаро хатм кардааст (1972). Мудири лабораторияи дандонсозии шаҳри Кӯлоб, духтури дандонсози дармонгоҳи №1 (1979 - 1980), ассистенти кафедраи даҳонпизишкии ортопедии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, сардухтури дармонгоҳи даҳонпизишкии шаҳри Душанбе, муассис ва директори генералии нахустин муассисаи даҳонпизишкии хусусии Тоҷикистон «Мармар» мебошад. Ӯ дар мавзуи «Роҳҳои такмили хадамоти даҳонпизишкии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш» пажӯҳишҳои илмӣ гузаронидааст.[297]

Табиб ва олими варзидаи соҳаи тиб Усмон Р.Р. доктори илмҳои тиб, профессор дар мавзуи «Беҳдошти амрози хун, тарбод, бемориҳои роҳи нафас, узвҳои пешоб ва ҳозима» корҳои тадқиқоти бурда, саҳми худро дар пешрафти илми тибби тоҷик гузоштааст. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб мебошад. Фаъолияти худро аз духтури маркази ёрии таъҷилии шаҳри Кӯлоб оғоз карда, ординатори клиникии кафедраи муолиҷавии назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, мудири шуъбаи ташхиси беморхонаи ҷумҳуриявии №3-и шаҳри Душанбе, аспиранти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, ассистент ва дотсенти кафедраи бемориҳои дарунӣ №1 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, корманди калони илмии Донишгоҳи тарбодшиносии АИ ИҶШС, дотсент ва мудири кафедраи бемориҳои

[296] .http://www.vestnik-ipovszrt.tj/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[297] .http://www.vestnik/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020

даруни №3 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, сармутахассиси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бемориҳои тарбод ва тарбодмонанд фаъолият кардааст.[298] Вай 400 мақолаву асарҳои илмӣ, 4 монография, 5 маҷмӯаи корҳои илмӣ чоп кардааст. 2 патент барои ихтироъ ва 10 пешниҳоди ратсионализаторӣ дорад. Таҳти роҳбарии ӯ 17 рисолаи номзадӣ ва 4 рисолаи докторӣ дифоъ карда шудаанд.[299]

Табиб Раҳмонов Р.А. низ дар инкишофи илми тибби тоҷик саҳми арзанда дорад. Ноиби президенти Академияи илмҳои тиббии Тоҷикистон доир ба мавзуи «Бемориҳои ирсӣ ва системаи асаб дар Тоҷикистон» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Муаллифи чанд китоб ва беш аз 30 мақолаи илмӣ мебошад, ки 2 мақолааш оид ба бемориҳои ирсӣ дар Тоҷикистон ба забони англисӣ дар Барселона чоп шудаанд.

Саидов Б.И. номзади илми тиб, дотсенти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон буда, муаллифи 15 мақолаи илмӣ, 2 дастури методӣ ва 2 дастури таълимӣ барои мутахассисону донишҷӯёни муассисаҳои тиббӣ мебошад. Дар мавзуи «Паҳншавӣ, сабаби пайдоиш, раванди клиникӣ, ташхис ва табобати бемории саглес» тадқиқот бурдааст.

Дотсент Хайруллоев П.Ҷ. номзади илми тиб дар омӯзиши дардҳои дарунӣ тадқиқотҳо анҷом додааст. Вай муаллифи 17 мақола ва 2 пешниҳоди навоварӣ мебошад.[300] Навовариву корҳои илмии ӯ инчунин самти истеҳсоли доруро низ фаро гирифтааст. Аз он ҷумла Халифаев Д.Р. - доктори илми дорусозӣ дар самти «Гилҳои бентонитӣ сохтор ва тадқиқи доруҳои нав дар асоси комбинатсияи маҳсулоти занбӯри асал ва консентратсияи рустаниҳои доругии Тоҷикистон, коркарди технологияи доруҳои фармасевтӣ ва парафармасевтӣ аз шираи камол (ферула)» корҳои тадқиқотӣ гузаронидааст. Халифаев Д.Р. оид ба омӯзиши ашёи доругии Тоҷикистон 150 мақолаи илмӣ, 2 монография ба

[298] http://www.vestnik/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[299] https://search.rsl.ru/ Санаи муроҷиат: 20 январи соли 2020
[300] https://search.rsl.ru/ Санаи муроҷиат: 22 январи соли 2020

табъ расонидааст.

Аксар мақолаҳои Халифаев Д.Р. дар нашрияҳои берун аз Тоҷикистон чоп шуда, бо роҳбарии ӯ 4 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.[301] [302] Инчунин, дар риштаи дорусозӣ корҳои илмии номзади илми фармасевтӣ Холназаров Б. М. ва монографияи вай «Фаъолияти фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи маводи доруворӣ дар ҷумҳурӣ, феҳристи давлатии маводи доруворӣ ва молҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аҳамияти калон доранд. Вай муаллифи 15 мақолаи илмӣ, мураттиби 3 китоб ва узви ҳайати мушовараи маҷаллаи «Дору ва саломатӣ» мебошад. [303]

Тадқиқотҳои олимони тоҷик, аз ҷумла, зодагони минтақаи Кӯлоб соҳаи дандонпизишк, бемориҳои қалб, онкология, анестизиология, барқароркунӣ ва дигар соҳаҳои тахассусиро фаро гирифтанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тибби тоҷик дар арсаи ҷаҳон мавқеи сазоворро ишғол кардааст. Таъсисёбии системаи илми тибби тоҷик дар замони Шӯравӣ имкон дод, ки масъалаи таъмини соҳа бо мутахассисон ҳаллу фасл гардад ва мактаби миллии омодасозии кадрҳои соҳаи тиб мустақилона фаъолият намояд. Илова бар ин, бо афзоиши шумораи олимон соҳаи тиб дар шакли илми муосир ривоҷу равнақ пайдо мекунад ва дар асоси илми соҳа ва дастгирии олимони тоҷик тадқиқотҳои мустақилона дар роҳи омӯзиши бемориҳои сироятии минтақа ва муайян кардани роҳҳои табобати онҳо ба роҳ монда шуд.

Дар хулосаи зербоб, қайд менамоем, ки омӯзиш ва таҳқиқи саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нуктаҳои калидии рисолаи мазкурро ташкил медиҳад. Зеро тадқиқоти ин масъала имкон дод, то ки хизматҳои олимони варзидаи соҳаи тиб дар баробари таърихи соҳа баррасӣ карда шавад. Муайян карда шуд, ки алоқаи илм ва соҳаи тиб ба дараҷаи

---

[301] https://dissercutl.ru/ Санаи муроҷиат: 6 январи соли 2020
[302] Ҳамонҷо: -С.53.
[303] http://medical-diss.com/ Санаи муроҷиат: 2 январи соли 2020

баланди инкишофи худ расид ва барои равнақ додани соҳа минбаъд дар дохили ҷумҳурӣ базаи мукаммали илмӣ-тадқиқотии соҳаи тиб таъсис гардид ва ин ба истиқлолияти пурраи тибби Тоҷикистон овард.

Бо таъсисёбии шароити моддӣ ва маънавии рушди илми тиб, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз тавлидкунандагони калонтарин мутахассисони соҳаи тиб дар минтақа табдил ёфт. Дар Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе намояндагони халқҳо ва миллатҳои гуногуни давлатҳои ҳамсоя таҳсил мекунанд, ки ин худ далел аз пешравии соҳаи тиб дар Тоҷикистон мебошад.

# Хулоса

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Тибби тоҷик аз замони давлатдории Ҳахоманишҳо оғоз шуда, таърихи чандинҳазорсола дорад ва дар тӯли таърихи худ номҳо ва шахсиятҳои зиёдро офарид, ки дар инкишофи тибби ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд. Аммо дар рисолаи мазкур мо танҳо як қисмати таърихи онро мавриди омӯзиш қарор додем, ки он солҳои 1924 то соли 1991-ро дар бар мегирад. Барпошавии системаи тибби замонавӣ ба давраи душвори ҷанги гражданӣ - солҳои 20 рост омад. Аммо ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, бо барпошавии ҳокимяти Шуравӣ дар муддати хеле кӯтоҳ барои сохтмони тибби замонавӣ замина гузошта шуд. Муҳимтарин қадам дар ин самт кушода шудани Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе буд, ки он дар солҳои минбаъда маркази бузургтарини илми тиб, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Миёна гардид [1-М].

Таъсисёбии системаи тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб бо барпошавии ҳокимияти Шуравӣ рост омад ва аввалин табибон дар ин минтақа маҳз табибони ҳарбии Артиши Шуравӣ буданд. Аммо ба пешрафти минбаъдаи он монеаҳо кам набуданд ва яке аз ҳамин онҳо ҷанги шаҳрвандӣ ва мубориза бо дастаҳои босмачигарӣ буд, ки ҳаматарафа пеши роҳи ҳар гуна навовариҳои давлати Шуравиро мегирифтанд. Баъди торумор шудани босмачиён давлати Шуравӣ дар қатори аввалин вазифаҳо мубориза бар зидди касалиҳои сироятиро пеш гузошт, зеро онҳо тамоми минтақаи субтропикии Кӯлоб ва умуман ҷануби Тоҷикистонро фаро гирифта буданд. То соли 1940 ба нақша гирифта шуд, ки дар давоми як сол таъмини соҳаи тандурустии вилоят бо кадрҳо ва таҷҳизоти техникӣ ба пуррагӣ анҷом хоҳад ёфт. Аммо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ иҷрои нақшаҳоро ба таъхир гузошт. Дар давоми чор сол аксарияти мутахассисон, ки аз шаҳрҳои Русия ба Тоҷикистон омада буданд, ҳудуди вилоятро тарк карда, ба ҷанг

сафарбар гардиданд. Ба тамоми бадбахтиҳои ин ҷанг нигоҳ накарда, он барои илми тибби Шуравӣ, минҷумла Тоҷикистон, як имтиҳоне буд. Дар ин давра аз хатти фронт ба Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон госпиталҳо кӯчонида шуданд, ки дар онҳо чандин кадрҳои ҷавон дар табобати ярадорони ҷанг дар баробари олимон ва профессорони соҳаи тиб ҷасурона меҳнат карда, дониши тиббии худро сайқал медоданд. Аз ҳамин ҷиҳат кӯчонидани госпиталҳо ба Осиёи Миёна ва бахусус ба Тоҷикистон барои рушди соҳаи тиб аҳамияти калон дошт. Дар давоми фаъолияти ин госпиталҳои ҳарбӣ шумораи зиёди кормандони тиб ба воя расиданд ва соҳиби таҷрибаи бойи тибби ҳарбӣ гардиданд [1-М, 3-М].

Кору фаъолияти кормандони соҳаи тиб дар вилояти Кӯлоб бо душвориҳои зиёд пеш мерафт. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин минтақа бо таъсири уламои дин ҳама гуна намуди тиб маҳв карда мешуд. Аҳволи тибби то давраи Инқилоб дар ҳолате қарор дошт, ки дар он аз тибби мардумӣ нишоне намонд. Таърихи тибби ин минтақа ба таърихи муборизаҳо шабоҳат дорад. Аз аввали солҳои 20 сар карда дар ин минтақа табибон ҳамеша дар сафи пеши мубориза бар зидди ҳар гуна эпидемия ва бемориҳои маҳвкунанда буданд. Дар давоми даҳсолаҳо ва бештар аз ин мубориза бар зидди бемориҳои сироятии сил, вараҷа (табларза), куфт ва дигар бемориҳои сироятӣ идома ёфт. Хуруҷи ин бемориҳо ҳатто дар солҳои 70 низ мушоҳида гардид [5-М].

Дар солҳои 80 тибби Тоҷикистон ба давраи авҷи инкишофи худ расид. Дар ин давра таъмини беморхонаҳо бо кадрҳои баландихтисос, технологияи нав ва ихтисосҳои нави замонавӣ ба роҳ монда шуданд. Дар дохили шуъбаҳои анъанавӣ, шуъбаҳои нав, ба монанди кардиология, онкология, травматология, реаниматология ва анестезиология таъсис шуданд, ки ин кори табибонро осон гардонда, сифати хизматрасониро беҳтар намуд [7-М].

Хусусияти методологии ин кор имкониятҳои нав барои тадқиқотҳои синхронии таърихи Тоҷикистон фароҳам мекунад. Таърихи тибби Тоҷикистон дар баробари дигар тадқиқотҳои илми таърих, ки соҳаҳои

алоҳидаи рушди Тоҷикистонро дар замони Шуравӣ меомӯзанд, доираи донишҳоро доир ба ин давра васеъ ва факту рақамҳои навро рӯи кор меорад.

Таърихи тибби замонавии Тоҷикистонро дар мисоли вилояти Кӯлоб таҳлил намуда, саҳми халқҳои Иттиҳоди Шуравиро низ бояд ёдрас шуд. Ҳеҷ шубҳае нест, ки нақши сохти Шуравӣ ва халқи рус дар таъсиси тибби замонавӣ аз ҳама омили асосӣ ба шумор мерафт. Бе ин сохт ва бе кумаки кадрҳои рус иҷрои ин вазифаҳои азим ғайримумкин буд. Барои исбот кардани ин андеша ҳаёти мардуми Афғонистонро, ки дар рӯ ба рӯи ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба таври муқоиса овардан мумкин аст. Он муваффақиятҳое, ки тибби тоҷик дар соли 1950 ба даст овард, аҳолии вулусволиҳои он тарафи дарё имрӯз ҳам ноил нашудаанд. Он дардҳое, ки дар соли 1940 дар вилояти Кӯлоб аз байн бардошта шуданд, дар Афғонистони имрӯза ҳоло ҳам мушоҳида мешаванд. Шумораи беморхонаҳо, духтурон ва ҳамшираҳои тиббӣ, ки дар соли 1940 дар вилояти Кӯлоб амал мекарданд, барои вулусволиҳои сарҳадии Афғонистон ҳоло ҳам муаммои ҳалношуданӣ маҳсуб мешаванд. Тавассути эмкунии умумии аҳолӣ дар солҳои 40-50 асри XX аксари бемориҳо, ба монанди обпартояк, рахит, вараҷа (табларза) ва дигар бемориҳои сироятӣ аз байн бурда шуданд [4-М, 5-М, 8-М, 10-М].

Дар солҳои 70 таъмини пурраи соҳаи тиб бо кадрҳои маҳаллӣ анҷом ёфт ва дар ин солҳо давраи тадқиқотҳои олимони тоҷик дар омӯзиши тибби замонавӣ оғоз гардид. Дар баробари ҳамин системаи кори соҳаи тиб низ ба куллӣ тағйир ёфт ва пешгирии бемориҳо яке аз принсипҳои асосии тибби ин давра ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, тамоми сиёсати давлат маҳз ба ташвиқоти тарзи ҳаёти солим ва варзиш равона гардид. Дар ин роҳ ҳамкории сохторҳои соҳаи тандурустӣ бо идораҳои системаи варзиш, иттифоқҳои касаба, ташкилоти ҷавонон, ташкилотҳои соҳавӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши асосӣ дошт. Маҳз тавассути ташвиқот ва кори идеологӣ-тарбиявӣ дар байни мардум ва ҷалби васеи аҳолӣ ба мубориза бар зидди ҳар гуна эпидемияҳо ва

сироятҳо аз байн бурдани онҳо имконпазир гардид. Шакли муҳими иштироки аҳолӣ дар маҳви бесаводӣ дар соҳаи тиб, ҷалб кардани мардум ба корҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тиб, таъсиси постҳои санитарӣ, баровардани варақаҳо, рӯзномаҳои деворӣ, гузаронидани рӯзҳои санитарӣ ва дигар чорабиниҳо буданд [1-М, 4-М, 5-М, 8-М, 10-М].

Илова бар ин, методи ташхиси пешакӣ ва табобати диагностикӣ роҳи муҳимми хизматрасонии тиббӣ ба шумор мерафт. Дар ин самт ҷалби аҳолӣ ба истироҳат дар санаторияҳо ва табобатхонаҳои табиӣ нақши муҳим бозид. Тарафи дигари мубориза бар зидди бемориҳоро риояи тозагии гигиенӣ ва қоидаҳои санитарӣ дар хонаҳо, маҳаллаҳо, шахр ва деҳот ташкил медод. Бо ҳамин мақсад дар замони Шуравӣ ба тартиби нақшаҳои сохтмонӣ идораҳои назоратии тартиботи санитарӣ бештар ҷалб мешуданд. Барои таҳти назорати тиббӣ гирифтани саломатии аҳолӣ системаи мукаммали хизматрасонӣ тартиб дода шуд, ки он тамоми табақаҳои аҳолиро бо синну соли гуногун дар бар гирифт. Аз давраи таваллуд кӯдакон зина ба зина аз муоинаи кӯдакӣ ба бачагона, аз бачагона ба наврасӣ ва аз наврасӣ ба клонсолон гузаронида мешуданд. Чунин система имкон медод, ки таърихи бемории ҳар як шаҳрванд доимо дар зери назорати табибон қарор гирад [5-М, 8-М, 9-М, 10-М].

Сиёсати давлатии соҳаи тиб, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаро ба роҳ монда буд. Аз соли 1939 дар Тоҷикистон Донишгоҳи тиббӣ ба фаъолият оғоз намуд. Кушода шудани ин донишгоҳ барои омода намудани кадрҳои соҳаи тиб хизмати калон расонид. Солҳои 60-70-ум масъалаи таъмини системаи тибби Тоҷикистон бо кадрҳои маҳаллӣ ба пуррагӣ ҳал гардид. Дар баробари ҳамин дар омӯзишгоҳҳои тиббии Тоҷикистон кормандони зинаи миёна ва ҳамшираҳои тиббӣ тайёр мешуданд, ки нақши онҳо низ дар равнақ ёфтани соҳаи тиб шоистаи таҳсин аст [1-М, 3-М, 6-М, 10-М].

Аммо муҳимтарин дастоварди тибби вилояти Кӯлоб раҳоӣ ёфтани аҳолӣ аз бемориҳои сироятии карантинӣ мебошад, ки бисёре аз халқҳои ҷаҳон то ба имрӯз ба ин бемориҳо гирифтор мешаванд ва даҳҳо ҳазор

нафар ҳар сол аз ин бемориҳо ҳалокат мегарданд. Дар баробари ҳамин бояд қайд намуд, ки системаи тибби ройгон дар Иттиҳоди Шуравӣ шароити баробарро барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дар роҳи гирифтани табобат таъмин намуд ва ин бевосита хизмати асосии тибби Шуравӣ барои мардуми Тоҷикистон ба шумор меравад [4-М, 5-М].

Тадқиқоти рисолаи мазкур муайян намуд, ки таърихи тибро танҳо дар доираи таърихи ҷомеа ва сиёсати давлат бояд омӯхт, зеро рушду инкишофи илми тиб аз муносибати давлат вобастагии зич дорад. Мавзуи таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба хулосае овард, ки таҳқиқи ин масъала барои пешрафти илми таърих ва махсусан таърихи соҳаи тибби тоҷик мусоидат мекунад. Муҳимияти илмии мавзуи мазкурро дар рисола пурра собит намуда, алоқамандии таърихи он бо системаи сиёсӣ, сохтори идоракунии Шуравӣ аз нуқтаи назари илмӣ- муқоисавӣ таҳлил гардид [12-М, 13-М, 15-М].

Дар баробари ин, дар рисола даврабандии таърихи тиб, методологияи таҳлил, муқоисаи давраҳои инкишоф дар асоси маводҳои бойгонӣ, факту далелҳои таърихӣ ва хотираҳои иштирокчиён дар давоми давраи солҳои 1924-1991 дар доираи таърихи Тоҷикистон таҳқиқ шуда, муайян карда шуд, ки омилҳои асосии ба амал омадани аксарияти бемориҳои минтақаро алоқамандии иқлим ва инсон, шароити зиндагии мардум, тарзи ҳайёти солим ва дигар нуқтаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд [1-М, 3-М, 5-М].

Нуқтаи муҳими рисоларо таҳлили сарчашмаҳо ва корҳои илмии олимон ки дар соҳаи тиб ва таърихи он фаъолият намудаанд, ташкил медиҳад. Ҳамчун ҷанбаи методологӣ ин самт дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ ҷои муҳимро ишғол карда, асарҳои олимон ба монанди Б.Ғафуров, Масов Р.М., Абулҳаев Р.А., Я.Т. Тоҷиев, Марченко М.А., Н.Ҳотамов, Сечкина Л.П. ва дигарон мавриди истифода қарор дода шуданд. Ҳамчунин аҳаммияти ин тадқиқот дар ҷамъоварии маводҳои

бойгонӣ зоҳир мегардад, зеро тамоми таҳлили мантиқӣ бо фактҳои дақиқи маълумотҳои бойгонӣ асоснок карда шуданд.

Дар рисола инчунин барои иҷро кардани мақсади гузошташуда таҳлили воқеаҳои сиёсӣ ба монанди барпокунии ҳокимияти Шуравӣ, давраи таъқиботи солҳои 30, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, давраи бозсозӣ ва таъсири онҳо ба сиёсати давлат дар соҳаи тиб нишон дода шуд.

Таърихи таъсисёбӣ, инкишоф ва корнамоиҳои кормандони соҳаи тибро дар вилояти Кӯлоб таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо омадем:

- барпокунии ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаи Кӯлоб аввалин омили таъсисёбии тибби замонавӣ ба шумор меравад, зеро маҳз баъди барпошавии ҳокимяти Шуравӣ кори муассисаҳои тиббии вилоят оғоз гардид;

- солҳои аввали фаъолияти табибон дар ҳудуди минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон бо мубориза шадид бар зидди бемориҳои сироятӣ алоқа дорад ва дар ин роҳ табибони рус ва дигар халқҳои бародар саҳми босазо гузоштанд;

- оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои тибби вилояти Кӯлоб имтиҳони ҷиддӣ буд ва дар ин давра муборизаи табибон дар ду фронт амалӣ мешуд: қисми асосии табибон дар госпиталҳои ҳарбӣ бо муолиҷаи аскарони ярадори Армияи Сурх банд буданд ва қисми дигари табибон дар ақибгоҳ бо паҳншавии бемориҳои сирояткунанда мубориза мебурданд;

- муҳимтарин марҳилаи таърихи тибби вилояти Кӯлоб ин давраи ташаккули кадрҳои маҳаллӣ буд, ки он аз солҳои 50-ум оғоз гардид ва дар солҳои 60-ум аллакай дар системаи тибби вилоят аввалин мутахассисони соҳаи тиб аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ба кор шуруъ намуданд;

- дар марҳилаи охирони таърихи тибби Шуравӣ - дар солҳои 70-80 асри XX тибби вилоят бо техникаи муосир таъмин гардид ва бемориҳои карантинӣ аз байн бардошта шуданд. Дар ин давра аз ҳисоби кадрҳои

маҳаллӣ олимони соҳаи тиб баромаданд ва тибби тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуданд;

- таърихи тибби вилоят, таҷриба ва қаҳрамониҳои табибони даврони гузашта барои табибони имрӯза ҳамчун дастури методӣ, роҳнамо ва илҳомбахши корҳои оянда хидмат хоҳад кард ва табибони ҳозира идомадиҳандагони таърихи тибби минтақаи Кӯлоб буда, онро дар замони муосир дар шароити тибби даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ва инкишоф хоҳанд дод.

Дар рисола сиёсати давлати Шуравӣ дар роҳи таъмини минтақаи Кӯлоб бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб ва ташаккулёбии соҳаи тандурустии минтақаи мазкур аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ таҳлил карда шуд ва дар ин самт муайян гардид, ки ба таври оммавӣ воридшавии мутахассисони маҳаллӣ ба системаи тиб танҳо дар солҳои 60-70 асри XX оғоз гардид, зеро дар ин давра системаи тайёркунии кадрҳои соҳаи тиб дар донишгоҳҳо, омӯзишгоҳҳо ва техникумҳои тиббӣ васеъ ба роҳ монда шуд. Аз ҳамин лиҳоз дар рисола дар қисми алоҳида сиёсати кадрҳо ва саҳми мутахассисон ҳамчун зербоби алоҳида таҳқиқ шуда, муайян гардид, ки дар соҳаи тиб на танҳо табибони тоҷик, балки олимони соҳаи тиб саҳми арзанда доштанд [2-М, 4-М, 5-М, 7-М].

Тамоми ҷанбаҳои дар рисола таҳқиқшуда – таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб, рушди соҳаи мазкур дар солҳои 40 асри XX ва давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инкишофи соҳа дар солҳои баъдиҷангии 50-60 асри XX ва сиёсати ИҶШС дар давраи солҳои 1970-1991 ба он оварданд, ки пояи бузурги илмӣ барои инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон гузошта шуд, ки шухрати калонро дар дохил ва хориҷи кишвар пайдо намуданд [1-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Маводҳои омӯхташудаи мавзуи «Таърихи тибби минтақаи Кӯлоб»-ро ҷамъбаст намуда, барои пешрафти соҳаи тиб ва омӯзиши минбаъдаи он таклифҳои зеринро пешниҳод мекунем:

1. Минтақаи Кӯлоб аз ҷиҳати иқлим, шароити табиӣ ва ҳамсарҳад будан бо ҷумҳурии Афғонистон минтақаи осебпазир барои сар задани бемориҳои сирояткунанда маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, табибон ва кормандони сохторҳои давлатии ин минтақа бояд таҷрибаи тибби замони Шуравиро барои худ ҳамчун дастурамал гирифта, аз таърихи қаҳрамониҳои табибон дар солҳои 20-50-уми асри XX воқиф бошанд, ки дар роҳи аз байн бурдани бемориҳои карантинӣ ба монанди вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ ҷонфидоӣ карданд. Дар ин роҳ табибони имрӯза бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд, то ки ба аз сари нав сар задании бемориҳои карантинӣ дар ин минтақа роҳ надиҳанд.

2. Ба тамоми сохторҳои соҳаи маориф ва шуъбаи тандурустии вилоят тавсия дода мешавад, ки таҷрибаи замони Шуравиро дар омода кардани кадрҳои боихтисос аз байни аҳолии маҳаллӣ идома диҳанд.

3. Инчунин, барои пешрафти соҳаи тиб кори илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб бо истифода аз таҷрибаи таърихи гузашта ва бо истифода аз дастовардҳои замони муосир идома дода шавад.

